**ISSN 2414 9217**

# ДАВЛАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ ИНСОН

**Маҷаллаи илмӣ-амалӣ**

# ГОСУДАРСТВОВЕДЕНИЕ И ПРАВА ЧЕЛОВЕКА

**Научно-практический журнал**

**№2(02).2016**

**ДАВЛАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ ИНСОН**
**Маҷаллаи илмӣ-амалӣ**

**ГОСУДАРСТВОВЕДЕНИЕ И ПРАВА ЧЕЛОВЕКА**
**Научно-практический журнал**

**2(02) выпуск**
**2016**

**Издание зарегистрировано в Министерстве культуры Республики Таджикистан за № 0249/МҶ от 20 января 2016 года**

**Журнал выходит с 2016 года. Издается 4 раза в год.**

***Учредитель: Таджикский национальный университет***

| | |
|---|---|
| **Главный редактор:** | **Азизов У. А., д. ю. н., профессор** |
| **Заместитель главного редактора:** | **Диноршоев А. М., д. ю. н., профессор** |
| **Ответственный секретарь:** | **Салохидинова С. М** |

**Члены редколлегии:**

| | |
|---|---|
| **Имомзода М. С.** | **академик Академии наук РТ, д. ф. н., профессор** |
| **Махмудзода М. А.** | **академик Академии наук РТ, д. ю. н., профессор** |
| **Тахиров Ф. Т.** | **академик Академии наук РТ, д. ю. н., профессор** |
| **Авакьян С. А** | **д. ю. н., профессор** |
| **Ализода З. М.** | **д. ю. н., профессор** |
| **Зоиров Дж. М.** | **д. ю. н., профессор** |
| **Насриддинзода Э. С.** | **д. ю. н., профессор** |
| **Нуриддинов Р.** | **д. п. н., профессор** |
| **Сативалдыев Р. Ш.** | **д. ю. н., профессор** |
| **Золотухин А.** | **д. ю. н., доцент** |
| **Сафарзода Б. А.** | **д. ю. н., профессор** |
| **Рахмон Д. С.** | **к. ю. н., доцент** |
| **Джамшедов Дж. Н.** | **к. ю. н., доцент** |
| **Камолзода И. И.** | **к. ю. н., доцент** |
| **Павленко Е. М.** | **к. ю. н., доцент** |

**Научное редактирование и корректура:**
**Холова Н. Р., Нематова М. А.**

**ISSN 2414 9217**

# СОДЕРЖАНИЕ

## АКТУАЛЬНЫЕ ВОПРОСЫ ТЕОРИИ ГОСУДАРСТВА И ПРАВА


| | | |
|---|---|---|
| Сативалдыев Р. Ш. | АНДЕШАИ «ДАВЛАТИ ИҶТИМОӢ» ДАР АФКОРИ СИЁСИВУ ҲУҚУҚИИ ФОРСУ ТОҶИК | 5 |
| Холиксода А. Г. | ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ ВА МУШКИЛИҲОИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ФИКРӢ | 14 |
| Шарифзода С. Ш. | ҲИМОЯИ ҲУҚУҚҲОИ ИНСОН ДАР НИЗОМИ ФУНКСИЯҲОИ ДАВЛАТ | 23 |
| Ибрагимов Д. К. | ЕДИНОЕ ИНФОРМАЦИОННОЕ ПРОСТРАНСТВО КАК СФЕРА РЕАЛИЗАЦИИ ИНФОРМАЦИОННО-КОММУНИКАТИВНОЙ ФУНКЦИИ | 29 |


## СТРАНИЦЫ ПРАВОВОЙ ИСТОРИИ


| | | |
|---|---|---|
| Шоев Ф. М. | ПРАВОВОЕ ПОЛОЖЕНИЕ ХАКИМОВ В УЧЕНИИ МУХАММАДА ГАЗАЛИ | 33 |


## АКТУАЛЬНЫЕ ПРОБЛЕМЫ ОСНОВ КОНСТИТУЦИОННОГО СТРОЯ. ГОСУДАРСТВЕННОЕ СТРОИТЕЛЬСТВО

.


| | | |
|---|---|---|
| Имомов А. И. | ПАРЛУМОНГАРОӢ ВА ТАЪИНОТИ ОН | 40 |
| Алимов С. Ю. | ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ КОНСТИТУЦИОННЫХ ОСНОВ СОЦИАЛЬНОЙ ПОЛИТИКИ СТРАН СНГ В СФЕРЕ ЗАЩИТЫ ВЕТЕРАНОВ БОЕВЫХ ДЕЙСТВИЙ | 50 |
| Саиданваров К. Д. | ФОРМИРОВАНИЕ ОРГАНОВ ГОСУДАРСТВЕННОГО УПРАВЛЕНИЯ ПО ВОПРОСАМ БЕЖЕНЦЕВ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН | 56 |
| Наимов Б. Г. | МАФҲУМ ВА НАМУДҲОИ ИҶОЗАТНОМА (ЛИТСЕНЗИЯ) МУВОФИҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 64 |
| Якубова С. Н. | ОСОБЕННОСТИ ПРЕДСТАВИТЕЛЬНОЙ ФУНКЦИИ МАДЖЛИСИ ОЛИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН | 70 |
| Имомов Х. Ш. | ВОПРОСЫ СТАНОВЛЕНИЯ И ЭВОЛЮЦИИ ПОЛИТИЧЕСКИХ ПАРТИЙ КАК КОНСТИТУЦИОННО-ПРАВОВОГО ИНСТИТУТА | 74 |
| Табаров Н. А. | ҲУҚУҚИ МУРОФИАВИИ МАЪМУРӢ ҲАМЧУН СОҲАИ МУСТАҚИЛИ ҲУҚУҚИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 78 |
| Авзалов А. Х. | ТАКМИЛИ НИЗОМИ СУДИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУТОБИҚИ БАРНОМАИ ИСЛОҲОТИ СУДӢ-ҲУҚУҚӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 84 |
| Диноршоев А. М.<br>Салохидинова С. М. | ВОПРОСЫ КОНСТИТУЦИОНОГО ЗАКРЕПЛЕНИЯ ПРАВА НА ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКУЮ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ В КОНСТИТУЦИИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН 1994 ГОДА | 91 |


## ПРАВА ЧЕЛОВЕКА


| | | |
|---|---|---|
| Раджабов С. А. | ДАХЛНОПАЗИРИИ ҲУҚУҚҲОИ ФИТРИИ ИНСОН ДАР ЛОИҲАИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА КОНСТИТУТСИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 98 |

| | | |
|---|---|---|
| **Миралиев И. К.** | **ТЕОРИИ О ВЗАИМОСВЯЗИ ПРАВ ЧЕЛОВЕКА И ГОСУДАРСТВА: ГЕНЕЗИС И ТРАНСФОРМАЦИЯ ИДЕЙ** | **103** |
| **Саидов И.И.** | **ҲОЛАТИИ ИҶРОИ УҲДАДОРИҲОИ БАЙНАЛХАЛҚИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР РОБИТА БА ОЗОДИИ СУХАН (МОДДАИ 19 ПБҲШС)** | **112** |
| **Эльназаров Д. Х.** | **НЕКОТОРЫЕ ОСОБЕННОСТИ КОНСТИТУЦИОННО-ПРАВОВЫХ АСПЕКТОВ ГАРАНТИИ ГОСУДАРСТВЕННОЙ ЗАЩИТЫ ПРАВ И СВОБОД ЧЕЛОВЕКА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН: ВОПРОСЫ ТЕОРИИ И ПРАКТИКИ** | **119** |

**КОНСТИТУЦИОННОЕ ПРАВО И СМЕЖНЫЕ ОТРАСЛИ ПРАВА**

| | | |
|---|---|---|
| **Назаров А. К.<br>Насриддинов М** | **ТАЪИН ВА ГУЗАРОНИДАНИ ЭКСПЕРТИЗАҲОИ СУДӢ-ТИББӢ, СУДӢ-ПСИХИАТРӢ ДАР РАВАНДИ ТАФТИШИ ҶИНОЯТ** | **126** |
| **Назаров А. К.** | **МЕХАНИЗМИ СОДИРШАВИИ ҶИНОЯТҲОИ БА ҶИНОЯТИ САВДОИ ОДАМОН АЛОҚАМАНД** | **133** |
| **Сулаймонов Ф. С.** | **КОНСТИТУЦИЯ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН И ГРАЖДАНСКИЙ КОДЕКС РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН: ЭССЕ О «СКРЫТЫХ» КОЛЛИЗИЯХ** | **141** |
| **Раджабов М. Н.** | **АСОСХОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ-ҲУҚУҚИИ ҲАМКОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО СОЗМОНҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ МУҲОҶИРАТ ДАР САМТИ МУҚОВИМАТ БО САВДОИ ОДАМОН** | **146** |

**ТРИБУНА МОЛОДЫХ УЧЕНЫХ**

| | | |
|---|---|---|
| **Одиназода С.** | **КОНСТИТУЦИОННО-ПРАВОВОЕ ЗАКРЕПЛЕНИЯ СВОБОДЫ СОВЕСТИ И ВЕРОИСПОВЕДАНИЯ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН** | **152** |

**ТРЕБОВАНИЯ К СТАТЬЯМ СОИСКАТЕЛЕЙ, АСПИРАНТОВ, ДОКТОРАНТОВ ДЛЯ ПУБЛИКАЦИИ В ЖУРНАЛЕ «ГОСУДАРСТВОВЕДЕНИЕ И ПРАВА ЧЕЛОВЕКА»** **156**

**Актуальные вопросы теории государства и права**

# АНДЕШАИ «ДАВЛАТИ ИҶТИМОӢ» ДАР АФКОРИ СИЁСИВУ ҲУҚУҚИИ ФОРСУ ТОҶИК

# ИДЕИ «СОЦИАЛЬНОГО ГОСУДАРСТВА» В ТАДЖИКСКО-ПЕРСИДСКОЙ ПОЛИТИКО-ПРАВОВОЙ МЫСЛИ

**Сативалдыев Р. Ш.,**
заведующий кафедрой теории и истории государства и права юридического факультета Таджикского национального университета, доктор юридических наук, профессор.
e-mail: www-rustam-tj@mail.ru

**Научная специальность:** 12.00.01 – теория и история права и государства; история учений о праве и государстве

*Аннотация.* В статье раскрываются идейные истоки, социальные предпосылки и этапы развития идеи и теории социального государства в странах Запада, исследуется своеобразие формирования и идейного выражения идеи «социального государства» в трудах персидско-таджикских мыслителей. Анализируются взгляды персидско-таджикских мыслителей о государстве, его социальном назначении и социальной функции в рамках концепции «добродетельного государства».

*Ключевые слова*: государство, социальное государство, этическое государство, добродетельное государство, социальные задачи государства, права человека.

# THE IDEA OF «SOCIAL STATE» IN THE TAJIK-PERSIAN POLITICAL AND LEGAL THOUGHT

**Sativaldyev R. SH.,**
Head of the Departament of Theory and History of State and Law of the Law Faculty, Tajik National University, Doctor of Legal Sciences, Professor.
e-mail: www-rustam-tj@mail.ru

**Scientific specialty:** 12.00.01 — theory and history of the law and state; history of the doctrines of the law and state

*Annotation.* In the article the theoretical headwaterses, social premiseses and stages of the development of the ideas and theories of social state in the country of the West are opened, examineed specifics of the shaping and theories of the expression of the ideas «social state» in works of the persian-tajik thinkers. The views of persian-tajik thinkers about the state, its social purpose and social function within the framework of concept «virtuous state» are analysed.

*Keywords*: the state, social state, ethical state, virtuous state, social tasks of the state, human right.

Тавре маълум аст, дар назарияи муосири давлат ва ҳуқуқ, алалхусус дар афкори Ғарб пайдоиши назарияи давлати иҷтимоиро бо марҳилаи муосири инкишофи давлатдорӣ, аниқтараш бо марҳилаи эълон гаштани ҳуқуқҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангии инсон вобаста мекунанд. Тибқи андешаи

муҳаққиқон, пас аз эътирофи конститутсионии ғояи «давлати иҷтимоӣ» назарияи давлати иҷтимоӣ эътибори қонуниро касб мекунад. Ҳамзамон маълум аст, ки худи андешаи давлати иҷтимоӣ дар афкори Ғарб таърихи тӯлонӣ дошта, оид ба он мутафаккирону файласуфони зиёд ибрози ақида намудаанд. Аз ҷумла, яке аз поягузорони андеша ва назарияи давлати иҷтимоӣ дар тамаддуни ғарбӣ мутафаккири Фаронса Лоренс фон Штейн маҳсуб мешавад.

Қабл аз сабти конститутсионии ғояи «давлати иҷтимоӣ», ки пас аз Ҷанги Дуюми Ҷаҳон ба вуқӯъ мепайвандад, андешаҳо оид ба давлатдории иҷтимоӣ ҷой доштанд ва давраҳои гуногуни таҳавулоти таърихиро паси сар намудаанд. Бар замми ин, андешаи давлати иҷтимоӣ дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ, дар робита бо воқеияти давлатӣ ва шароити таърихӣ инкишоф ёфта, дар назарияҳои мухталифи мутафаккирону файласуфон хусусиятҳои алоҳидаи худро касб намудааст. Аз ҷумла, назарияи Л. Штейн аз назарияҳои дигар, бахусус назарияҳои муосири давлати иҷтимоӣ фарқ дорад. Илова бар ин, дар замони шӯравӣ давлатдории иҷтимоӣ, ки бахри таъмини ҳуқуқҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ фаъолият дошт, шаклҳои ба худ хоси зуҳурот дошт.

Мақсади мақолаи мазкур рӯшан намудани хусусиятҳои назарияҳои мухталифи ғарбии давлати иҷтимоӣ нест. Таҳлили ин масъалаи назариявӣ таҳқиқи алоҳидаро талаб мекунад. Дар ин мақола сухан дар хусуси таҳаввули андешаи давлати иҷтимоӣ дар афкори сиёсиву ҳуқуқии форсу тоҷик меравад. Танҳо бо як минтақаи Ғарб вобаста намудани пайдоишу инкишофи таърихии андешаи «давлати иҷтимоӣ» аз лиҳози илмӣ ва таҷрибаи сиёсӣ чандон дуруст нест. Мутафаккирони форсу тоҷик низ ба дарки моҳият ва паҳлуҳои ҷудогонаи давлат, аз он ҷумла вазифаҳои иҷтимоии давлат таваҷҷуҳи зиёд медоданд. Айни замон инкишофи таърихӣ, мазмун ва шаклҳои ифодаи андешаи «давлати иҷтимоӣ» дар асарҳои мутафаккирони форсу тоҷик дар тансуб бо афкори Ғарб хусусиятҳои вежаи худро дорад.

Аз ҷумла, дар назарияи фалсафӣ-ахлоқии файласуфони Шарқ (Форобӣ, Ибни Сино ва диг.) андешаи давлати иҷтимоӣ дар иртибот бо ғояи «давлати намунавӣ» пешбарӣ мешавад. Дар фиқҳи исломӣ андешаи «давлатдории иҷтимоӣ», ки ҷузъи назария ва амалияи давлати исломӣ, аз ҷумла дар бахши фаъолияти иҷтимоӣ маҳсуб мешавад, дар доираи мазҳабҳои фиқҳи исломӣ, дар заминаи ҳуқуқи исломӣ, аҳкоми шариат, баҳри амалӣ намудани ислом дар ҳаёти воқеӣ, аз он ҷумла дар амалияи давлатдорӣ ташаккулу истифода мешавад. Дар назарияи сиёсии мутафаккирони форсу тоҷик, ки дар заминаи истифодаи нуқтаҳои асосии фалсафаи шарқӣ, фарҳанги исломӣ, анъанаҳои тоисломии (аҷамии) давлатдорӣ, назарияи ормонӣ пешбарӣ шудааст, андешаи давладории иҷтимоӣ чун ҷузъи андешаҳои фалсафӣ, назму наср, аҳкоми шариат, таърихнигории тоисломӣ ва исломӣ пешниҳод мешавад. Ҳадафи асосии он барпо намудани давлати беҳтарин баҳри таъмини шароити хуби зисти одамон маҳсуб мешавад. [5], [7], [9]

Дар асарҳои Абӯ-Наср ал-Форобӣ (870-950), Абӯ Али Ибни Сино (980-1037), Ибни Рушд (1126-1198) ва диг. давлат чун падидаи иттиҳодӣ (шаҳр-давлат – мадина) дарк мешавад. Файласуфони номбурда тарафдори «мадинаи фозила» буданд, ки дар он ҳокимиятдорон баҳри манфиатҳои умум ва хушбахтии одамон саъю талош доранд.[12]

Форобӣ таъиноти иҷтимоии давлатро дар пойдории адолат, маърифати мардум, таҳсил ва донишомӯзӣ, тарбияи ахлоқиву зеҳнии халқ, паҳн гаштани некӣ ва ахлоқи ҳамида мебинад. Мақсади асосии давлат, ба андешаи мавсуф, дар таъмини хушбахтии одамон аст. [12, с. 158, 176] Андешаҳои Форобӣ дар хусуси санъати шоҳӣ чун асоси сиёсии шаҳр-давлати нукӯкор, эътирофи қонунҳои идоракунӣ чун унсури санъати шоҳӣ, таҳлили вазифаҳои ахлоқиву тарибиявии санъати шоҳигарӣ ба ҷаҳонбинии мутафаккирон таъсир накарда наметавонист. Аз ҷумла, мутафаккирони форсу тоҷик назарияи

«идоракунии давлат» -ро дар заминаи санъати шоҳӣ пешбарӣ намуданд.

Андешаҳои Ибни Сино низ ба афкори мутафаккирони форсу тоҷик таъсири мусбат расонидаанд. Аз ҷумла, онҳо хайри умумро ҳадафи асосии давлат эътироф намуда, аз андешаи Ибни Сино дар хусуси аз ҳам ҷудо намудани «сиёсати давлатии хирадмандона» ва «сиёсати бехирадона», ки боиси тарбияи, мутаносибан, одамони хуб ё бад мешавад, истифода мебаранд.

Таърихи ташаккулу инкишофи назарияи давлат дар асарҳои мутафаккирони форсу тоҷик марҳилаҳои зиёдро дар бар мегирад. Ҳудуди мақолаи мазкур имкон намедҳад, ки раванди ташаккул ва инкишофи андешаи давлати иҷтимоӣ дар афкори форсу тоҷик пурра ва ҳаматарфа таҳлил гардад. Аз ин рӯ, дар мақола инкишофи таърихии андешаи мазкур дар мисоли ашъори як қатор мутафаккирони гузашта мавриди таҳқиқи мухтасар қарор мегирад.

Чунончи, Низомулмулки Тӯсӣ давлатро ба як оилаи калон шабоҳат медиҳад, ки дар он шоҳ - сарвари (саркори) оила ва одамон (раият) – аъзои оилаи ӯ мебошанд. Давлатро мутафаккир ба сифати «маскан» тасвир намуда, таъкид мекунад, ки он «макони зисти мусумонони муътақид, хирадманд, таҷрибадор, самимӣ мебошад». [12, с. 51, 126] Мавсуф ба хулоса меояд, ки давлат (шоҳигарӣ) ба муносибати дутарафаи падаршоҳона ва ғамхоронаи шоҳ ва одамон (раият) такя дорад»

Низомулмулк вазифаи асосии давлатро дар ғамхорӣ нисбат ба раият, беҳтар намудани шароити зиндагии онҳо, таъмини амнияти одамон мебинад. Ӯ шоҳи одил, шоҳигарии боадолатро ҳамчун шакли беҳтари давлатдорӣ ҳимоя менамояд. Мутафаккир шоҳигариро чун шакли асосии давлат таҳлил намуда, ҳамзамон тафовути байни «шоҳигарии одилона» ва «шоҳигарии золимона» -ро маҳз дар иртибот бо ҳадафҳои хайрхоҳонаи мулкдорӣ дар давлати одилона ва ҳадафҳои шахсии ғаразнок дар давлати беадолатона эҳсос менамояд. Ӯ табиист, ки ҷонибдори шоҳигарии одилона аст. [10, с. 14] Аз ин ҷо мутафаккир ба хулоса меояд, ки дар пояи шоҳигарии одилона имкони расидан ба ҳадафҳои иҷтимоии давлатдорӣ имконпазир аст.

Таъиноти иҷтимоии давлатро Низомулмулк дар таъмини некӯаҳволии зиндагӣ, амнияти одамон ва ҷомеа, тартиботи устувори ҷомеа мебинад. Ин нуқтаи назар аз фаҳмиши давлат бармеояд. Мутафаккир, мисли бештари намояндагони афкори форсу тоҷик ва умуман Шарқ, давлатро бо синфҳо, муборизаи синфӣ, моликияти хусусӣ алоқаманд намекунад.

Ҳамзамон шакли давлат заминаи расидан ба ҳадафи иҷтимоии давлат эътироф мешавад. Ба ақидаи Низмулмулк ва аксари мутафаккирони форсу тоҷик, маҳз дар давлати одилона имкони амалӣ гаштани нақшаҳои иҷтимоӣ вуҷуд дорад.

Дар афкори форсу тоҷик маҳз шахсияти шоҳ, ки таҷассумгари мафҳуму моҳияти давлат мебошад, дар барномарезии ҳукуматдорӣ, аз ҷумла амалӣ гаштани ҳадафҳои хайрхоҳонаи сиёсатмадорӣ нақши заминавӣ ва ҳалкунанда дорад. Ба сари қудрат омадани шоҳи одил, сатҳи кофии такомули ахлоқиву зеҳнии шоҳ, ташкили низоми одилонаи мулкдорӣ, роҳандозии сиёсати оқилона ва хайрхоҳона аз ҷумлаи заминаҳои зарурии давлатдории иҷтимоӣ эътироф мешаванд. Мутафаккирони форсу тоҷик таъкид ба он доштанд, ки танҳо дар сурати ҷой доштани ҳамин заминаҳо имкони расидан ба ҳадафи хайрхоҳонаи давлатдорӣ – таъмини ҳаёти арзандаи зиндагии одамон вуҷуд дорад.

Аз ин ҷо ду хулосаи асосӣ оид ба фаҳмиши давлат пешкаш мешавад. Якум, давлат воситаи на зӯроварӣ, балки таъмини амнияту беҳдошти ҳаёти ҷомеа аст. Низомулмулк, тавре мушоҳида гардид, аз давлати одилона (шоҳи оқилу доно) пуштибонӣ мекунад, салтанати истибдодиро қатъиян маҳкум мекунад. Чунин фаҳмиши давлат мутааллиқ ба ҷаҳонбинии мутафаккирони дигари форсу тоҷик аст. Чунин тарзи дарки давлат аз ҷониби мутафаккирони форсу тоҷик дар иртибот бо шароити таърихӣ истифода мешавад. Гап дар он аст, ки ҳаёту фаъолияти мутафаккирони

форсу тоҷик дар давлатҳои навъи тарзи истеҳсоли осиёӣ гузаштааст.

Дуюм, дар иртибот бо чунин фаҳмиши хайрхоҳонаи давлат таъиноти иҷтимоии он муайян карда мешавад. Модоме ки давлат (шоҳигарӣ) - воситаи беҳдошти ҳаёти ҷомеа (як навъ сохтори хайрхоҳона) аст, пас зарурат ва аҳамияти он аз ҳамин ҳадафи асосӣ бармеояд.

Бояд гуфт, ки мутафаккирони форсу тоҷик барои исботи дарки моҳият ва таъиноти иҷтимоии давлат ҳам аз нуктаҳои ислом ва ҳам аз таҷрибаи қаблии (аҷамии) давлатдорӣ истифода мебурданд. Мутафаккирон давлати исломиро ҷонибдорӣ менамуданд. Ҳаёту фаъолияти онҳо дар ҳамин давлатҳои исломӣ гузаштааст. Онҳо давлатро дар шахсияти шоҳ таҷассум намуда, онро чун василаи беҳдоши зиндагӣ арзёбӣ менамоянд, аз ҷумла бар он ақида буданд, ки ислом аз ҳаёти хушҳолона (ба шарти риояи аҳкоми ислом) пуштибонӣ мекунад, амалҳои хубу шоистаи инсонро талқин мекунад. Чунончи, аз нигоҳи Низомулмулк, шоҳи одилро Аллоҳ ба некиву адолат ҳувайдо месозад. Барои ҳамин, Низомулмулк шоҳигарии беадолатро (золимонаро), ки ба зулм такя дорад, хилофи ислом мешуморад. Аз ин ҷост, ки дар назарияи мутафаккир давлат (шоҳигарӣ) василаи некӣ аст. Аз нигоҳи ислом ба мутафаккир фаҳмиши давлат чун воситаи зулм хос нест.

Дар баробари арзишҳои ислом, мутафаккирони форсу тоҷик барои исботи фаҳмиши некхоҳонаи давлат аз таҷрибаи давлатдории шарқӣ, алахусус давлатдории замони Анӯшервон ва диг. моҳирона истифода мебаранд. Аз ҷумла, Низомулмулк, ки дар тӯли 30 сол вазири давлати Салҷуқиён буд, барои амалӣ намудани ин андешаҳо талош варзидааст. Тибқи маълумоти Б. Ғафуров, Низомулмулк дар ташкили идоракунии давлат «ба таҷрибаи замони Сомониён такя менамуд ва баҳри эҳёи анъанаҳои фарҳангии он кӯшиш ба харҷ медод». [4, с. 396]

Мутафаккирони форсу тоҷик дар иртибот бо таъиноти иҷтимоии давлат ҳамчунин ба вазифаҳои давлат, аз ҷумла вазифаҳои диниву дунявӣ эътибор медиҳанд. Чунончи, ба андешаи Низомулмулк риояи ислом, назорати иҷроиши меъёрҳои ислом, эҳтироми аҳли уламо аз ҷумлаи вазифаҳои динии давлат эътироф мешаванд. Ҳамзамон давлат, ба андешаи мутафаккир, вазифаҳои дунявиро, аз қабили сохтомони шаҳрҳо, ободонии деҳот, обёрикунии заминҳои ҳосилхез, кандани каналҳо, сохтмони пулҳои калон ва ғ. ба уҳда дорад. [10, с. 36-41] Дар иҷрои амалии вазифаҳои иҷтимоии давлат Низомулмулк саъю талош варзидааст. Тибқи маълумоти Б. Ғафуров, «ба туфайли фаъолияти Низомулмулк идоракунии давлати Салҷуқиён ба низом дароварда шуда буд». [4, с. 396]

Мутафаккирони форсу тоҷик, аз-баски давлатро дар шахсияи шоҳ таҷассум намуда буданд, сифатҳои ахлоқии шоҳро чун заминаи расидан ба ҳадафҳои хайрхоҳонаи мулкдорӣ мушумориданд. Аз ҷумла, дар назарияи Низомулмулк сиёсат мазмуни ахлоқӣ касб мекунад. Шоҳи одил, тибқи ақидаи мутафаккир, бояд ҷавобгӯи талаботи ахлоқӣ бошад. Аз ҷумла, шоҳи адолатпеша бояд сифатҳои зерини ахлоқӣ дошта бошад: ахлоқи ҳамида, адолатпешагӣ, шуҷоатмандӣ, далерӣ, ғамхорӣ, инсондӯстӣ, олиҳимматӣ, саховатмандӣ, раҳму шафқат ба одамон ва диг. Дар байни сифатҳои хуби шоҳ дар ҷои аввал адолатпешагӣ меистад. Зарурат ва аҳамияти ин сифати подшоҳро мутафаккир бо далелҳои мухталиф, пеш аз ҳама дар робита бо арзишҳои ислом исбот мекунад. Ба андешаи ӯ, шоҳ бояд адолатпарвар бошад, чунки Аллоҳ одил аст. [10, с. 44]

Абдураҳмони Ҷомӣ ҳокимият ва давлатро чун падидаи нек, заминаи расидан ба ҳаёти арзанда, василаи беҳдошти зиндагӣ таҳлил мекунад. Таъиноти иҷтимоии ҳокимият ва давлатро мутафаккир дар хизмат ба инсон, дар пойдории некиву адолат мебинад. Ӯ намояндаи назарияи некхоҳонаи давлат буда, давлатро на чун воситаи зӯроварӣ, балки ҳамчун падидаи нек дар ҳаёти одамон дарк мекунад.

Таъиноти иҷтимоӣ ва мақсади давлатро Абдураҳмони Ҷомӣ дар таъмини некӯаҳволии ҷомеа ва беҳдошти зиндагии

одамон мебинад. Муқаррар намудани некӣ ва адолат дар ҷомеаи инсонӣ, ба андешаи ӯ, аз ҷумлаи вазифаҳои аввалиндараҷаи давлат маҳсуб мешаванд. Абдураҳмони Ҷомӣ давлатро чун падидаи барои одамон муҳимми хайрхоҳонаи ҷомеа, неъмати тамаддуни инсонӣ тавсиф мекунад. Фаъолияти давлатро ӯ ба ҳадафҳои хизмат ба манфиатҳои инсон тобеъ мекунад. Ҳифзи ҳуқуқҳои раият, пеш аз ҳама камбағалон ва ғуломон аз ҷумлаи вазифаҳои аввалиндараҷаи давлат эътироф мешаванд. Давлат, аз нигоҳи Абдураҳмони Ҷомӣ, бояд падидаи «муфиди одамон» бошад, ба «ҳаёти одамон» таваҷҷуҳ намояд.

Абдураҳмони Ҷомӣ низ шоҳигарии адолатпешаро чун заминаи расидан ба ҳадафҳои давлатдории иҷтимоиӣ мешуморад. Ба ақидаи мутафаккир, «олам танҳо тариқи адолат обод мешавад, зулм бошад, онро хароб мекунад». Мутафаккир аз андешаи «шоҳи одил» пуштибонӣ намуда, Фаридун, Анӯшервон ва дигаронро чун шоҳони одил тавсиф мекунад. Онҳо ҳамчун шоҳони ғамхори одамон, ҳимоятгари манфиатҳои одамон тасвир карда мешаванд. Шоҳи мустабидро бошад, мутафаккир чун «золими ҳукмрон», «ҷабркунанда», «бадхоҳи одамон» тасвир мекунад. Салтанати истибдодиро ӯ чун давлате маънидод мекунад, ки ба зулму ситам такя дошта, хилофи адолат аст. Ба қавли Абдураҳмони Ҷомӣ: «Адолатро назди шоҳе, ки ҳокимияташ мустабид аст, наметавон ҷустуҷӯ намуд». [11, с. 209]

Абдураҳмони Ҷомӣ ваҳдати иҷтимоиро заминаи муҳими амалӣ гаштани ҳадафҳои иҷтимоии давлат мешуморад. Мутафаккир аз андешаҳои «якдилии аъзои ҷомеа», «муттаҳидии иҷтимоӣ» пуштибонӣ мекунад. Якдилии одамонро ӯ пояи боэътимоди давлат мешуморад. Оромии ҷомеа, ҳаёти муътадили одамон, ба андешаи мутафаккир, заминаи пешрафти давлат аст. Вазифаи подшоҳ ҳимояи одамон, пуштибонӣ аз оромӣ, назму суботи ҷомеа мебошад. Ба андешаи Абдураҳмони Ҷомӣ, подшоҳ бахри пешгирии носозгории ҷомеа бояд «амнияти халкро» таъмин намояд. Ин ақидаҳои мутафаккир дар замони мо низ аҳамияти муҳим доранд. Илова бар ин, дар як қатор назарияҳои муосири «давлати иҷтимоӣ», «манфиатҳои иҷтимоӣ», «якдилии иҷтимоӣ» ва диг., ки дар минтақаҳои гуногун, аз ҷумла дар Аврупо истифода мешаванд, маҳз ваҳдати иҷтимоӣ, созиши иҷтимоӣ заминаи рушди давлат эътироф мешаванд. Дар назарияҳои муосир созиши иҷтимоӣ ҳамчун вазифаи давлат, функсияи иҷтимоии ҳуқуқ, вазифаи танзими конститутсионӣ арзёбӣ мешавад. Абдураҳмони Ҷомӣ якчанд аср пеш аз пешбарии ин ақидаву назарияҳо зарурат ва аҳамияти ваҳдати иҷтимоиро чун вазифаи давлат дарк намуда буд.

Абдураҳмони Ҷомӣ андеши «қадршиносии инсон» -ро дар давлат тарғиб мекунад. Мутафаккир аз сифатҳои баланди ахлоқии аъзои ҷомеа пуштибонӣ мекунад, қадри инсонро баланд мегузорад, ӯро ба фаъолияти амалона бахри манфиати давлат даъват мекунад. Мавсуф бар зидди ғуломӣ баромад намуда, ақидаи «баробарии одамон» -ро сарфи назар аз мансубияти милливу динӣ пешкаш мекунад. Хушбахтии инсон, ба андешаи мутафаккир, аз худи инсон ва сатҳи инкишофи ҷомеа вобастагӣ дорад. Ҳадафи ҳаёти инсониро ӯ дар якдиливу бародарии одамон мебинад.

Абдураҳмони Ҷомӣ намояндаи барҷастаи равияи гуманистӣ (инсондӯстӣ) мебошад. Ӯ ба қобилияту истеъдоди беандозаи инсон боварӣ дорад, ҳуқуқи инсонро ба ҳаёти арзанда эътироф мекунад.

Абдураҳмони Ҷомӣ якчанд қарн пеш аз мутафаккирони Ғарб, аз ҷумла гуманизми аврупоӣ, оид ба зарурати қадршиносии инсон ибрози андеша намуда, аз ғояи қадри баланди инсон ва ҳуқуқҳояш пуштибонӣ мекунад. Андешаҳои инсондӯстии мутафаккири форсу тоҷик, ки пеш аз зуҳури гуманизми аврупоӣ пешкаш шуда буданд, имрӯз ифодаи конститутсиониро дар давлатҳои мутамаддин касб намудаанд. Ин мутафккири Шарқ яке аз аввалинҳо шуда, оид ба «ҷавобгарии фардӣ» ва «мукаллафӣ», ки дар замони муосир дар назарияҳои олимон ва кодексҳои ҷиноя-

тии аксарияти давлатҳои дунё коркард гардида, танзими худро ёфтааст, андешаҳои ҷолиб баён намудааст.[8, с. 4-5]

Ҳамзамон Адураҳмони Ҷомӣ давлатро чун кафили таъмини қадри баланди инсон ва ҳуқуқҳояш эълон мекунад. Имкони хушбахтии инсон ва ғалабаи адолатро мутафаккир бо идораи оқилонаи давлат мепайвандад, ки аз ҷониби шоҳи дорои сатҳи баланди такомули ақливу ахлоқӣ роҳандозӣ мегардад. Аз ин хотир, ӯ ба тарҳрезии назарияи «санъати шоҳӣ» диққати махсус медиҳад. Шоҳи одил, ба андешаи мутафаккир, бояд дорои сифатҳои хуби ахлоқӣ бошад ва давлатро дар асоси талаботи ахлоқӣ идора намояд. Абдураҳмони Ҷомӣ таҳлили ахлоқии давлатро анҷом медиҳад, ақидаи «давлати ахлоқӣ» -ро» асоснок мекунад. Ӯ аз маҳакҳои динӣ, ақлона ва ахлоқии таҳлили давлат моҳирона истифода мебарад.[6, с. 81-142]

Аҳмади Дониш - намояндаи барҷастаи афкори сиёсиву ҳуқуқии форсу тоҷики асри XIX, асосгузори равияи маорифпарварии тоҷик буда, аз усули таҳлили муқоисавӣ моҳирона истифода мебарад. Мутафаккири тоҷик сохти ҷамъиятиву давлатии Аморати Бухоро ва Русияро аз ҳамин нигоҳ меомӯзад, аз ҷумла пешрафти Русияро эътироф мекунад.

Айни замон Аҳмади Дониш пешрафти ҷомеаро бо омили ҷуғрофӣ низ мепайвандад. Чунончи, ӯ менависад, ки «ҳар як кишвар хусусиятҳои худ ва аҳолии он қобилияту истеъдоди хешро доранд, дониши хирадмандони он бошад, бо табиат ва иқлими маҳал алоқаманд мебошанд». [1, с. 156-157]

Аҳмади Дониш таъиноти иҷтимоии ҳокимият ва давлатро ба таври мухтасар чунин тасвир мекунад: «… ҳамчунон Худованди субҳонаҳу бар аҳволи бандагон иттилоъ дорад, подшоҳ низ дар аҳволи раоё мутталеъ бошад. Ва ҳамчунон ки Худованди қуддус ҳар яке аз бандагонро ба василаи рӯзӣ медиҳад, подшоҳ низ бояд ки ҳар кадом аз раиятро ба воситаи мансаб ва иҷрои хидмат, ки лоиқи ҳар як бошад, рӯзӣ муқаррар гардонад…. Чунон ки Худой карим аст, кариму ҷуд пеша кунад, то муҷиби таълифи қулуб шавад… Ва ҳамчунон ки Офаридгори субҳонаҳу кофиру муъминро рӯзӣ медиҳад ва фарқ намениҳад, подшоҳ низ сиддиқу зиндиқ, олиму ҷоҳил ва орифу оммӣ ҳамаро ба раҳмати хеш мустаъмал дорад». [2, с. 152-153]

Аҳмади Дониш дар иртибот бо таъиноти иҷтимоии давлат ба масъалаи хизмати иҷтимоии давлат дар назди мардум тавaҷҷуҳ мекунад. Ҳокими давлатро муафаккир «мардикор» меномад, ки «ҷомеа ӯро баҳри хизмати хеш ба иҷора гирифтааст». Ҳоким уҳдадор аст амнияти одамонро таъмин намояд, одамон бошанд, уҳдадоранд бар ивази ин ба ҳоким баҳри таъмини амалдорон андоз супоранд. [2, с. 230-231] Ба қавли Аҳмади Дониш: «Подшоҳ деҳқонро монад ва мамлакат бӯстонро…». [2, с. 142]

Айни замон мутафаккири тоҷик ақидаҳои дар Ғарб маълуми пайдоиши шартномавии давлатро дар иртибот бо назари хеш ва аз ҳама муҳимаш дар чорчӯбаи ҷаҳонибиаш, аз ҷумла назари некхоҳона ба давлат истифода мебарад. Чунончи, дар заминаи назарияи шартномавӣ оид ба давлат Аҳмади Дониш робитаи байни ҳоким ва халқро дарк мекунад. Дар ин замина ӯ ақида иброз мекунад, ки пешрафти давлату ободии ҷомеа аввалан аз подшоҳ вобаста аст. Мутафаккир аз ҷумла менависад: «Подшоҳ сарчашма аст ва табоеи дигарон ҷӯе чанд, ки аз сарчашма ҷорӣ шавад. Ломуҳолатан, агар оби чашма ширин бошад, оби ҷӯйҳо ширин аст ва агар талх, ки «ан-носу ало дини мулукиҳум». [2, с. 146]

Аз ин ҷо мутафаккир ба хулосаи дигар меояд: одамон тобеи он подшоҳе шуда метавонанд, ки тибқи адлу эҳсон амал мекунад. Ӯ дар ин бора менависад: «Пас, подшоҳ он беҳтар, ки ба адлу эҳсон ва ахлоқи ҳасана майл фармояд, то дигарон мутобаати вай кунанд». [2, с. 146]

Ҳамин тариқ, Аҳмади Дониш аз назарияи шартномавии давлат ҷонибдорӣ мекунад. Аҳамияти ин назарияро ӯ дар он мебинад, ки тариқи чунин дарки таъсиси давлат зарурат ва нақши

давлат дар таъмини амнияту зиндагии хуби одамон бештар ба инобат гирифта мешавад.

Мутафаккир нуқтаи назари ғарбиро оид ба пайдоиши шартномавии давлат на танҳо дар масъалаи пайдоиши давлат, балки моҳияти он низ истифода мебарад. Ба андешаи Аҳмади Дониш, давлат тариқи шартнома таъсис гашта, таъиноташ дар чорчӯбаи шартҳои ҳамин шартнома муайян мешавад. Давлат баҳри одамон, таъмини амнияти онҳо, ҳимояи онҳо таъсис мешавад. Давлат моҳиятан василаи зулму ситам нисбат ба одамон шуда наметавонад, чунки он тариқи шартнома баҳри беҳбудии ҳаёти ҷомеа таъсис мешавад. Ба ибораи дигар, тариқи шартнома давлати золим таъсис намешавад. Дар ин замина давлат чун падидаи танҳо мусбат ва муфид барои ҷомеа ва одамон арзёбӣ мешавад.

Ҳадафи асосии давлатро Аҳмади Дониш дар таъмини амнияти одамон, ободии кишвар мебинад. Ӯ мисли мутафаккирони дигари форсу тоҷик давлатро на чун ташкилоти ҳокимиятии зӯровар, балки ҳамчун василаи беҳдошти зиндагии одамон арзёбӣ мекунад. Аҳмади Дониш, мисли Низомулмулк ва Ҷомӣ, намояндаи назарияи «давлати хайр» аст. Ӯ аҳамияти давлатро барои одамон таъкид мекунад. Давлат чун падидаи хайрхоҳона дарк карда мешавад.

Ба ақидаи Аҳмади Дониш, «салтанату аморат бе раият ва вилоят мутаҳаққиқ нашавад. Вилояту раият бе аскар ва обдонӣ мумкин нагардад». [2, с. 130] Мутафаккир ҷонибдори давлати устувор аст. Устувории давлатро ӯ кафолати ободии кишвар медонад. Адолату нафосатро мутафаккир «тахти давлат» ва сипоҳ, раоё, зару обро - чор сутуни давлат меномад. [3, с. 114-115] Мутафаккир ба хулоса меояд, ки «…подшоҳ ба вуҷуди халқ аз сипоҳу раият мухтоҷ аст, то зару мол гирд орад ва он бе ободонӣ муясар нагардад». [2, с. 131]

Ба андешаи мутафаккири тоҷик, суст гаштани яке аз ин сутунҳо боиси суст гаштани се сутуни дигари давлат ва ниҳоят, таназзули ҳокимият мегардад, чунки, ба қавли Аҳмади Дониш, лашкар бе тилло таъмин намешавад, тилло бе раият ҳосил намешавад, раият бе об тилло коркард намекунад, об бе чораҳои зарурии давлатӣ талаботро қонеъ намекунад. [2, с. 131]

Ҳангоми ибрози ин ақида Аҳмади Дониш давлатро ба шахс шабоҳат медиҳад. Ӯ аз ҷумла менависад: «Аз рӯи мисол салтанат ба сурати шахсе аст бар тахте муштамил бар чаҳор қоима. Тахти он адолату нафосат аст. Қавоими он сипоҳ ва раоё ва зару об. Аз ин чаҳор қоима ҳар кадом, ки нуқсон орад, он сеи дигарро қиём намонад. Асоси тахт мутахалхил ва арконаш мутазалзил гардад. Ва салтанат бияфтад ва кор ба зулм кашад». [2, с. 131]

Ҳамзамон Аҳмади Дониш, ки аз ақидаҳои мухталифи ғарбӣ бархурдор буд, нуқтаҳои назари дигарро оид ба давлат хотирнишон мекунад. Чунончи, ӯ ба нуқтаи назари органикӣ оид ба давлат ишора мекунад. Аҳмади Дониш дар ин хусус менависад: «Худи давлатро бошад, ба хайси одами зинда тасаввур бояд намуд, ки аз он ҳар кас бояд ҳуқуқҳои хешро талаб намояд». [1, с. 139]

Ҳамин тариқ, мутафаккири тоҷик зимни таҳлили моҳият ва таъиноти иҷтимоии давлат ба хулоса меояд, ки давлат кафили таъмини ҳуқуқҳои ҳар фард мебошад. Ба қавли мутафакир, ҳар фарди ҷомеа ҳақ дорад аз давлат «ҳуқуқҳои хешро талаб намояд». Истифодаи ибораи «ҳар кас» далел ба ин аст, ки Аҳмади Дониш аз ҳуқуқҳои фитрии инсон пуштибонӣ мекунад. Ибрози ин андеша аҳамияти муҳимми назариявию амалӣ дошт. Танҳо пас аз беш аз якуним қарн ин андешаи мутафаккири тоҷик дар шароити соҳибистиқлолии Тоҷикистон ифодаи конститутсиониро касб мекунад.

Вазифаҳои давлатро Аҳмади Дониш дар иртибот бо таъиноти иҷтимоии (ҷамъиятии) давлат муайян мекунад. Давлат, ба андешаи ӯ, баҳри амнияту беҳдошти ҳаёти ҷомеа таъсис мешавад. Аз ин ҷо вазифаҳои зерини давлат ном-

бар карда мешаванд: сохтмони каналҳо, обанборҳо, таъмини кишвар бо миқдори оби барои кишоварзӣ кофӣ, коркарди канданиҳои фоиданок, сохтмони корхонаҳои саноатӣ, инкишофи савдои дохилӣ ва хориҷӣ ва диг. [2, с. 116-117]

Таваҷҷуҳи мутафаккир ба ин зайл вазифаҳо бесабаб набуд. Аз як тараф, ҳаёту фаъолияти ӯ дар кишваре гузаштааст, ки он ҷо об ва обёрӣ дар ободиву пешрафти ҷомеа аҳамияти аввалиндараҷа доштанд. Аз тарафи дигар, ҳаёту фаъолияти мутафаккири тоҷик дар шароити ҳамроҳшавии Осиёи Миёна ба Русия, сохтмони аввалин корхонаҳои саноатӣ дар кишвар, инкишофи муносибатҳои моливу пулӣ, ривоҷи савдо бо Русия гузаштааст.

Аҳмади Дониш, мисли мутафаккирони гузаштаи форсу тоҷик, аз андеша ва назарияи «шоҳи одил» пуштибонӣ мекунад. Ӯ баҳри амалӣ гаштани андешаи «амири одил» лоиҳаи дигаргунсозии давлативу ҷамъиятиро пешкаш мекунад.

Тафовути назарияи Аҳмади Дониш аз мутафаккирони пештара ин аст, ки ӯ бо пешкаши ақидаи «шоҳи одил» маҳдуд нагашта, баҳри амалӣ гаштани он кӯшиш ба харҷ медиҳад, аз ҷумла ба амири Бухоро лоиҳаи ислоҳоти низоми давлатдориро пешкаш мекунад. Ин худ як далелест дар хусуси таҳаввули таърихии, аниқтараш, болоравии афкори давлатшиносии тоҷикон.

Дар фаъолияти эҷодии Аҳмади Дониш афкори сиёсиву ҳуқуқии форсу тоҷик, аз он ҷумла давлатшиносӣ ба сатҳи баланд мерасад. Аҳмади Дониш аз ҷумлаи он мутафаккирони тоҷик буд, ки дар рушди афкори сиёсиву ҳуқуқии Шарқ заҳмати зиёд кашидааст. Ҳаёту фаъолияти мутафаккири тоҷик ба даврае рост омад, ки Осиёи Миёна вориди Империяи Россия гашта, дар натиҷа ошноӣ бо тафаккури сиёсии русӣ ва тавассути он бо фарҳанги ғарбӣ барои шахсиятҳои алоҳида, аз ҷумла Аҳмади Дониш муяссар мегардад.

Мутафаккирони форсу тоҷик ҷонибдорон ва тарғибгарони назарияи «давлати некхоҳ» (хайрхоҳона, накӯкор) буданд. Тафовути назарияи мутафаккирони мо аз назарияҳои мухталифи ғарбӣ пеш аз ҳама дар ҳамин аст.

Агар намояндагони назарияи зӯроварии давлат дар Аврупо (Гумплович, Дюринг, Каутский ва диг.) пайдоишу зарурат ва моҳияти давлатро бо ҷангу зӯроварӣ вобаста намоянд, пас мутафаккирони форсу тоҷик (Низомулмулк, Абдураҳмони Ҷомӣ, Аҳмади Дониш), баръакс, пайдоиш, таъинот ва моҳияти давлатро дар иртибот бо адлу некӣ дарку таҳлил мекунанд.

Зарурати давлатро мутафакккирони форсу тоҷик дар хидмат ба одамон мебинанд. Дигар навъи давлатро онҳо тасаввур карда наметавонистанд. Аз нигоҳи онҳо, ҳама гуна давлате, ки хилофи манфиатҳои одамон амал мекунад, давлат нест. Чунончи, Аҳмади Дониш дар ин хусус менависад: «Подшоҳон бар раият подшоҳанд, чун раиятро бикоҳанд ва нохӯш доранду биёзоранд душмани мулку давлати хеш бошанд. Шоҳон сари раиятанд, нодон саре бошад, ки ба дандон бадани хешро пора кунад. Омили мардумозорро ҳукму амал надиҳад, ки раоё ӯро танҳо дуои бад накунанд». [2, с. 167]

Афкори давлатшиносии мутафаккирони форсу тоҷик ҳамеша дар ҳолати инкишоф, болоравӣ қарор дошт. Мутафаккирони форсу тоҷик ҳамеша дар ҷустуҷӯи роҳҳои барпо гаштани давлати адолатпеша буданд. Онҳо аз таҷрибаи давлатдории хеш ва хориҷ, анъанаҳои фарҳанги миллӣ ва ҷаҳонӣ хуб истифода мебурданд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯз дар шароити воқеӣ гаштани арзишҳои давлати ҳуқуқбунёди иҷтимоӣ рушд мекунад. Роҳандозии сиёсати иҷтимоии давлат истифодаи якҷояи ҳам анъанаҳои миллии давлатдорӣ ва ҳам таҷрибаи ҷаҳониро талаб мекунад. Амалӣ гаштани ҳадафҳои давлати иҷтимоӣ дар кишвари мо зарурати таҳлили ҳаматарафа ва воқеъбинонаи назарияҳои сиёсии ҳам ғарбӣ ва ҳам миллиро пеш меорад. Аз як сӯ таҳлил ва истифодаи назария ва амалияи кишварҳои мутараққии Ғарб барои мо муфид аст. Аз сӯи дигар ба инобат гирифтани анъанаҳои фарҳанг ва тамаддуни миллӣ низ муҳим аст, зеро бу-

нёди давлати иҷтимоӣ, роҳандозии назарияҳо ва консепсияҳои гуногуни давлатдории иҷтимоӣ дар ҳар як кишвар бо дарназардошти шароити таърихияш сурат мегирад.

Аз ин нуқтаи назар, омӯзиши афкори давлатшиносии ҳам миллӣ ва ҳам ҷаҳонӣ мувофиқи мақсад аст. Дар масъалаи омӯзиши анъанаҳо ва ғояҳои давлатдории миллӣ асарҳои мутафаккирони форсу тоҷик аҳамияти муҳим доранд. Инро мо дар мисоли назарияҳои танҳо се намояндаи барҷастаи афкори форсу тоҷик мушоҳида намудем.

**Адабиёт:**


1. Ахмади Дониш. Саёҳат аз Бухоро ба Петербург. Асарҳои мунтахаб (ба заб. русӣ). - Душанбе, 1976
2. Аҳмади Дониш. Наводир-ул-вақоеъ. - Китоби 2. - Душанбе, 1989
3. Аҳмади Дониш. Порчаҳо аз «Наводир-ул-вақоеъ». - Сталинобод, 1957
4. Гафуров Б.Г. Таджики: Древнейшая, древняя и средневековая история. - М., 1972
5. Сюкияйнен Л.Р. Политическая и правовая мысль Арабского Востока // История политических и правовых учений / под ред. В.С. Нерсесянца. - М., 1999
6. Сативалдыев Р.Ш., Кенджаев Ш.Ю. Учение Джами о праве и государстве / Под редакцией доктор юридических наук, профессора Р.Ш. Сативалдыева. – Изд. 2-ое, перераб., изм. и доп.– Душанбе-Худжанд: Ношир, 2016. – 208 с.
7. Сативалдыев Р.Ш. Политическая и правовая мысль раннесредневекового мусульманского Востока: монография. – Душанбе, 1999
8. Саъдизода Ҷ. Назарияи ҷавобгарии фардӣ ва мукаллафот дар осори Ҷомӣ // Минбари ҳуқуқшинос. (Нашрияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ) №5 (12), 27.10.2014 сол.
9. Сотиволдиев Р.Ш. Таърихи афкори сиёсӣ ва ҳуқуқӣ: китоби дарсӣ. – Душанбе, 2011
10. Сиасет-намэ. Книга о правлении визира XI столетия Низам ал-мулька / перевод, введение и примечания проф. Б.Н. Заходера. - М.- Л., 1949
11. Ҷомӣ. Асарҳо. - Душанбе, 1989
12. Фараби. Трактат о взглядах жителей добродетельного города // Григорян С.Н. Из истории философии Средней Азии и Ирана YII-XII вв. - М., 1960.

# ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ ВА МУШКИЛИҲОИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ФИКРӢ

# ГОСУДАРСТВЕННЫЙ СУВЕРЕНИТЕТ И ПРОБЛЕМЫ ФОРМИРОВАНИЯ САМОСТОЯТЕЛЬНОГО МЫШЛЕНИЯ

**Холикзода А. Г.,**
профессор кафедры прав человека и сравнительного правоведения юридического факультета Таджикского национального университета, доктор юридических наук.
e-mail**:** halim2006@yandex.ru

**Научная специальность:** 12.00.01 — теория и история права и государства; история учений о праве и государстве

*Аннотация*: В статье анализируются вопросы соотношения государственной независимости и свободы слова и мысли. Автор указывает, что для обеспечения государственной независимости в обществе должно быть сформировано такое мировозрение, которое опирается на культурные ценности, традиции и обычаи народа. Далее автор отмечает, что источником государственного суверенитета является наличие в обществе свободы мысли, слова и совести.

*Ключевые слова:* государство, суверенитет, свобода мысли, свобода слова.

# STATE SOVEREIGNTY AND PROBLEMS OF THE FORMATION OF INDEPENDENT THINKING

**Kholikzoda A. G.,**
Professor of the Departament of Human Rights and Comparative Law of the Law Faculty, Tajik National University, Doctor of Legal Sciences.
e-mail**:** halim2006@yandex.ru

**Scientific specialty:** 12.00.01 — theory and history of the law and state; history of the doctrines of the law and state

*Annotation:* The issues of the relation of the state independence and freedom of speech and thought are analyzed in the article. The author points out that in order to ensure the state independence in society based on cultural values, traditions and customs of the people worldview shall be formed. The author further notes that the existence in society freedom of thought, speech and conscience are the source of state sovereignty.

*Keywords*: the state, sovereignty, freedom of thought, freedom of speech.

*Омили ҳастии ҳар як миллат андешаи истиқлол*
*ва бунёди давлати мустақили миллӣ мебошад.*
***Эмомалӣ Раҳмон***

Тоҷикистон 25 умин солгарди истиқлолияти худро паси сар мекунад. Ин даврон гарчанде, назди таърих на он қадар муддати тӯлонист, вале роҳи тайкардаи низоми давлатдорӣ, ҳуқуқӣ ва иқтисодию иҷтимоии он баробар ба садсолаҳои давлатҳои классикии ғарбист. Бале мо дар як даврони кутоҳи таърихӣ роҳи дуру дарози давлатсозии аврупоӣ ва ғарбиро паси сар кардем.

Дастоварду музаффариятҳои мо дар ин муддат бидуни шубҳа зиёд аст. Аммо мо имрӯз на дар бораи ин музафариятҳо, балки роҷеъ ба масъалаҳое ҳарф мезанем, ки мавҷудияти онҳо боз метавонистанд мазмуни давлатдории моро зебою рангинтар намоянд. Мо дар бораи унсурҳои ғизодиҳандаи рӯбинои ҷамъиятӣ, вазъи мафкура ва монеаҳои он ба рушди давлати соҳибихтиёр таваҷҷӯҳ менамоем.

***Мушкилиҳои фазои мафкуравӣ***

Фазои андешаи илмӣ, динӣ ва сиёсии кишвар дар давраи баъд аз сулҳу субот новобаста аз сулҳу суботи ҷомеа, хеле пуртазод ва мухталиф буда, роҳи ояндаро бо душворӣ ҷустуҷӯ менамуд. Ба ин мушкилиҳо масоилҳои мухталифу ҳалталаби ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва динӣ, зери таъсири унсурҳои дохилию хориҷӣ бор зам менамуданд.

Ҳама бо шиори миллат ва манфиати мардуми Тоҷикистон чи дар солҳои аввали истиқлолият, чӣ дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ, чи дар давраи баъди ҷангӣ ва ҳоло низ иддае монда нашуда гоҳ-гоҳ ҳарф оғоз менамоянд, ҳам озодии ғарбию ҳам бисмиллоҳи шарқиро ба воситаи муҳимми худмуаррифӣ табдил дода, аз васоити ахбори омма ба майдони муборизаи озоди афкор ба мисли ватандӯстони содиқ қадам мениҳем, кош дар ботин низ чунин бошем.

Аммо воқеият собит менамояд, ки дар одитарин баҳсҳои илмӣ қисме моро аз рӯзи қиёмату қисми дигар аз вайрон намудани талаботи демократӣ ва маҳдуд намудани озодиҳо тарсонида байни худу миёни маъракаҳои илмӣ ва сиёсӣ муҳокима ҳам мекунанд. Дар асл бингарӣ, онҳо на моҳияти «он сӯи амали некро» (Ф.Нитсше) дарк мекунанду на ин паҳнои озодиҳо ва хулосаҳои дастаҷамъиро мақсадашро мутобиқ ба давру замон фаҳм кардаанд. Албатта, барои миллате, ки чунин «фарзандони фарзонаи созандаи афкор» ва воқеият дорад, шинохти имрӯзу оянда кори осон нест. Зеро зиёд шудааст ҳолатҳое, ки ҳама доди ватанхоҳӣ мезананду ҳама баёни андешаи миллӣ, ҳама аз дифои манфиатҳои миллату давлату дин ҳарф мезананду ҳама ба хотири гиромидошти арзишҳои миллӣ худнамоӣ мекунанд, вале дар одитарин ҳолатҳо мебинем, ки кору амали аксари мо фарсаххо дур аз худшиносии миллию инсонгароии асл аст. Ба қавли Лоҳутӣ:

*Ҳама доди ватанхоҳӣ зананд, аммо намедонам,*
*Ватанхоҳӣ ба гуфтор аст ё кирдор ё ҳар ду?*

Миллатдӯсттарини мо дар одитарин бархӯрди манфиатҳои шахсӣ бо арзишҳои миллӣ бо пасттарин аъмол дифоъ аз манофеи шахсӣ менамоем. Чӣ ҷойи сухан андар боби онҳое, ки зери сарпарастии бародарони ғарбию шарқӣ донишу малакаи озодихоҳӣ, касб намуда, барои кашфи асрори норасоиҳои давлати мо дасту остин барзада, бо микроскопҳои илмие мусаллаҳанд, ки ночизтарин мушкилиҳоро тавассути яроқи иттилоотӣ мисли хатари ҷаҳонӣ ва иллати бузург муаррифӣ намуда, ба дасти аҷнабиён барои адаби мо тозиёна медиҳанд. Ин нишонаи худшиносӣ ва қадршиносӣ аз соҳибихтиёрии давлату миллат нест. Агар Ж.Ж. Руссо барин шахсияти таърихии озодипараст ифтихор аз давлати буржуазии асри ХУIII Фаронса кардааст, ки он замон доир ба озодии сухан ва ҳуқуқи инсон ҳарф задан мушкилиҳои ҳангуфти худро дошт, пас мо чаро аз давлати соҳибихтиёру демократии хеш ифтихор нанамуда, дар ҳифзи арзишҳои миллии он саф накашем? Таърих собит кардааст, ки бузургию пешоҳангии кулли давлатҳои тараққикардаи Аврупо ва Амрикои имрӯз аз фарзандони содиқу вафодор, донишманду соҳибкасб будааст, на аз чизи дигар.

***Вазъи фазои мафкуравӣ: тирагиҳо ва роҳҳои бартарафсозӣ***

Проблемаҳои мавҷудаи баҳамоии мардуми Тоҷикистон, ки то имрӯз таҳти роҳбарии сарвари хирадманди кишвар Эмомалӣ Раҳмон ба муваффақиятҳои муайян ноил гаштааст, ҳоло низ ба пуррагӣ аз назари илмӣ ҳалли худро наёфтааст. Зеро сару садоҳои гуногун ҳоло низ масъалаҳоеро матраҳ менамоянд, ки натанҳо аз назари илмӣ бо да-

лелҳои ақлӣ ва эмпирикӣ собит нашудаанд, инчунин кашишҳои ноҷои чунин тарғиботҳо миллатро аз дохил дар чаҳорчӯби таассуб, хурофот, бегонапарастӣ аз худ бегона намуда, муҳимтарин аломатҳои фарҳангӣ, анъанавӣ ва ахлоқии ӯро мазмунан ва зоҳиран табдил дода истодааст. Ин раванд қисмати ҷавонони моро ба ташкилоту ҳаракатҳои ифротӣ ва террористӣ шомил намуда қисмати дигарро ба ҷанги бародаркӯши кишварҳои исломӣ кашида, ба ватан-Тоҷикистони азиз таҳдиду ба истиқлолияти давлатӣ латма ворид менамоянд. **Албатта, давлат ва мақомоти давлатӣ садди роҳи чунин бетартибиҳоро гирифта ватани моро ҳифз менамоянд, вале роҳи беҳтару хубтари монеъшавӣ ба чунин таассубу хурофот ва ҳаракатҳои номатлуб мубориза мафкуравиии аҳли илм, аҳли дин ва ҷомеа ба чунин унсурҳои норавост**. Қадами нахусти пешгирии ин иллатҳо дар дар сатҳи мафкураи ҷомеа бояд сурат гирад. Оё мо метавонем, ки бо истифода аз нерӯҳои ақлонии дохилӣ ба чунин иллатҳои фазои мафкуравии ҷомеа босубот мубориза барем? Албатта, метавонем.

Мо захираи маънавии ғанӣ, насли ҷавону созанда, олимони шинохтаи динию дунявӣ ва таҷрибаи таърихие дорем, ки имкони пешгирии ин муаммоҳоро, бешубҳа, доранд. Тавре Роҳбари давлат дар дарёфти истеъдодҳо таҷриба мекунанд, онҳоро ҷустуҷӯ намуда ёфта, тарбият намудан лозим, ҳарфи онҳоро дар ҳолатҳои зарурӣ гӯш карда, ба онҳо фазои мусоиди гуфтану навиштан дода, сухан, маънӣ ва офаридаҳои онҳоро дар ҳалли тақдири ояндаи фарзандон ва миллат истифода бурдан ба манфиати кор аст. Дар тарбияи насли наврас ва олимони оянда, созандагон ва дурнамоҳои фардои кишвар бояд чораҳои муассир андешида тағйири қатъии раванди таълим ва доимо дар инкишофи низоми касбомӯзиро бояд ҷорӣ намоем.

Ташкили гурӯҳҳои корию вохуриҳо бо аҳли ҷамоат аз ҷониби мутахассисону олимон ҷиҳати пешгирии амалҳои зишту номақбул, албатта, хуб аст, вале он роҳи ягона ва комили беҳдошти авзои ахлоқӣ ва маънавии ҷомеа шуда наметавонад. Низоми маърифатӣ ва таълимӣ бояд қатъиян дар баробари пешниҳоди донишу маърифат аз боғчаи кӯдакона сар карда то донишгоҳу донишкадаҳо, ба тарбияи маънавӣ ва ахлоқӣ диққати ҷиддӣ дода, дар тарбия намудани фарзандони содиқу вафодори ватан саҳмгузор бошад. Раванди таълим ва илмомӯзӣ бо тарбияи ахлоқӣ ва маънавӣ пайваст сурат гирад. Дониш ва ахлоқи ҳамида бояд ду паҳлуи як сиёсати тарбияи насли наврас бошад. Мутхассис ва донишмандро бо аломатҳои инсонӣ ба ҳаёти иҷтимоӣ ворид бояд намуд. Дар акси ҳол аз илму дониши ӯ манфиате барои ҷомеа нахоҳад буд. Корхона, ташкилот ва муасисаю иттиҳодияҳо қабл аз ҳама бояд худашон ҷиҳати баланд бардоштани ахлоқу маънавиёти кормандон ва аъзоёнашон чорабиниҳо ва корҳои доимии тарғиботӣ, фарҳангӣ ва ахлоқӣ дар алоқамандӣ бо чорабиниҳои варзишӣ, ташкил намоянд. Барои ин зарур аст, ки низоми кор ва заминаҳои ҳуқуқи фаъолият дар муассисаҳо ба чунин раванд мусоидат намояд. Зеро сатҳ ва сифати ҷомеаи шаҳрвандӣ аз унсурҳои мустақили озоди иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фаъолу баландмаърифат вобастагӣ дорад. Дар шароити сиёсати дарҳои кушод, иттилооти озод ва тарғиби ҳуқуқу озодиҳо рушди ахлоқӣ ва маънавии корманд ва аъзои ҷомеа бояд кори давравӣ набуда, балки ҷузъи корҳои амалӣ ва рӯзмарраи мақомоту муассисаҳо бошанд.

Давлати иҷтимоӣ, демократӣ ва ҳуқуқбунёд дар заминаи ҷомеаи шаҳрвандӣ ба мисли режимҳои собиқ наметавонад корпуси идеологӣ ва назоратии худро дар ҳама паҳно тавсеа дода, ҳамаро таҳти назорат ва контрол гирад, пайваста сохтору ниҳодҳои мухталифро ба корҳои тарбиявӣ ва худшиносӣ ҷалб намояд ва ин кори давлати демократӣ низ ба маънои томаш нест. Албатта, ташкил кардан мумкин, вале бо мушкилиҳои зиёди илмӣ, ташкилӣ ва касбӣ. Барои ин қабл аз ҳама зарур аст, ки худи низоми таълимӣ ва кории ташкилоту муассисаҳоро дар чаҳорчӯби низоми

манфиатҳои миллӣ, бо риояи ахлоқ ва такмили маънавиёти субъектон роҳандозӣ намуд.

Кори маънавиёт ва худшиносию ватандӯстии шаҳрвандон танҳо кори давлатӣ набуда вай симати рушди миллати соҳибдавлат ва халқи созандаю эҷодкор аст, ки бидуни он халқ дар рушди давлату давлатдориаш дар ҷаҳони пурталотум ба хатарҳои мухталиф гирифтор мегардад. Низоми ҳуқуқӣ бояд таҳияи низоми корӣ ва таълимиеро рӯи кор оварад, ки ҳар аъзои ҷомеа дар баробари меҳру муҳаббат ба касбу кораш, корхонааш, ватани азизаш Тоҷикистонро, ки инчунин шароитро барои ӯ муҳайё кардааст дӯст дорад. Дар низоми кори корхонаҳо, албатта, чорабиниҳои пайвастаи маърифатӣ, ахлоқӣ ва маънавию сиёсӣ ба манфиати кор аст. Ба мақсад мувофиқ аст, ки саҳми васоити ахбори омма ва иттиҳодияи ҷамъиятӣ ва мақомоти худфаъолиятиро бо дастгириҳои моливявии муайян дар ин самт ҷоннок намуд. Ин ҳама чи дар давлатсозӣ ва чӣ дар тарбия ва шаклгирии шаҳрванд-инсони солеҳи худшиносу ватандӯст ва миллати муосир шарт ва зарур аст. Аҳамияти муҳимми ин раванд дар эъмор, эҳё ва шаклгирии миллати воҳиди соҳибдавлат аст.

Вазъияти имрӯзаи фазои мафкуравӣ ва идеологӣ дар шароити дарҳои кушод ва ҷаҳонишавии масъалаҳо, на танҳо дар мо, балки дар кулли давлатҳои собиқ шӯравӣ зиёд мураккаб ва печида аст. Чунки то ҳанӯз ҷомеа сангҳои таҳдобии маънавиёт ва арзишҳои усулии худро, ки ба миллати соҳиби давлати декмократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ хизмат намояд, дарёфт нанамудааааст. Чанд арзишҳо ва асосҳои маънавӣ ва ҳуқуқии роҳбарикунандае, ки имкони барои ҷомеаи шаҳрвандӣ хизмат намуданро доштанду баъзеҳо гуфтанд, аз ҷониби гурӯҳҳои мухталиф бо дидгоҳҳои танги соҳавӣ ва ё таассубӣ дар сатҳи лозима баррасӣ ва рушд накарданд. Мушкилтар аз ҳама ҷанбаҳои иҷтимоӣ, илмӣ ва амалии онҳо дар самти тадқиқотҳои илмӣ ба таври бояду шояд таҳлил нагашта, паҳлуҳо ва ҷанбаҳои оммавии онҳо ҷалби назари саворагони иттилооти озодро ба худ накашид. Роҳбари ғамхори давлат ҳар сол дар вохуриҳои худ ба аҳли зиё доир ба масъалаҳои фарохтар аз ин низ ҳарф мезананд, вале…

Ҳар нафаре, ки худро фарзанди ҳамин ватан меҳисобад, масъулияти худро дар беҳдошти авзои сиёсӣ, ҳалли проблемаҳои мавҷуда, ҷустуҷӯи роҳи ҳақиқат, ёфтани мизони адолати иҷтимоӣ эҳсос карда, аз нобасомонии бисёр ҷараёнҳои номатлуби динӣ, ифротӣ ва бетарафии аҳли дину хомӯшии аҳли илм ва хирагию торикии фазои маънавии кишвар то ҷое худро нороҳат ҳис мекунад. Дар ибтидо фикр мекунӣ шояд ин ҳамон раванди мӯътадил аст ва мо аз ҳад зиёд хурдагирӣ менамоем. Вале чун ба масъалаҳо аз назари қиёс ва таърих умқан назар менамоем, мебинем, ки ҳодиса ва унсурҳои ҷудогонаи таърихӣ дар ҳастии шаклҳои шуури ҷамъиятӣ дар навъ ва рангҳои мухталиф такрор меебанд. Бузургон дуруст гуфтаанд: «Таърих такрор намеебад, вале унсурҳои ҷудогонаи он такрорёбанда аст» (Питирим Сорокин, иҷтимошинос). Дар мисоли таассубу ифрот, дуршавӣ аз арзишҳои миллию мазҳабӣ ва инкори манфитаҳои давлатӣ таърихи халқи мо ҳодиса ва рӯйдодҳои мухталифи такрорёбандаро медонад.

Аммо дар қиёс ба мо бузургони гузаштаамон – Абӯҳанифаю Абуҳафси кабир, Муҳаммади Шайбонию Абуҳафси сағир, Абу- Ҳакиму Мотуридии Самарқандӣ, Рӯдакию Фирдавсӣ, Ҳофизу Саъдӣ, Аттору Мавлавӣ, Носиру Ғаззолӣ, Синою Хайём, Саноию Низомӣ ва дар муқбили чунин норасоиҳо ва иллатҳои иҷтимоию динӣ хеле оқилона, боадабона мубориза бурдаанд. Зеро онҳо номи миллат ва халқи тоҷикро дар вазнинтарин даврони сиёсии кишвар, маҳрумияти халқ аз идораи давлат тавонистанд ҳифз намоянд ва ба ҷаҳониён бишиносонанд, вале мо дар ҳолате ки давлати миллиамон ба гуфтаҳо ва эҷодиёти офаринандаи мо ниёз дорад, ба ҷуз имрӯз фардоро дида наметавонем, маънӣ ва дарси наве барои ояндагон дода наметавонем… **Чаро? Ин чароро Роҳбари давлат низ бо дард ба аҳли зиёи**

**мамлакат борҳо ба миён гузоштанд. Ин савол бояд ҳеҷ як шаҳрванди баномус ва бонанги миллатро бетараф нагузорад. Қадами аввали ҳалли ин мушкилӣ дарк ва ҳазми қадру қиммат ва манзалати соҳибихтиёрии халқ ва давлат аст.**

***Доир ба соҳибихтиёрии давлатӣ***

Ҷаҳон дар остонаи ҳазораи се бо роҳҳои мураккабу печида инсониятро ба сӯиояндаи номуайян ҳидоят менамояд, ки шинохту пешбинии ҳодисоти он ба беҳтарин ва баргузидатарин ашхоси илмии даврони нав ба осонӣ ба даст намеояд. Ҳодисоти оламгири охири қарни гузашта бо силсилаи пошхӯриҳои низоми кишварҳои сотсиалистию истиқлолияти давлатҳои миллӣ тавлидгари як сиёсату як мафкура буда, пошхӯрию парокандашавиро барои қисмате аз кишварҳо ва муттаҳидию ваҳдатро ба иддаи дигари давлатҳо чун ҳодисоти тазод рӯи харитаи ҷаҳон овард. Барҳамхӯрии давлати шӯроҳою муттаҳидии миллати олмон, пошхӯрии давлатҳои мураккаби Аврупои Шарқию муттаҳидии давлатҳои Аврупои Ғарбӣ идомаи мантиқии як сиёсати ҷаҳонӣ буд. Сиёсате, ки оқибатҳои мухталифро ба сиёсатиояндаи халқу миллатҳо инъом кард. Азбайнравии тазоди мафкуравӣ ва тавлиди тазоди усулӣ ба зоҳирёбии манфиати кишварҳо таъсир расонида, наққошониояндаи авзои сиёсии инсониятро (архитекторҳоиояндаи олам) ба мушкилиҳо рӯ ба рӯ кард. Назарияи интиҳои таъриху одами ниҳоӣ (Ф. Фукуяма) ба мушкилиҳои таърихие рӯ ба рӯ шуд, ки нишона аз интиҳои таърих надошта, хабар аз ибтидои даврони нав менамуд. Андешаи машҳуру дилфиреби ҷаҳони сармоядории мунокишаи тамаддунҳо (С. Хантингтон) бо мафкураи гуфтугӯи тамаддунҳо (Хотамӣ) бархӯрд, консепсияи тахтаи бузурги шоҳмоти ҷаҳонӣ (З. Бзежинский) воситаи паҳнгардии ғояҳои инқилобҳои рангоранг гашт. Шинохти таърих аз даричаи форматсионӣ (марксизм), дарки инкишоф аз назари фавворавӣ (флуктуатсионӣ-назарияи П. Сорокин), биниши ҷомеаи инсонҳо аз назари тамаддунӣ (А. Тойнби) бо асрору мушкилиҳои нав ба нав рӯ ба рӯ шуд, ки назири онро ҷомеаи инсонӣ ёд надошт. Ин ҳама дар назари мо асирони воқеии муаммоҳои имрӯз чун қонунияти зиндагӣ ногузир ва мӯътадил менамояд. Ҳар нафаре, ки аз рӯзгори гузаштагон хуб огоҳӣ дорад, ба осонӣ пай мебарад, ки таърих нисбат ба ин даврон, хеле баланд ва ҷиддӣ ҳарф хоҳад зад. Ин давронест, ки бо ҳама мушкилиҳояш чунин муносибатро арзанда аст, зеро маҷмӯи ҳодисоту лапишҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва иқтисодию ҳуқуқии он то он дараҷа тақдирсозу тағйирпазиранд, ки садоҳои он ба умқи садсолаҳои оянда, ба ҳайси як даврони гардиши куллӣ бидуни мушкилӣ хоҳад расид. Ин даврон бо вуҷуди он, ки бисёре аз равандҳои пошхӯрию бархӯрдҳоро дорост, ба ҳар халқ ва ҳар кишваре чизе дода, инъоме бахшида. Барои мо соҳибистиқлол шудан бузургтарин неъмат буд.

Яке аз рукнҳои муҳимми бунёди давлат истиқлолияти давлатист. Истиқлолият ин танҳо бо эълон намудану қабули санади соҳибихтиёрӣ ва Эъломия анҷом наёфта ҳуқуқи халқу миллатро ба таъсиси ҳокимияти давлатии мустақил дар дохили кишвар амалӣ намудану онро чун субъекти соҳибихтиёр ба арсаи сиёсати ҷаҳонӣ ва майдони мубориэаи ҳастӣ ворид сохтан аст. Аз дидгоҳи ҳуқуқи конститутсионии муосир истиқлолияти давлатӣ сарчашмаи худро аз соҳибихтиёрии давлатӣ мегирад. Соҳибихтиёрии давлатӣ як навъи соҳибихтиёрии умумист. Соҳибихтиёрӣ усулан ба се навъ тақсим мешавад: халқӣ, миллӣ ва давлатӣ.[3, с. 97]Соҳибихтиёрии халқӣ дар ифодаи иродаи халқ ҳамчун манбаи ҳокимияти давлатӣ зоҳир меебад. Яъне халқ сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатист. Барои соҳибихтиёрии халқӣ демократия ва институтҳои демократӣ, қонуният ва низоми интихоботи озод, пинҳонӣ ва шаффоф хизмат мекунад. Ба як маънӣ халқ дар муайян намудани тарзи зиндагӣ, шакли идора ва низоми иқтисодию иҷтимоӣ соҳибихтиёр аст. Соҳибихтиёрии миллӣ ин ҳуқуқи миллат мустақиман бе дахолати дигар миллатҳо ҳуқуқи худро дар муттаҳид шудан, таъсис додани давлати мустақил ва муа-

йянкунии мақоми сиёсии худ фаҳмида мешавад. Натиҷаи амалӣ шудани соҳибихтиёрии миллӣ таъсиси давлати миллист. Соҳибихтиёрии миллӣ ин ҳуқуқи миллат ба худмуайянкунии миллист. Одатан дар давлатҳои федеративӣ ҷумҳуриҳои аъзои он соҳибихтиёрии халқӣ ва миллиро доранд, аммо соҳибихтиёрии давлатиро, ки мустақилияти давлатро ҳамчун соҳибихтиёрии сиёсӣ дар дохил ва хориҷ муаррифӣ менамояд, доро нестанд. Чунин ҳуқуқ ба аъзои федератсия ва ё штатҳо дар баъзе аз кишварҳо ба тариқи маҳдуд пешниҳод шудааст. Умуман соҳибихтиёрии давлатӣ, ки ба истиқлолияти давлатӣ анҷом мепазирад, зинаи охирини соҳибихтиёрист, ки мустақилияти давлатро дар дохил ва хориҷ муаррифӣ менамояд. «Соҳибихтиёрии давлатӣ – волоият ва мустақилияти ҳокимияти давлатӣ дар дохил ва муносибатҳои хориҷи кишвар аст. Соҳибихтиёрии давлатӣ дар конститутсияҳо муаррифӣ гардида, нишонаи муҳимми давлат аст. Танҳо давлати соҳибихтиёр ҳуқуқи дар муносибатҳои байналхалқӣ ҳамчун субъекти мустақил баромад карданро дорад».[1, с. 471]Соҳибихтиёрии давлатӣ ба соҳибихтиёрии сиёсӣ, ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва дохилию хориҷӣ тақсим мешавад, ки дар маҷмӯъ мустақилияти давлатӣ ва ё истиқлолияти онро мефаҳмонад. Соҳибихтиёрии сиёсӣ ҳокимияти ягонаи давлатӣ дар ҳудуди муайян, ҳуқуқӣ - низоми ягонаи сарчашмаҳои ҳуқуқӣ, қонунҳои ягона ва тартиботи якхеларо баён мекунад. Ҳамин тавр соҳибихтиёрии давлатӣ, ки ба истиқлолияти комили давлат дар муносибатҳои дохилӣ ва хориҷӣ анҷом меебад, давлатро ҳамчун падидаи томи комилҳуқуқ муаррифӣ кардан аст. Ба андешаи ҳуқуқшиноси шинохтаи ватанӣ А. Имомов соҳибихтиёрии Тоҷикистон хусусияти хоси ӯ буда, ҳокимияти олии ягона ва истиқлолияти ӯро ифода мекунад.[2, с. 195] Ба андешаи устод А. Имомов соҳибихтиёрии давлатӣ дар заминаи соҳибихтиёрии халқ амалӣ мегардад ва яке аз шаклҳои ифодагардии соҳибихтиёрии халқ соҳибихтиёрии миллӣ мебошад. [2, с. 196-197]Ҳамин тавр, мо алоқамандии устувори соҳибихтиёрии давлатӣ, халқӣ ва миллиро мушоҳида мекунем, ки он бо рукнҳои асосии васлкунанда ҳокимияти олии давлатӣ, ваҳдат ва истиқлолияти давлатӣ [2, с. 197]ягонагӣ ва умумияти худро ҳифз менамояд.

Ба хотири муттаҳид шудан ба ташкилотҳои байнидавлатӣ ва иҷрои ҳадафҳои боз ҳам васеътар мумкин аст, ки давлатҳо баъзе аз рукнҳои соҳибихтиёрии худро маҳдуд кунанд ва ё ба маслиҳати якдигар вогузор намоянд. Маълум мешавад, ки ҳар як навъи соҳибихтиёрӣ чӣ қадар қимати бузургу беандозаро барои халқу миллатҳо дорост. Тоҷикистон то пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ соҳибихтиёрии халқӣ ва миллиро нисбатан дошт, аммо пас аз пош хӯрдани Иттиҳод, ки дар асоси шартнома ҳуқуқҳо маҳдуд шуда буд, ҳуқуқҳои соҳибихтиёрӣ то соҳибихтиёрии давлатӣ ба Тоҷикистон насиб гашт. Ба кишвари мо зарур буд, ки ба мафҳум ва аҳамияти ин неъматҳои олӣ ба дурустӣ сарфаҳм рафта, онро ба манфиати умум истифода намояд.

### *Истиқлолият ва мушкилиҳои сиёсати ҷаҳонӣ*

Эълом намудани истиқлолияти кишвар, аз роҳи вазнину ноҳамвор ҳифз намудани он ва баромад ба низоми давлатҳои ҷаҳонӣ бо мақсади эътирофи миллати соҳибдавлат дар назди мардуми Тоҷикистон тайи 24 соли истиқлолият, вазифа ва муаммоҳои мухталифи сиёсӣ, ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодиро пеш гузошта истодааст. Дар сарҳади ду тамаддуни аз назари иқтисод тафовутдошта (капитализм ва сотсиализм), ду идеологияи таърихан ноошно (дунявият ва ислом) ва гурӯҳи забонҳои аз қадим дар рақобат буда (забонҳои форсӣ ва туркӣ), давлати Тоҷикистон қарор гирифта, баъд аз пошхӯрии низоми давлати шӯравӣ як нуктаи ниҳоят дарднок ва осонгирро мемонд. Аз ин ҷост, ки давлатҳои абарқудрати ҷаҳонӣ, ки аз қадим нисбат ба ҳавзаи Балкан ва Осиёи Миёна иштиҳои хуб доштанд, пас аз озодшавии мулкҳои Осиёи Миёна нақшаҳои стратегии худро нисбат ба ин

минтақа тарҳрезӣ намуда, бо ҳар роҳу восита кӯшиши ба ҷониби худ кашидани онҳо ва гирифтани фоидаҳои молиро ҷустуҷӯ менамуданд. Ба ин минтақа ҳам он давлатҳое, ки замоне дар ин сарзаминҳо империяи бузургро таъсис дода буданд, онҳое, ки дар замони нав ба ин минтақаҳо роҳ ёфта буданд ва ҳам онҳое, ки аз тақсимоти таърих дар ибтидои асрҳои миёна ва замони мустамликадории даврони навини асри XIX аз ин ҳудуд маҳрум монда буданд, лекин ҳанӯз ҳисобу китоби худро бо онҳое, ки дар ин минтақа нуфуз доштанд, баробар кардан мехостанд, дастдарозӣ намуда, имконияти фурӯ бурдани луқмаи навбатии омодагардидаро дар даст доштанд… Ба қавли идеологи ШМА-Збигнев Бжезинский, ки оламро чун тахтаи шоҳмоти ҷаҳонӣ байни қудратҳо тақсим намуда, вазифаи шоҳиро ба амрикоиҳо додааст, ба ин сарзаминҳо ба ҷуз аз давлатҳои номбаршуда дигар кишварҳо низ фурсати дастдарозиро интизоранд. [2, с. 163]Афсӯс, ки онҳое, ки бо баҳонаи ночиз фазои ороми кишварро вайрон карданӣ мешаванд на ҳамеша аз ин мақсадҳо ва ҳадафҳо огоҳанд.

Зери пардаи ҳамаи муносибатҳои дӯстонаи давлатҳо дар ҳавзаи Осиёи Миёна пас аз пошхӯрии низоми Шӯравӣ чунин мубориза ғаразҳо нуҳуфта шудааст, ки дарки ҳар соҳибватан аз он нияту маромҳо шарт ва азрур аст. Аммо ҳамаи ин дар назди иродаи қавии халқу миллатҳо, ки роҳи бебозгашти хешро ба сохибихтиёрию истиқлолият муайян намудаанду ҳамдигарфаҳмию ваҳдатро аз ҳама неъматҳо боло медонанд, ҳеҷ аст… Ва ҳеҷ бояд бимонад… Аммо барои ин мардуми ин кишварҳо ва давлатҳои тозаистиқлол, чи тавре ки **Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон борҳо таъкид намудаанд, ҳушёрии сиёсиро аз даст надода, дар роҳи муттаҳид сохтани қишрҳои мухталифи ҷомеа** дар атрофи арзишҳои олии давлат саҳмгузор бошанд. Онҳо ба таҳкими давлатдорие даст зананд, ки он аз таҷрибаи хуби пешқадами ҷаҳонӣ, аз решаҳои фарҳанги миллӣ ва дастовардҳои ҷаҳонӣ истифода намуда, дар асоси ақли созанда ва хиради тамйизкунандаи неку бад ба бинои давлати миллӣ даст зананд. А. Имомов дуруст қайд менамоянд, ки соҳибихтиёрии давлатии Тоҷикистон неъмати бузургест, ки миллати тоҷик ва тамоми мардуми ҷумҳурӣ ба он комёб шудааст. Аз ин рӯ, соҳибихтиёрии ҷумҳуриро қадр кардан, пойдории онро устувор гардонидан ва ҳифзи онро таъмин намудан вазифаи муқаддаси ҳар як шаҳрванди он мебошад.[2, с. 195]

***Ҷустуҷӯи роҳи оянда ва ҳимоя аз муаммоҳо***

Дигар аз омилҳои муҳимми ҳимояи истиқлолияти кишварҳои тозаистиқлол ташаккули амалии андешаи давлати миллӣ ва ҳуқуқи миллӣ аст. Идеяи соҳибихтиёрӣ, ки дар ибтидои мустақилгардии давлатҳои собиқ шӯравӣ ба якчанд омилҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва миллӣ такя менамуд, тадриҷан дар байни ин омилҳо ҷавҳари аслии истиқлолиятро ҳамчун омили муҳимми идеологӣ ҷустуҷӯ менамояд. Ва ин хеле воситаи муҳим буд, зеро шакли сохтори федеративӣ, ташкили принсип ва арзишҳои идора ва ҳуқуқэҷодкунии интернатсионалӣ, имкони ташаккули ғояи миллати ҷудогонаро тадриҷан заиф мегардонд. Интернатсионализм, махлутгардии беҷо баъзан сунъӣ ва ассимилатсияи сохта зина ба зина ба шаклҳои зоҳирёбии ягонагии миллатҳои ҷудогона таъсири манфӣ мерасонд. Таърихи начандон тӯлонӣ шаҳодати он аст, ки чунин маҳак ва ҷавҳари асосии мафкуравии давлатҳои соҳибистиқлолро идеяи (ғояи) давлати миллӣ бар дӯши худ мегирад. Акнун давлатҳо воситаи муҳимми ҳимояи истиқлолияти худро дар ҷавҳари аслии худ мафкураи давлати миллӣ мебинанд. Аҷиб он аст, ки агар дар зинаи ибтидои истиқлол, мустақилгардӣ дар давлатҳои сермиллат мафкураи миллӣ омили муҳимми такондиҳанда набошад ҳам, вале баъдан вай ба чунин як унсури такондиҳанда табдил меебад. Соҳибихтиёрии миллӣ аз зинаи амали воқеии худ убур намуда то ба соҳибихтиёрии давлатӣ хидмат мекунад. Давлати соҳибистиқлол ба зинаҳои баландтари муносибатҳо ворид мешавад.

***Тарс аз афзоиши соҳибихтиёрии миллӣ***

Аҷоиби дигар он аст, ки агар дар ибтидо мақсади он давлатҳое, ки парокандагии империяҳои бузургро, ки дар асоси миллатҳои мухталиф бунёд ёфта буд, ба нақша гирифта, омили баланд бардоштани худшиносии миллии ин халқҳоро бисёр мехостанд, зеро он тақондиҳандаи парокандашавии империяҳои сермиллат буд (ИҶШС, Чехословакия, Югославия ва ғ.), вале баъд аз ноил шудан ба чунин мақсад, бо ҳар роҳу восита садди роҳи баланд рафтани чунин унсурҳои худшиносӣ дар ин давлатҳои тозаистиқлол гаштанд. Маълум буд, ки дигар мустаҳкамгардии истиқлолияти онҳо ба манфиати ин даллолони таърихӣ, ки воридсозии давлатҳои кӯчакро ба фазои ҳуқуқӣ, сиёсӣ ва иқтисодии худ ба нақша доштанд, мусоидат намекард. Вале онҳо қонунияти то кунун кашфшудаи андешаи давлати миллиро ҳамчун воситаи муҳимми муқобилияти онҳо дар набардҳои байналмилалӣ аз мадди назар дур карда буданд. Андешаи давлати миллӣ ва ё ҳуқуқи миллӣ дар аксари давлатҳои рӯ ба инкишоф ва давлатҳои мутараққӣ дар даврони муҳимми ҳифзи истиқлолият хамчун воситаи муҳимми муҳофизати истиқлолият хидмат менамуд, намуда истодааст ва дар оянда низ хоҳад кард. Муҳаққиқ Ф. Фукуяма баланд рафтани худшиносии миллиро дар чунин ҳолатҳо дуруст таъкид намудааст: «Миллатчигӣ айни ҳол дар Аврупои Шарқӣ ва ИҶШС, ки дергоҳ ба худшиносии миллии халқиятҳои онҳо монеъ мешуданд, хеле боло рафтааст. Миллатгароӣ ҳамчунин дар давлатҳои кӯҳна ва устувори миллӣ низ вақтҳои охир ба тағйирпазирӣ рӯ овардааст. Даъвати худшиносии миллӣ дар Аврупои Ғарбӣ ба худшиносии универсалӣ табдил ёфтааст, ки аз бисёр ҷиҳат ба даврони се чор қарни пеш, ки бо созиши дин рӯи кор омада буд, мувофиқат дорад». [4, с. 21]Яъне миллатгароӣ ва худшиносии миллӣ дар даврони навтарин аз сари нав нақш ва нуфузи худро дар ҳалли масъалаҳои муҳимми давлатӣ тақозо дорад. Давроне, ки пешгӯии анҷомёбии таърих бо ғалабаи пурраи демократияи либералӣ дар интиҳои асри XX рух надод, давроне, ки назарияи «мубориза барои эътирофнамоӣ»-и Гегель, Маркс ва Фукуяма ҳамчун воситаи муҳимми инкишофи таърих аҳамияти худро ҳамчун маҳаки пешбаранда гум карданд, таърих ба анҷом нарасида, баръакс унсурҳои дар назар архаистию кӯҳнашудаи идеологӣ чун миллатгароӣ, тобеияти динӣ ва ғ. аз сари нав дар раванди инкишофи давлатҳои мутамаддин садо баланд намуда истодаанд, пешгӯии ояндаи наздик барои аҳли илми ҷамъиятшиносӣ мубрам аст. Таҳлили ҳамин омилҳои вусъатгирифта риштаест, ки ба кушоиши роҳи ояндаи инкишофи давлатҳои дар паҳнои он қоматафрохта мусоидат хоҳад кард.

***Зарар аз дасту дили кушод: сиёсати дарҳои боз маънии кандани дарҳоро надорад***

Дар солҳои аввали истиқлолият мардуми таҳҷоӣ ва ҳукуматҳои тозаистиқлол ба хотири он, ки бародарҳои нав ва миллатҳои соҳибдавлат онҳоро бо дӯстию меҳру муҳаббат ба оғӯш гирифта, ҷой ва мавқеи онҳоро тавассути созмонҳои байналмилалӣ дар ҷаҳони нав муаррифӣ менамоянд, озодона манфиатҳои давлатии худро бо оғӯши кушод ба дӯстони гирду атроф боз менамуданд… Онҳо ҳанӯз намедонистанд, ки ин ҳама дӯстию оғушбозкуниҳо решаҳои ғализи ҳақталабию нусратёбиҳои зиёдро дорад, ки на ҳамеша ба манфиати давлатҳои тозаистиқлол буданд. Ҳамин тавр вазъияти дар назар ором дар асл нооором буда, ҷараёнҳои мухталифу мавҷҳои ноаёнро дар ботин нигоҳ дошт, ки ҳар лаҳза имкони киштии тозаистиқлоли давлатҳои ин минтақаро чаппа кардан доштанд. Давлатҳои минтақаи Осиёи Миёна, ки саргарми истиқлолияти ба осонӣ бадастомада буданд, имкони таҳлили чунин иштиҳои бениҳоят вазнини атрофиёнро қудрати дарк кардан надоштанд. Зеро вақт ва таҷрибаи кофӣ надоштан ба онҳо чунин имконро фароҳам наоварда буд… Ин буд, ки аввалин шуда мардуми Тоҷикистон ба ин гирудорҳо фурӯ рафт… Шукри Худо, ки аз ин вазъият мардуми Тоҷикистон таҳти роҳбарии Пеши миллат мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳамон сари

вақт бо ҳамгирой, ҳамдигарфаҳмӣ ва Ваҳдат берун баромаданд. Тоҷикистон бо қабули Конститутсияи соли 1994 чун давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, иҷтимоӣ, дунявӣ ва ягона роҳи кишвардорию, сохтори давлатӣ, табиати қудратофарию реҷаи сиёсии ояндаи худро ба ҷаҳониён муаррифӣ намуд. Интихоби ҳар яке аз ин роҳҳо бо таҳлили чуқури авзои сиёсии кишвар ва ҷаҳон сурат гирифта, дар ҳамон даврон роҳи ягона ва асосии халосии миллат ва халқиятҳои минтақа буд, ки ягонагии мардумро дар харитаи сиёсии ҷаҳон чун давлати мустақили Тоҷикистон муаррифӣ карда метавонист…

Аммо проблемаҳо, душвориҳо ва масъалаҳои ҳалталабе, ки ҳар як давлати моро дар пешорӯи бӯҳронҳои вазнини сиёсию ҳуқуқӣ ва иқтисодию иҷтимоӣ қарор медод, буданд ва аз ҳар сӯ пайдо шуда ҳалли худро талаб намуда, ба мазмуни давлатдорию ҳуқуқи мо махсусиятҳою аломатҳои фарққунандаро ворид менамуд. Ҳамагӣ ин масъалаҳо собит менамуданд, ки ҳанӯз роҳ дар бунёди давлати ободу зебо ба пуррагӣ ҳалли худро наёфта, ҳанӯз зиёданд қонуниятҳою унсурҳои нонавиштае, ки ҳар як метавонад бо тақдири миллат ва давлат ба осонӣ бозӣ намуда, ҳама кӯшишу ормонҳои моро дар як замон барбод диҳад… Яъне мо роҳро муайян кардаем, вале усули ҳаракати мошинаи давлатиро, ки қудрати пеш бурдани бори вазнини миллат ва халқиятҳои Тоҷикистонро бар дӯш дорад, бо суръати ҳаракати тағйирёбандаю унсури нигоҳ ва боздорандаи он дар ҳолатҳои болоравию фурӯравии роҳ ба пуррагӣ дар назар нагирифтаем. Ҳамагӣ таҳлили амиқи илмиро аз назари иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ ва сиёсӣ талаб намуда ҳамзамон инқилоби илмии фанҳои дақиқро хостор аст. Барои ин аз чӣ бояд сар кард? Ба чӣ бояд диққат дод? Махсусияти давлатдории тоҷиконро имрӯз аз чӣ бояд донист? Кадом унсурҳо аломатҳои ҳатмии ин равандро таҷассум менамояд? Ва дигар саволҳои муҳим ҳамагонро ба ташвиш оварда буд. Дар ин маҷро муайян намудани мафҳуми давлатдории тоҷикон ҳамчун ҷараёни пайдоиш, инкишоф, шаклдигаркунии давлат ва ҳуқуқ дар давраҳои муайяни таърихӣ, **меросият ва нигоҳдори роҳи муайян намудаи Бунёдгузори давлати миллӣ Пешвои миллат**, тамомияти марзӣ-худудӣ ва ягонагии ҳуқуқии ҷамъият аҳамияти боризро дорост.

***Хотима ва ё санги таҳдобии истиқлолияти фикрӣ***

Ба назари мо санги таҳдобии сиёсати мафкуравии миллати соҳибихтиёр ва соҳибдавлатро арзиши муайянкунанда, тақдирсоз ва умумиятдоштаи одамият- **ҳуқуқ ва озодиҳои инсон** ташкил медиҳад. **Садаи XX ва XXI ҳуқуқу озодиҳои инсонро ҳамчун маҳаки муҳимму марказии инкишоф ва баҳодиҳии воқеияти давлату давлатдорӣ муайян кардааст.Ба ин хотир ҳама арзишҳои дигар бояд баҳри амалишавии он нигаронида шуда, дар хизмати он гузошта шаванд. Давлат, сиёсат ва ҳамагуна манфиат, ба қавли И.Кант, бояд назди ҳуқуқи инсон сари таъзим фурӯд оранд.Роҳи ягона ва асосии рушди давлатдории мо маҳз дар ҳамин арзиши марказӣ, ки моддаи 5 Констутсияи кишвар муайян** кардааст, нуҳуфта шудааст. Барои ин зарур аст, ки илми ҳуқуқшиносӣ ва раванди ҳуқуқэҷодкунӣ бо таҳлилҳои устувори мантиқӣ, таҳлилӣ, дастрасии дастовардҳои ҷаҳонӣ ва таърихӣ ҳамагуна арзиш, манфиат, принсип ва усулҳои ҳуқуқиро дар мизони адл тарзе ҷо ба ҷо гузорад, ки ҳақиқат, озодӣ, *адолат ва баробарии* инсонҳо зарар наёбад.

**Адабиёт**


1. Арутюнян Г. Г., Баглай М. В. Конституционное право. Энциклопедический словарь. М. 2006.
2. Имомов А. Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе 2004.
3. Конституция Российской федерации: научно-практический комментарий. Под ред. академика Топорнина, М. 2003.
4. Фукуяма Ф. Конец истории и последний человек. М., 2005.

# ҲИМОЯИ ҲУҚУҚҲОИ ИНСОН ДАР НИЗОМИ ФУНКСИЯҲОИ ДАВЛАТ

## ЗАЩИТА ПРАВ ЧЕЛОВЕКА В СИСТЕМЕ ФУНКЦИИ ГОСУДАРСТВА

**Шарифзода С. Ш.,**
ассистент кафедры теории и истории государства и права юридического факультета Таджикского национального университета.
e–mail: Sadi_m_90@mail.ru

**Научная специальность:** 12.00.01 – теория и история права и государства; история учений о праве и государстве

**Научный руководитель**: Сативалдыев Р. Ш., доктор юридических наук, профессор

**Рецензент:** Азизов У. А., доктор юридических наук, профессор

*Аннотация:* Функции государства являются одним из важных теоретических и практических проблем. В юридической литературе существует много подходов относительно классификации новых теорий о функции государства. В статье автором дается понятие функции государства и защиты прав человека в системе функции государства.

*Ключевыеслова:* функция, функции государства, система, защита прав человека

## THE PROTECTION OF HUMAN RIGHTS IN THE SYSTEM OF STATE FUNCTIONS

**Sharifzoda S. Sh.,**
Junior lecturer of the Department of Theory and History of State and Law of the Law Faculty, Tajik National University.
e-mail: Sadi_m_90@mail.ru

**Scientificspecialty:** 12.00.01. – Theory and history of the law and state; history of the doctrines of the law and state

**Research supervisor:** Sativaldiev R. Sh., Doctor of Legal Sciences, Professor

**Reviewer**: Azizov U.A., Doctor of Legal Sciences, Professor

*Annotation:* State functions of the state are one of the most important theoretical and practical problems. There are many approaches to the classification of the new theories about the functions of the state in the legal literature. The author provides a definition of the functions of the state and the protection of human rights in the system of state functions.

*Keywords:* the function, functions of the state, the system, protection of human rights

Функсияҳои давлат яке аз масъалаҳои муҳими назарияи умумии давлат буда, чун анъана мавриди таваҷҷуҳ ва таҳлили мутафаккирону олимон қарор дорад, зеро омӯзиши он барои назария ва амалияи давлатӣ хело муҳим аст. Муҳим будани ин мавзӯъ бо як қатор омилҳо муайян мешавад:

Якум, моҳияти давлат дар функсияҳояш равшан мегардад. Маҳз бо

функсияҳои давлат моҳияти ин ё он давлатро муайян мекунанд.

Дуюм, бо пешрафти ҷомеа моҳияти давлат ва мутобиқан функсияи давлат инкишоф меебанд.

Сеюм, функсияҳои давлат ба шароити нави ҳаёт мутобиқ мешаванд, як қатор функсияҳо аз байн мераванд, функсияҳои нав ба миён меоянд.

Аз ин хотир, омӯзиши ин масъалаи илмӣ имкон медиҳад муайян шавад, ки кадоме аз функсияҳои анъанавӣ аз байн рафтаанд, кадом функсияҳои нав пайдо шуданд ва дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқҳои инсон чи нақш доранд.

Бинобар ҳамин баъди пош хурдани Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шӯравии Сотсиалистӣ (ИҶШС) ва соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин гузаштан аз ҷомеаи сотсиалистӣ ба ҷомеаи шаҳрвандӣ, муносибатҳои нави ҷамъиятӣ ба вуҷуд омададан, ки боиси тағйири функсияҳои давлат гардид. Аз ҷумла функсияҳои давлатҳои сотсиалистӣ (иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, экологӣ) ва ғ. комилан дигаргун шуданд, як қатор функсияҳо, ки дар давраи сотсиализм манъ гардида буданд, (аз қабили манъи моликияти хусусӣ, фаъолияти соҳибкорӣ ва м.и) аз байн рафтанд. Акнун давраи имрӯзаи инкишофи ҷомеи ҷаҳон як қатор масъалаҳои глобалиро ба миён овард, ки ҳалли онҳо кушиши ҳамаи давлатҳои оламро металабад ба монанди функсияҳои итилооти, экологӣ, демографӣ, энергетикӣ, захиравӣ, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва ғ. Дар ҳамин асос тағйири функсионалии давлат дар самтҳои гуногуни давлат таҳқиқҳои навро металабад. Аз ин хотир дар илми ҷаҳонӣ, аз он ҷумла илми пасошӯравӣ таҳлили функсияҳои давлат бо дар назардошти дигаргуниҳои куллӣ дар ҷомеаи ҷаҳон идома дошта, фикру ақидаҳои гуногун оид ба мафҳуми функсияҳои давлат, таснифи функсияҳои давлат, ҳаммаъно будани функсия ва вазифаи давлат, эътироф гардидани ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба сифати функсияи мустақили давлат ва м.и. аз ҷониби олимону мутафаккирони зиёд арзёбӣ гардидааст.

Оид ба мафҳуми «функсияҳои давлат» нуқтаҳои назари гуногуни таҳқиқотчиёни шӯравию пасошӯравӣ мавҷуд аст. Як гуруҳи муаллифон ақида доранд, ки функсияҳои давлат ин самтҳои асосии фаъолияти давлат мебошанд. Гуруҳи дигар функсияҳои давлатро ҳамчун самтҳои дақиқи фаъолияти давлат мепиндоранд. Гуруҳи сеюмин бошад, ақида доранд, ки функсияҳои давлат ин фаъолияти давлат дар самти муайян мебошад. Дар асоси се самти зикр гардида, таърифҳои гуногун оид ба мафҳуми функсияҳои давлат пешбинӣ шудааст. Ба ақидаи С.С. Алексеев, функсияҳои давлат ин самтҳои асосии фаъолияти давлат буда, моҳият, вазифаҳои иҷтимоӣ, мақсад ва ҳадафҳои давлатро ифода мекунанд[1, с. 146]. Сотиволдиев Р.Ш. қайд мекунад, ки функсияҳои давлат ин самтҳои асосии фаъолияти давлат мебошад, ки барои ҳалли вазифаҳо равона гаштаанд[8, с. 238]. Ба ақидаи Г.С. Азизқулова ва И.И. Камолов функсияҳои давлат ин самтҳои (намудҳои) асосии фаъолияти давлат мебошад, ки баҳри амалишавии вазифаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва ғ, ки назди давлат қарор доранд, ҳамчунин барои расидан ба мақсадҳои муайян вобаста аз моҳияти синфӣ, ҷамъиятӣ ва вазифаҳои иҷтимоӣ равона карда шудаанд [2, с. 125]. В.Н. Хропанюк андеша дорад, ки функсияҳои давлат ин самтҳои асосии фаъолияти давлат мебошад, ки дар онҳо моҳият ва вазифаҳои иҷтимоию идоракунии давлатӣ ошкор мегарданд[14, с. 119]. Пахаленко Н.Б. чунин мешуморад, ки функсияҳои давлат ин самтҳои (тарафҳои) зарурӣ ва доимии мақсаднокии фаъолияти давлат буда, вазифаҳои дохилӣ ва берунии он вобаста ба талаботи объективии инкишофи ҷамъият амалӣ карда мешаванд [6, с. 29]. Л.И. Загайнов бошад, чунин ақида дорад, ки функсияҳои давлат на танҳо самт ва та-

рафҳои фаъолияти давлат, балки маҷмӯи воситаҳои ҳалли вазифаҳо ва ноил шудан ба мақсадҳои давлат, дар ҳаёт амалӣ намудани вазифаҳои иҷтимоӣ ва моҳияти синфӣ мебошад. [4, с. 13 -14].

Аз мафҳумҳои пешкашшуда метавон гуфт таърифе, ки аз тарафи профессор Р.Ш.Сотиволдиев пешкаш шудааст, мафҳуми мукамалтар мебошад, зеро функсияҳои давлат дар воқеъ ин самтҳои асосии фаъолияти давлат мебошанд, ки бахри иҷрои вазифаҳои давлат амалӣ гашта, моҳият, таъиноти давлат, мақсаду вазифаҳои давлатро ифода мекунанд. Ин мафҳум қобили қабул аст, зеро функсияи давлат самтҳои фаъолияташро дар соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷомеа ифода мекунад.

Проблемаи дигари ин масъала таснифи функсияҳои давлат мебошад, зеро аз ҷониби олимони ватанӣ ва хориҷӣ таснифҳои гуногун пешбини шудааст. Масалан тибқи таснифи анъанавӣ функсияҳои давлатро: 1. Вобаста ба мӯҳлати амал ба доимӣ ва муваққатӣ ҷудо мекунанд, 2. Вобаста ба мазмуни вазифаҳои давлат функсияҳоро як қатор муаллифон ба асосӣ ва ғайри асосӣ ҷудо мекунанд, 3.Таснифи дигари функсияҳои давлат вобаста ба ҳудуд сурат гирифта, мешаванд дохилӣ ва хориҷӣ.

Метавон гуфт, ки бештари олимон таснифи сеюмро қобили қабул медонанд, чунки тамоми ҳаёти инсонӣ асосан дар ду ҳудуд – дохили давлат ва ё хориҷи давлат амалӣ мешавад. Аммо оид ба намудҳои функсияҳои дохилӣ ва хориҷии давлат фикру ақидаҳои гуногун пешкаш шудааст.

Масалан, В.Е. Чиркин чор функсияи дохилии давлатро ҷудо мекунад: иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва идеологӣ. Ворид гаштани давлат ба ҷомеаи ҷаҳон, мудофиаи давлат, ҳамкорӣ бо давлатҳо дар ҳалли масъалаҳои глобалӣ, таъмини тартиботи ҷаҳонӣ аз ҷумлаи функсияҳои хориҷӣ эътироф мешаванд [14, с. 101]. В.М. Корелский функсияҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, **таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд**, фаъолияти экологӣ, ҳифзи тартиботи ҳуқуқӣ, дастгирии пешрафти илмӣ-техникӣ, иттилоотиро - дохилӣ ва функсияҳои мудофиаи давлат, ҳамгироии иқтисодӣ, таъмини сулҳ, ҳамкорӣ дар ҳалли масъалаҳои глобалӣ ва таъмини тартиботи ҳукуқии ҷаҳониро - хориҷӣ меномад. [11, с. 74].

Тибқи таснифи дигар, функсияҳои дохилии давлат инҳоянд: иқтисодӣ, андозбандӣ, назорати молиявӣ, иҷтимоӣ, маънавӣ, сиёсӣ, экологӣ, **ҳифзи ҳуқуқҳои инсон**, таъмини қонунуният ва тартиботи ҳуқуқӣ. Ҳамкорӣ бо ҳамаи давлатҳо, мудофиаи давлат, таъмини сулҳи ҷаҳонӣ, ҳамгироии иқтисодӣ аз ҷумлаи функсияҳои ҳориҷӣ эътироф мешаванд. [12, с. 150].

Дар таснифҳои дигар дар қатори функсияҳои номбаршуда ҳамзамон ба функсияҳои дохилӣ ҳимояи ҳуқуқи моликият, хизмати иҷтимоӣ, таъмини ҳокимиятдории халқ, тарбия, инкишофи фарҳанг, илму маориф (Д.В. Березовсий) ва ба гурӯҳи функсияҳои хориҷӣ - ҳамкорӣ бо кишварҳои ИДМ, ҳамгироии иҷтимоӣ-фарҳангӣ, ҳамкории сиёсӣ, фарҳангӣ, илмӣ-техникӣ, экологӣ, ҷалби сармояи ҳориҷӣ, мубориза бо терроризми байналхалқӣ дохил карда мешаванд. М.И.Пискотин ба функсияҳои хориҷии давлат дохил мекунад: функсияи мудофиавӣ, функсияҳои алоқамандии фаъолияти ташкилотҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ бо давлатҳои дигар [7, с. 99]. Л.И.Загайнов бошад ба функсияҳои дохилии давлат, функсияҳои иқтисодӣ, идеологӣ, ҳифзнамоиро дохил мекунад. [5, с. 17].

Дар адабиёти муосири ҳуқуқӣ намудҳои дигари функсияҳои дохилӣ ва хориҷии давлат пешбинӣ шудааст. Ба функсияи дохилии давлат дохил мекунанд: функсияҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, экологӣ, функсияи инкишофи илм, фарҳанг, маориф, функсияи андозбандӣ, **функсияи ҳифзи ҳуқуқҳои инсон ва озодиҳои шаҳрванд**, тартиботи ҳуқуқӣ. Ба функсияҳои хориҷии давлат бошад, дохил мекунанд: функсияи мудофиавии давлат, ҳамкорӣ бо кишварҳои ИДМ, ҳамкорӣ бо дигар

давлатҳо бо мақсади ҳалли проблемаҳои глобалӣ[15, с. 29].

Аз андешаҳои дар боло зикр гардида маълум мегардад, ки намудҳои гуногуни функсияҳои дохилӣ ва хориҷии давлат мавҷуд аст. Масалан, як қатор олимон аз қабили В.Д. Перевалов (функсияи **таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд**) [10, с. 70] , А.С. Пиголкина (функсияи ҳифзи ҳуқуқҳои инсон), Бабаев С.В. ( **функсияи ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои шахс** ) [3, с. 142]., Ю. В. Марченковой (**функсияи ҳифзи ҳуқуқҳои инсон ва озодиҳои шаҳрванд**) - ро бо номҳои гуногун ҳам бошанд, функсияи мустақили давлат меҳисобанд.

Метавон гуфт, ки дар замони муосир ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд – талаботи замони имрӯза, шарти аввалиндараҷаи зисту фаъолияти ҳар сокини сайёра, нишонаи хислати воқеӣ пайдо намудани давлати ҳуқуқбунёд мебошанд. Онҳо дар қонунгузории миллӣ ва байналхалқӣ (асноди ҳуқуқӣ - байналхалқии соҳаи ҳуқуқҳои инсон) ифодаи ҳуқуқиро соҳиб гашта, айни ҳол чун стандартҳои (талаботи барои ҳамаи давлатҳо ва одамон умумии) байналхалқӣ баромад мекунанд. Ягон давлати ҷаҳон наметавонад аз риояи талаботи ҳуқуқӣ-байналхалқӣ дар соҳаи ҳуқуқҳои инсон саркашӣ намояд.

Бинобар ҳамин ҳоло дар китобҳои дарсии назарияи давлат ва ҳуқуқ, ҳуқуқи конститутсионӣ, Конститусияҳои бештари давлатҳо ба ин масъала бобҳо ё фаслҳои алоҳида мавҷуд аст. Дар баробари ин дар факултети ҳуқуқшиносии ДМТ кафедра бо номи “Ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ” ташкил шуда, фаъолият мекунад, ки ҳуқуқу озодиҳои инсону шаҳрванд ва паҳлуҳои мухталифи он ба донишҷӯён омухта мешаванд. Ва ҳамзамон оид ба ҳуқуқҳои инсон ва паҳлуҳои мухталифи он аз ҷониби олимону омузгорони факултети ҳуқуқшиносӣ ба монанди (Сотиволдиев Р.Ш, Диноршоҳ Азиз Мусо, Сафаров Б, Раҳмон Д.С, Саидов И, Миралиев И, Ҷаҳонгир Саъдизода ва диг.) мавзуҳои рисолаҳои номзадӣ, монографияҳо, мақолаҳо ва китобҳои дарсӣ [11, с. 74]. нашр гардидаанд.

Ҳарчанд ҳифзи ҳуқуқҳои инсон масъалаи муҳимми давлат ва ҷомеаи ҷаҳонӣ бошад ҳам, аммо ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд функсияи мустақили давлат шуда наметавонад, чунки аз мафҳуми функсияи давлат бар меояд, ки функсияҳои давлат самтҳои асосии фаъолияти давлат мебошад, ки бахри ичрои вазифаҳои давлат равона карда мешаванд. Вазифаҳои давлат бошад он масъалаву проблемаҳои муҳимми ҷамъиятие мебошад, ки дар ин ё он марҳилаи таърихӣ назди давлат қарор доранд.

Ҳамин тариқ метавон гуфт яке аз вазифаҳое, ки имруз назди давлатҳо гузошта шудааст, ин ҳифзу таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мебошад. Аз ин хотир ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд на функсияи давлат балки вазифваи аввалиндараҷаи давлат ба ҳисоб меравад, чунки:

1) тибқи қ.3 м.5 Конститутсияи Тоҷикистон: «Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро давлат эътироф, риоя ва ҳифз менамояд». Чунин меъёр дар конститутсияҳои давлатҳои дигари пасошӯравӣ низ мустаҳкам шудааст. Аз меъёри зикргардида бармеояд, ки давлат уҳдадор аст, ин вазифаи назди худ гузошташударо иҷро кунад. Иҷрои ин вазифа тавассути функсияҳои давлат амалӣ карда мешавад.

2) модоме ки ҳифзу таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон - вазифаи давлат аст, пас табиист, ки ҳамаи функсияҳои давлат бахри иҷрои ин вазифа амалӣ мешаванд.

Барои иҷрои ин вазифа ҳамаи функсияҳои давлат хизмат мекунанд. Масалан, функсияи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии давлат бахри таъмини ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии инсон ва шаҳрванд хизмат мекунанд. Айни замон ҳуқуқҳои шахсӣ низ таъмин мешаванд, чунки таъмини шароити арзандаи зиндагӣ тавассути фаъолияти иқтисодӣ, иҷтимоӣ,

фарҳангии давлат таъмини ҳуқуқҳои шахсиро низ дар назар дорад.

Функсияҳои таъмини қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, ҳифзи муҳити зист ва дигари давлат низ баҳри инсон амалӣ мешаванд. Агар дар кишвар қонуният ва тартиботи устувори ҷамъиятӣ ва ҳуқуқӣ таъмин набошанд, ё хатари экологӣ ҷой дошта бошад, пас табиист, ки ҳуқуқҳои инсон халалдор мешаванд.

Ҳамаи функсияҳои хориҷии кишвар низ баҳри инсон, ҳаёти осудаҳолона, амнияти одамон амалӣ мешаванд. Ҳамгироии иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ бо мамолики хориҷ, ҳамкории ҳарбӣ ва ташкили сохторҳои ҳарбии минтақавӣ, ҷалби сармояи хориҷӣ ва истифодаи он дар кори созандагиву бунёдкории кишвар баҳри инсон сурат мегиранд.

Маълум мешавад, дар ҳифзу таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ҳамаи функсияҳои давлат истифода мешаванд. Агар ҳифзу таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон - функсияи алоҳидаи давлат бошад, пас хулосаи дигар ҳосил мешавад, ки танҳо ҳамин функсия баҳри инсон ва ҳуқуқҳояш истифода мешавад, вале на функсияҳои дигар. Яъне ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд на функсия балки вазифаи давлат аст.

3) ин ё он функсияи давлат зарурати таъсиси мақомоти махсуси давлатиро металабад. Масалан, баҳри иҷрои функсияи иқтисодӣ мақомоти алоҳидаи иқтисодии давлат (вазоратҳои соҳаҳои иқтисод, саноат, сохтмон, савдо ва диг.) ташкил мешаванд. Функсияи ҳифзи ҳуқуқ, таъмини қонуният ва тартиботи ҳуқуқиро якчанд мақомоти давлат (прокуратура, суд, мақомоти корҳои дохилӣ, сохторҳои қудратӣ ва диг.) иҷро мекунанд.

Агар ҳифзу таъмини ҳуқуқҳои инсон - функсияи алоҳидаи давлат бошад, пас саволе пайдо мешавад, ки онро кадом мақомоти махсус иҷро мекунанд. Маълум аст, ки ҳифзу таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсонро шумораи зиёди мақомоти давлат иҷро мекунанд, аз ҷумла ҳифзи ҳуқуқҳои инсонро - мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, таъмини ҳуқуқҳоро - мақомоти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва диг. Аммо ин мақомоти давлат баҳри иҷрои маҳз функсияи ҳифзу таъмини ҳуқуқҳои инсон ташкил намешаванд [9, с. 458]. Масалан, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар баробари функсияи ҳимояи ҳуқуқҳои инсон ҳамчунин таъмини қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, гузаронидани корҳои фаврӣ-ҷустуҷӯӣ, таҳқиқ ва тафтишоти пешакӣ, пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ, назорати умумии прокурорӣ ва дигарро, мақомоти иқтисодӣ - функсияи иқтисодиро иҷро мекунанд. Дар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии бахшида ба мақомоти ҷудогонаи ҳифзи ҳуқуқ (прокуратура, милитсия ва диг.) дар қатори ҳифзи ҳуқуқҳои инсон боз чандин вазифаҳои дигари ин мақомот номбар мешаванд.

Дар давлатҳои имрӯзаи демократӣ танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ бо назардошти инсон ва ҳуқуқҳояш танзим мешаванд. Акнун инсон ва ҳуқуқҳояш дар сатҳи конститутсионӣ арзиши олӣ эълон гаштаанд. Ин меъёр дар Конститутсияи ҶТ (м. 5, қ. 1) низ сабт гаштааст. Дар сатҳи қонуни асосии давлат арзиши олӣ эълон гаштани инсон ва ҳуқуқҳояш, бегуфтугӯ, музаффарияти бузурги пешрафти тафаккури ҳуқуқии одамон ва ҷомеаи муосири озод аст.

Арзиши олӣ эълон гаштани инсон ва ҳуқуқҳову озодиҳояш маънои онро дорад, ки акнун танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ бо назардошти инсон ва ҳуқуқҳояш, бо истифодаи бештар усулҳои диспозитивии танзими ҳуқуқӣ (озодиву мустақилияти иштирокчиёни онҳо), имкониятҳои танзими шартномавӣ, баҳри инсон ва қонеъгардонии талаботаш сурат мегирад ва тамоми функсияҳои давлат баҳри иҷрои ҳифзу таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд равона карда мешаванд

**Адабиёт:**


1. Алексеев С.С, Архипов С.И. и др. Теория государства и права. М., 2003.
2. Азизкулова Г.С, Камолов И.И. Теория государства и права. Схемы определения и вопросы тестов. Д., 2013.

3. Бабаев С.В. Теория функций современного государства: Дис . канд . юрид . наук / Н. Новогород, 2001.
4. Загайнов Л.И. Экономические функции Советского государства. М., 1968.
5. Загайнов Л.И. Экономические функции Советского государства. М., 1968.
6. Корелский В.М. Теория государства и права / Отв. ред. В.Д. Перевалов.
7. Пахаленко Н.Б.От тоталитаризма к демократии: о функциях государства в переходный период// Политические проблемы теории государства.М, 1993.
8. Пискотин М.И Теория государства и права. 2012
9. Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи ҳуқуқ ва давлат. Д. 2008..
10. Сотиволдиев Р.Ш. Проблемаҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ. Д.2010.
11. Теория государства и права / Отв. ред. В.М. Корелский.
12. Теория государства и права / Под ред. А.С. Пиголкина.
13. Хропанюк В.Н. С. Теория государства и права / Отв. ред. А.В. Малько.
14. Хропанюк В.Н. Теория государства и права: Учебное пособие для высших учебных заведений/ Под ред. В.Г. Стрекозова. М., 1993.
15. Чиркин В.Е. Ас. Теория государства и права.
16. Ю. В. Марченковой. Правовые формы осуществления государственных функций: Дис. канд. юрид. наук. Саратов, 2008.

# ЕДИНОЕ ИНФОРМАЦИОННОЕ ПРОСТРАНСТВО КАК СФЕРА РЕАЛИЗАЦИИ ИНФОРМАЦИОННО-КОММУНИКАТИВНОЙ ФУНКЦИИ

**Ибрагимов Д. К.,**
ассистент кафедры теории и истории государства и права юридического факультета Таджикского национального университета.
e-mail: Cschmitt@mail.ru

**Научный руководитель:** Сативалдыев Р. Ш., доктор юридических наук, профессор

**Рецензент**: Диноршоев А. М., доктор юридических наук, профессор

**Научная специальность**: 12.00.01 – теория и история права и государства; история учений о праве и государстве

*Аннотация:* В статье прослеживается процесс развития этимологического содержания категории «функция государства». В нормативно-правовых актах сфера реализации информационно-коммуникативной функции государства определяется чаще всего как «информационная среда» или «информационная сфера», феномен единого информационного пространства.

*Ключевые слова:* информационная функция государства, коммуникативная функция, функция.

# A SINGLE INFORMATION SPACE AS THE SPHERE OF IMPLEMENTATION OF INFORMATION AND COMMUNICATIVE FUNCTION

**Ibragimov D. K.**
Junior lecturer of the Department of Theory and History of State and Law of the Law Faculty, Tajik National University.
e-mail: Cschmitt@mail.ru

**Research supervisor:** Sativaldiev R. SH., Doctor of Legal Sciences, Professor

**Reviewer**: Dinorshoev A. M., Doctor of Legal Sciences, Professor

**Scientific specialty:** 12.00.01 – theory and history of the law and state; history of the doctrines of the law and state

*Annotation:* The development of the etymological content of the category «funktion of the state» is considered in the article. In the normative legal acts the sphere of the implementation of information and communication functions of the state most often is defined as «information environment» or «information sphere», the phenomenon of a single information space.

*Keywords:* information function of the state, communicative function, function

Функции государства реализуются в соответствующих сферах, определяемых содержанием социальных отношений, на упорядочение и охрану которых они направлены. Так, например, экономическая функция государства реализуется в экономической сфере, политическая – в сфере политики, идеологическая – в сфере идеологических отношений и т. д. Имеет свою сферу реализации и информационно-коммуникативная функция государства.

В нормативно-правовых актах сфера реализации информационно-коммуникативной функции государства определяется чаще всего как «информационная среда» или «информационная сфера».

Например, в Российской Федерации в Федеральном законе «Об участии в международном информационном обмене» под указанными категориями понимается «сфера деятельности субъектов, связанная с созданием, преобразованием и потреблением информации» [11, с. 15].

В Республике Таджикистан информационная сфера представляет собой «совокупность информации, информационной инфраструктуры, субъектов, осуществляющих сбор, формирование, распространение и использование информации, а также системы регулирования возникающих при этом общественных отношений» [3, с. 4]. Последнее время в науке все чаще используется термин *«информационное пространство»* [7, с.с. 343-389].

Возникновение и стремительное развитие информационных и телекоммуникационных систем свидетельствуют о переходе от индустриальной к информационной ориентации развития экономики и общества. Глобальные информационные системы все крепче связывают как отдельные государственные структуры, так и все мировое сообщество в единое целое и делают все государства информационно взаимозависимыми, заставляя проявлять максимум внимания к качеству информационного взаимодействия в различных сферах жизнедеятельности общества [8, с.с. 323-327].

Говоря о необходимости единого информационного пространства, следует иметь в виду, что данный феномен представляет собой специфическую социально-правовую систему, эффективность функционирования которой в значительной мере зависит от поведения субъектов, в ней функционирующих. В связи с этим ряд государств – США, Канада, Япония, Германия, Франция, Англия, Италия, – считая создание единого информационного пространства одной из приоритетных задач в XXI веке, взял курс на сотрудничество в создании глобальной информационной инфраструктуры на базе следующих принципов:

- поддержка динамичной конкуренции;
- стимулирование частных инвестиций;
- установление гибких условий регулирования;
- обеспечение открытого доступа к сетям и универсального доступа к услугам;
- равенство возможностей для всех граждан;
- признание и учет различий, включая культурное и лингвистическое разнообразие;
- признание необходимости международного сотрудничества, особенно с менее развитыми странами.

Позиция указанных стран основывается на том, что предмет информационной политики государства должно составлять решение трех наиболее актуальных практических задач, связанных со стратегией информатизации:

1. Формирование и развитие информационной среды общества – создание системы распространения и использования информационных ресурсов, создание информационной инфраструктуры.
2. Совершенствование и развитие индустрии информационного обслуживания населения, системы информационного воздействия на общественное сознание, основу которой составляют средства массовой информации.
3. Создание правовых и организационных основ системы обеспечения прав граждан и социальных институтов на свободное получение, распространение и использование информации [4, с.с. 48-52, 115-121].

Анализ мировой практики регулирования информационной сферы позволяет выделить следующие доминирующие в этом процессе тенденции на основе общих интересов [9, с.с. 344-347]:

- поощрение конкуренции и борьба с монополизмом;
- обеспечение прав и технических возможностей доступа к информации и информационным ресурсам для всего населения;
- контроль над использованием информационных и телекоммуникационных

технологий в структурах государственной власти и местного самоуправления;

- обеспечение свободы слова;
- защита национального культурного наследия и языка, противостояние культурной экспансии;
- защита интересов национальных меньшинств и подрастающего поколения;
- охрана интеллектуальной собственности и борьба с пиратством на рынке информационной продукции и услуг;
- обеспечение информационной безопасности;
- борьба с компьютерными и высокотехнологичными преступлениями;
- цензура в глобальных компьютерных сетях.

В рекомендациях Европейской комиссии по построению информационного общества представлены в обобщенном виде следующие основные задачи информационной политики развитых стран [10, с. 348]:

1) совершенствование и развитие информационно-телекоммуникационной инфраструктуры;
2) обеспечение широкого свободного доступа к информационным ресурсам;
3) обеспечение граждан и общества значимой и востребованной информацией;
4) подготовка человека к жизни и работе в информационном обществе.

Формирование единого информационного пространства в странах Западной Европе, безусловно, можно воспринимать в качестве фактора, стимулирующего процессы подобного рода в других государствах и межгосударственных союзах [6, с.с. 39-45].

В частности, попытки формирования единого информационного пространства предпринимаются в том числе и на уровне межгосударственного сотрудничества в рамках СНГ. Основы информационного взаимодействия стран-членов СНГ изложены в подписанном в сентябре 1993 г. «Соглашении об информационном обеспечении выполнения многосторонних соглашений» и в утвержденной в феврале 1994 г. «Концепции создания автоматизированных систем информационного обмена Содружества независимых государств». Формирование информационного пространства Содружества независимых государств должно проводиться сегодня также в соответствии с Концепцией формирования информационного пространства СНГ [5, с.с. 10, 15-18].

Процесс создания единого информационного пространства СНГ предполагал согласованные на межгосударственном уровне мероприятия по развитию на взаимовыгодной основе межгосударственных информационных обменов в интересах сотрудничества государств-участников СНГ в согласованных сферах деятельности, проводимые в два этапа: первый этап (1996-1997 гг.) и второй этап (1998-2000 гг.), когда предполагалось обеспечить широкий доступ граждан государств Содружества, органов государственного управления и субъектов хозяйственной деятельности к национальным информационным ресурсам в согласованных сферах и мировым информационным фондам; обеспечить взаимодействие информационных систем для развития межгосударственных информационных обменов по согласованным сферам деятельности; создать условия для межгосударственной кооперации в сфере информации и информатизации. Поскольку реализация этих мероприятий не решает задачи построения единого информационного пространства Содружества, то данную Концепцию следует рассматривать как документ переходного периода, когда будут определены лишь приоритетные направления сотрудничества государств-участников СНГ в развитии межгосударственных информационных обменов и предложены механизмы реализации согласованной деятельности со всеми готовыми к этому государствами и с учетом их национальных интересов и приоритетов. Впрочем, это признается и в самой Концепции, где записано, что решение указанных задач является началом процессов и создания качественной и новой информационной среды и формирования информационного пространства СНГ [2, с. 227].

Под информационным пространством СНГ в рассматриваемом документе понимается совокупность национальных информационных пространств государств-участников СНГ, взаимодействующих на основе соответствующих межгосударственных договоров

по согласованным сферам деятельности. При таких ограничениях (только по согласованным сферам деятельности), в данном случае, можно говорить не о едином, а об объединенном информационном пространстве.

При этом информационное пространство по-прежнему связывается с реализацией двух основных функций: с одной стороны – оно должно расширить возможности, позволяющие извлечь максимум выгод из развития мировой информационной инфраструктуры для государств-участников СНГ, с другой стороны – должно обеспечить «защиту национальных интересов», «независимое формирование своего информационного пространства» для каждого государства-участника, «сохранение информационного суверенитета». При сравнении характеристик этих функций при их проявлениях на мировом уровне и на уровне СНГ, можно заметить, что в последнем случае первая ролевая функция информационного пространства Содружества по предварительному объединению национальных информационных пространств, для последующей их интеграции в мировое информационное сообщество выражена гораздо слабее второй [1, с. 230]. И это, по-видимому, нельзя объяснить только тем, что «не все элементы информационного пространства, как и общественные структуры отдельных государств, находятся в одно и то же время на одной и той же стадии развития. Процесс развития государств-участников СНГ не является линейным и скорости вхождения каждого из государств в мировое информационное пространство могут быть различны». Основная причина этого, на наш взгляд, кроется в том, что далеко не все руководители государств Содружества заинтересованы в реальной интеграции своих государств в единое пространство (информационное, правовое, экономическое и т. п.).

**Литература:**

1. Антопольский А. Б., Артамонов Г. Т., Артищев А. И., Бачило И. Л., Черешкин Д. С. Проект Концепции государственной информационной политики. М., 1999.
2. Закон Республики Таджикистан «О защите информации». Душанбе, 15 мая 2002 года, № 631 (Ахбори Маджилиси Оли РТ 2002 год, № 11, ст 696: 2005 год, № 12, ст. 646).
3. Копылов В. А. Информационное право. М., 1997.
4. Концепция формирования информационного пространства СНГ. (Утверждена Решением Совета глава правительств Содружества независимых государств от 18 октября 1996 г.).
5. Лопатин В. Н. Информационная безопасность и сеть Интернет // Тематическая серия: нормативная база вузовской науки. Годичное собрание научной общественности высшей школы России. Тверь, 3-5 марта1998 года. Спецвыпуск. Тверь, 1998.
6. Лопатин В. Н. Информационная безопасность России: Человек. Общество. Государство: Дис.... д-ра юрид. наук. СПб., 2000.
7. Никодимов И. Ю.Функция государства и механизм ее реализации в современной России. Дис.... д-ра юрид. наук. СПб., 2003.
8. Никодимов И. Ю.Функция государства и механизм ее реализации в современной России. Дис.... д-ра юрид. наук. СПб., 2003.
9. Федеральный закон «Об участии в международном информационном обмене» №85-ФЗ от 4 июля 1996 г. // СЗ РФ. 1996. №28. Ст. 3347.

**Страницы правовой истории**

# ПРАВОВОЕ ПОЛОЖЕНИЕ ХАКИМОВ В УЧЕНИИ МУХАММАДА ГАЗАЛИ

**Шоев Ф. М.,**
старший преподаватель кафедры прав человека и сравнительного правоведения юридического факультета Таджикского национального университета.
E-mail: f.m.shoev@mail.ru

**Научная специальность:** 12.00.01 – теория и история права и государства; история учений о праве и государстве

**Научный руководитель:** Халиков А. Г., доктор юридических наук, профессор

**Рецензент:** Азизов У. А., доктор юридических наук, профессор

*Аннотация*. Важное значение в учении Мухаммада Газали о государстве и государственности придавалось правовому положению хакимов, о которых подробно говорится в одной из глав его произведении «Насихат-ул-мулук» («Наставления правителям»). В придворном аппарате средневековых государств хаким служил в качестве государственного советника. Учение Мухаммада Газали о государственных советниках сохраняет свое значение и в наши дни, поскольку отдельные его положения могут быть учтены при дальнейшей разработке современного законодательства о государственных служащих.

*Ключевые слова:* Мухаммад Газали, государственно-правовые взгляды, правовое положение хакимов, государственные дела, хаким (мудрец) – советник правителя, государственный служащий.

# THE LEGAL STATUS OF THE HAKIMS IN THE TEACHINGS OF MUHAMMAD GHAZALI

**Shoev F. M.,**
Senior lecturer of the Department of Human rights and Comparative law of the Law Faculty, Tajik National University.
E-mail: f.m.shoev@mail.ru

**Scientific specialty:** 12.00.01 – theory and history of the law and state; history of the doctrines of the law and state

**Research supervisor:** Khalikov A. G., Doctor of Legal Sciences, Professor

**Reviewer:** Azizov U. A., Doctor of Legal Sciences, Professor

*Annotation*. The importance of the teachings of Muhammad Ghazali about the state and statehood imparted to the legal status of Khakims, as detailed in a chapter of his work «Nasihat-ul-Muluk» («rulers of the Manual»). Hakim served as a state councilor in the courtier apparatus of medieval states. The teaching of Muhammad Ghazali about the state advisors retains its value in our

days, because some of its provisions can be taken into account in the further development of modern legislation on the civil servants.

*Keywords*: Muhammad Ghazali, state and legal opinions, legal status of hakims, state affairs, hakim (wise) – adviser to the governor, a civil servant.

Важное значение в учении Мухаммада Газали о государстве и государственности придавалось и правовому положению хакимов, о которых подробно говорится в одной из глав его произведении «Насихат-ул-мулук» («Наставления правителям») [1, с. 136-144; 2, с. 118-125].

Термин «хаким» в науке юриспруденции и истории права народов Востока понимается в нескольких смыслах: 1) в значении «мудрый, умный, наставник, советник» [1, 4, 5]; 2) как «наместник владения, области, местности» [6, с. 231; 4, 5]. Для обозначения государственного должностного лица это слово стало использоваться преимущественно в средние века. Во многих государствах Востока хаким воспринимался как глава государственной власти на местах. В нашей же работе «хаким» рассматривается как государственный советник в канцелярии правителя.

Должность советника была одной из важных в государственном управлении. Мухаммад Газали в определении правового положения советника как государственного служащего использовал суры и аяты Священного Корана, хадисы пророка Мухаммада, высказывания великих людей всех времен [2, с. 118-125].

Главной чертой хакима мыслитель считал разум. Он писал: «Знай, что Всевышний Аллах создал разум совершенным и сказал ему: «Приблизься» – и он приблизился. Потом сказал ему: «Отступи» – и он отступил. И Всевышний сказал: «Клянусь своим могуществом и своим величием, я не создал ничего величественнее тебя. С твоей помощью я беру, с твоей помощью я даю, с твоей помощью я творю суд и с твоей помощью я наказываю» [1, с. 136]. Мыслитель, рассуждая, говорит: «Доказательством истинности этого является то, что Всевышний Аллах создал для рабов две вещи: повеление и запрет, и обе эти вещи зависят от ума». И для обоснования своих взглядов мыслитель приводит отрывок из Священного Корана, где говорится: «Бойтесь же Аллаха, обладатели разума!» [1, с. 136; 3, с. 653-654]. Далее мыслитель раскрывает значение этого выражения: «обладатели разума» – это владеющие разумом, и слово акль (ум, разум) происходит от слова икаль (путы, оковы); а макил – это крепость на вершине горы, которой никому не удается завладеть из-за ее неприступности, мощности ее стен и продуманного их построения [1, с. 136].

Согласно Мухаммаду Газали, правовое положение советников целиком зависит от их мудрости, которая должна быть основой советов, которые даются мудрецами-советниками. В своем трактате мыслитель дает определения умных людей, которые могут стать мудрецами-советниками, а также невежд, которые недостойны быть мудрецами-советниками [1, с. 136]. По мнению мыслителя, умным является тот мудрый человек, который имеет следующие отличительные черты: 1) он прощает грех тому, кто его обижает; 2) смиренен с тем, кто ниже его; 3) стремится делать добро тому, кто выше него; 4) всегда вспоминает Всевышнего Аллаха; 5) говорит только тогда, когда знает; 6) знает пользу слова, произнесенного вовремя; 7) если у него возникает трудность, то он просит помощи у Всевышнего Аллаха. Пишет он и о невежде: 1) он жесток с людьми и обижает их; 2) притесняет тех, кто ниже него; 3) высокомерен с предводителями и вождями; 4) говорит, не зная; 5) молчит, когда надо сказать; 6) если сталкивается с трудностью, то губит себя; 6) если видит добрые дела, то отворачивает от них свое лицо. Мыслитель сравнивает умного человека с невеждой и констатирует, что для того, чтобы стать умным, мудрым и советником, человек должен много работать над развитием своих способностей.

О достоинствах разума он пишет особо. Им обладает знатный человек, тот,

кто достоин быть советником. Мыслитель по этому поводу отмечает: «Если человек сломается, то разум его поправит; если он упадет, то разум его поднимет; если человек будет унижен, то он возвысит его; если он попадет в пропасть, то разум вытащит его оттуда и спасет; если он обеднеет, то он сделает его богатым» [1, с. 137]. В самом деле, разум украшает бытие человека. Мыслитель, наставляя, придерживается мнения о том, что только разумный человек может стать мудрецом-советником.

По мнению Мухаммада Газали, красноречивый человек, который способен стать советником, должен обладать двумя качествами – знанием и разумом, и приводит три истории, в которых раскрывается суть данных наставлений.

Согласно первой истории, среди Аббасидов не было халифа, который бы знал больше аль-Мамуна во всех видах наук. И каждую неделю он выделял два дня для дискуссий с законоведами и учеными-ораторами. Однажды на его заседание зашел странный человек в ветхой одежде; он сел в задних рядах. Спорщики начали задавать свои вопросы, по традиции, всем присутствующим на собрании. Странный человек ответил лучше, чем все законоведы. Аль-Мамун похвалил его и приказал пересадить его на более почетное место. Когда до него дошла очередь ответить на второй вопрос, он ответил еще лучше, чем в первый раз. Аль-Мамун приказал пересадить его на место еще выше. На третий вопрос тот ответил еще лучше. И тогда аль-Мамун приказал ему сесть рядом с ним. После дискуссии принесли воду, все вымыли руки и им подали еду. Законоведы поели и ушли, а того человека аль-Мамун оставил при себе, пообещал хорошо с ним обращаться и одарить его милостями. Позже аль-Мамун созвал гостей на пир. По кругу пошло вино. Когда очередь дошла до того человека, он встал и сказал: «Если позволит повелитель правоверных, я хочу сказать слово». Тот молвил: «Говори, что хочешь». Незнакомец сказал: «Ваше высочество, да возвысит Вас Аллах еще выше, знает, что я – раб, присутствовал сегодня на благородном собрании среди самых невежественных людей и низменных заседателей, и Вы, повелитель правоверных, несмотря на малое количество ума, проявленное рабом, сделали его знатным и возвысили его, и раб этот достиг цели, о которой он и не мечтал. А сейчас халиф хочет умалить его, потому что, когда раб выпьет вино, его разум отделится от него, к нему приблизится его невежество, он лишится приличия и вернется в то жалкое состояние, когда он был униженным. В глазах людей он станет ничтожным и безвестным. Поэтому, если ваше высочество решит не лишать его этой драгоценности благодаря своему достоинству, щедрости, главенству и хорошему характеру, то пусть он сделает это благо продолжительным и одарит его милостью, соизволив это». Когда аль-Мамун услышал от него эти слова, то похвалил и поблагодарил его, потом посадил его рядом с собой, оказал почет, приказал выдать ему сто тысяч дирхемов и подарил коня с богатым украшением. И во время каждого заседания он ставил его выше всех законоведов, пока тот не стал выше их всех по степени и в ранге [1, с. 137-138].

Как следует из этого рассказа, Газали возвышает ум, который может помочь своему хозяину достичь высочайшего положения [1, с. 138], в частности должности государственного советника. Невежество же низводит человека до самых низких ступеней [1, с. 138]. Отсюда можно прийти к выводу, что те государственные служащие, в том числе и советники, которые не могут себя контролировать, отвечать за свои поступки, постепенно теряют честь и достоинство и лишаются возможности занимать высокую должность.

Согласно второй истории, как-то раз один человек пришел к двери дома халифа Абу Даваника аль-Мансура и сказал привратнику: «Скажи повелителю правоверных, что у двери стоит человек из Сирии, которого зовут Асим, и он помнит, что в давнее время между ним и повелителем правоверных была дружба в течение года во время обучения и занятий. Сейчас он пришел, чтобы поприветствовать и возобновить знакомство с имамом» [1, с. 138]. Когда привратник оповестил об этом пра-

вителя, он позволил посетителю войти. Когда тот вошел и поприветствовал халифа, то его присутствие и сам приход сразу стали тягостными для Абу Даваника из-за скудости ума и плохого воспитания гостя. Он усадил его и спросил: «Для какой нужды ты пришел?» Тот ответил: «Чтобы увидеть повелителя правоверных, пользуясь старой дружбой». Халиф приказал выдать ему тысячу дирхемов, человек забрал их и ушел. Потом он вернулся через год, а у аль-Мансура в те дни умер сын, и правитель принимал соболезнования. Этот человек поприветствовал его и помолился за него. Халиф спросил его: «Для чего ты пришел?» Тот ответил: «Я – тот человек, который вместе с тобой учился в Сирии, я пришел выразить свое соболезнование и выполнить тем свой долг». И халиф приказал выдать ему пятьсот дирхемов. Абу Даваник был очень жадным человеком, и среди Аббасидов не было никого ненасытнее его, поэтому его и прозвали Абу Даваником [1, с. 139]. Потом этот человек вернулся еще через год, но не нашел предлога, чтобы лично войти к халифу. Он зашел вместе со всеми посетителями и поприветствовал его. Халиф спросил его: «Какая причина побудила тебя прийти ко мне?» Он ответил: «Я тот человек, который учился с тобой в Сирии и вместе с тобой записал молитву – каждый, кто произнесет ее со своей просьбой, Всевышний Аллах исполнит ее. Я потерял ту молитву и пришел к повелителю правоверных, чтобы переписать ее и хранить». Аль-Мансур сказал: «Не утруждай себя поисками той молитвы, ибо она не ответна, и, поистине, я произносил ее в течение трех лет, чтобы Аллах избавил меня от тебя и от головной боли, причиняемой тобой, но я не был избавлен. Если бы она была ответной, то я был бы избавлен от тебя». И устыдился этот человек, когда услышал эти слова [1, с. 138-139].

Здесь Мухаммад Газали стремится продемонстрировать, что если человек не имеет ума, то и достоинство, и положение его незавидные [1, с. 139]. Наличие знания вовсе не свидетельствует о том, что человек обладает разумом. Об этом – третья история.

Согласно истории третьей в то же самое время один человек пришел из Мекки, города Посланника, мир ему, к халифу аль-Мансуру, надеясь на дружбу, которая давно была между ними. И теперь, когда аль-Мансур стал халифом, он осмелился и прибыл к нему. Человек этот был умным и проницательным, но необразованным. Когда аль-Мансур увидел его, он приблизил его к себе во дворец и удостоил его высокого положения. И сказал тот человек: «О повелитель правоверных, я очень сильно тебя люблю, я искренен в повиновении Богу и в молитве, но я не гожусь для службы правителям. Скажи, как я должен навещать тебя, чтобы не показаться невоспитанным и не отягощать твое сердце?» Аль-Мансур молвил ему в ответ: «Пусть твое отсутствие будет долгим, и когда ты будешь навещать меня, то сделай между визитом и уходом такой промежуток, чтобы я не забыл тебя, если ты будешь отсутствовать, и чтобы я не уставал от тебя, если ты явишься ко мне, а моя привязанность к тебе стала еще крепче, чем раньше. Когда войдешь ко мне, располагайся подальше от меня, чтобы привратник постепенно приближал тебя ко мне; не засиживайся, чтобы тебя не причислили к невоспитанным людям, и не говори о своей просьбе, чтобы не отягощать мое сердце. Если я облагодетельствую тебя, то благодари меня везде, где ты бываешь и где ты останавливаешься, и так, чтобы, если это дойдет до меня, я был рад твоей благодарности и стал еще добрее к тебе. И нигде не упоминай о том, что произошло между мной и тобой в прошлом». Человек принял эти наставления и стал приходить для приветствия его дважды в год. Аль-Мансур каждый раз, когда он приветствовал его, давал ему тысячу дирхемов [1, с. 139-140].

В этой истории ум человека помог ему избрать правильный путь [1, с. 140]. По этому поводу можно сказать, что ум дарован человеку его Создателем, и не каждому дается это счастье.

Далее мыслитель пытается раскрыть все достоинства ума. По его мнению, кра-

сота человека, его величие, достоинство и праведность определяются умом. Ум – начало веры, ее продолжение и конец. Он определяется целостностью натуры, совершенством черт характера и всех частей тела человека. С помощью ума человек достигает, по словам мыслителя, пика орбиты луны, высокого положения и признания [1, с. 140]. Ум и вера у Газали неразделимы. Разумный человек – обладатель достаточной веры.

Мухаммад Газали отмечает, что умен не тот, кто, попав в ситуацию, ищет наилучший выход из нее, а тот, кто старается не попадать ни в какие ситуации [1, с.с. 140-141]. И этим должны руководствоваться правители в своей государственной деятельности. Если правители – судьи над людьми, то ум – судья над правителями. Люди должны принимать повеления ума [1, с. 141], а шах, султан – тем более, и здесь роль советника неоценима. Примечательно, что и здесь дают знать о себе теологические взгляды Газали.

Согласно одному из его повествований, визирь Юнан (Греции) написал послания Ануширвану Справедливому, которые все были посвящены описанию его ума и тому, что он повелевает выполнять. Ануширван приказал писцу написать ему ответ, продиктовав следующее: «О мудрейший! Ты составил послания об уме наилучшим образом, потому что мы и те, кто предшествовал нам из правителей, украшали себя умом, и как мы можем ослушаться его? Ибо разумный – самый близкий к Создателю человек. И разум как солнце в мире, и он – основа хороших дел. Ум прекрасен в каждом человеке, а в великих людях и предводителях он еще лучше. И разум в теле человека как влага в дереве, потому что дерево, пока оно напитано влагой, радует людей своим запахом, цветением, приятностью плодов и прохладой, и они радуются, восхищаются им во время прогулок и увеселений. А если исчезнет его влажность и утратится свежесть, тогда оно будет непригодно ни для чего, кроме вырубки или сжигания. И так же человек, пока его ум будет сильным, тело его будет здоровым, и будущее – хорошим и полезным. И если ум его затмится и над ним возьмет верх невежество, его ничто не защитит, кроме кончины». Ануширван продолжил: «Как я могу перечить разуму и не исполнять того, что он мне приказывает, ведь нет ни для правителя, ни для подданных ничего лучше ума, потому что он своим светом различает прекрасное и безобразное, хорошее и плохое, истинное и неверное, правду и ложь» [1, с. 141].

Далее он рассуждает: «Две вещи не могут быть совершенными в людях – ум и смелость [1, с. 141], потому что человек – существо живое, он всегда в действии, в развитии».

Таким образом, согласно учению мыслителя о советниках, каким бы ученым ни был человек, он не получит пользы от своего знания, если его знанию не будет сопутствовать его ум [1, с. 142]. Только при его наличии советник может давать полезные советы.

Мухаммад Газали рассуждает, что в жизни все становится презренным, если его становится много, за исключением ума, ибо чем его больше, тем достойнее его владелец [1, с. 142]. Если советник имеет больше ума, чем другие, то его советы выглядят убедительными, приносят плоды, его положение становится достойнее, ему будет обеспечено повышение по карьерной лестнице.

Интересно звучит риторический вопрос мыслителя: «Как можно узнать величину того, что ни в ком не существует в полной мере?» [1, с. 142].

Одним из истоков разума, по мнению Газали, является опыт [1, с. 142], который приобретается в результате практической деятельности. Не работая на должности советника, человек, конечно, не может приобрести профессиональных навыков советника. Рассуждения мыслителя по поводу разума отличаются яркой афористичностью. Например: нет богатства дороже, чем разум, и нет нищеты хуже, чем невежество; чем больше знаний у человека, тем сильнее он нуждается в уме; ученый человек, у которого нет разума, похож на слабого пастуха, у которого большое стадо [1, с. 142].

Мыслитель разъясняет: «Разум – повелитель, у которого есть войско, и это войско – здравый смысл, память, мысль и понимание. И радость души происходит от разума, потому что в нем – стойкость тела. И душа – светильник, а ее свет – разум. Потом он распространяется по всему телу. Разумный никогда не печалится, потому что он не делает того, что приведет к огорчению, и не уделяет внимание тому, что недостойно [1, с. 142].

Мухаммад Газали ставит ум даже выше воспитания. Под понятием ума он подразумевает получение знаний, совершение поступков, соответствующих знаниям, знание того, что он должен делать [1, с. 142]. В другом месте мыслитель говорит о том, что ум – это дар от Всевышнего Аллаха, а воспитанность – плод усилий раба Божьего [1, с. 143]. По этому поводу мыслитель для подтверждения своих взглядов приводит слова пророка Мухаммада: «Аллах не дал своим рабам ничего лучше, чем разум. И сон разумного лучше, чем поклонение невежды. И не соблюдающий пост разумный лучше, чем постящийся невежда, и смех разумного лучше, чем слезы невежды» [1, с. 143].

Все эти наставления мыслитель приводит для советников и для тех, кто хочет работать в качестве советника. Он считает, что они должны знать, что их профессия является одним из благословенных и достойных дел в обществе и даже перед Всевышним. Должность советника является необходимой в государственном механизме, поскольку без разумных советов не обойтись при осуществлении государственных дел.

Согласно учению мыслителя, мудрецы-советники должны со своими наставлениями-советами очищать сердце людей от злобы. По этому поводу он приводит следующую мудрость: «Один человек сказал Аклидасу: «Ты успокоишься? Или я погублю твою душу». Он ответил: «Я не успокоюсь, пока не очищу твое сердце от злобы»« [1, с. 143]. Этим он хочет сказать, что мудрецы-советники должны говорить с убедительными словами.

Далее Газали раскрывает признаки невежды. Он сопоставляет его с мертвецом, говоря, что как от мертвеца исходит зловонный запах, так от невежды исходит зловоние глупости, которое вредит ему, его окружающим и близким [1, с. 143].

Рассуждая о признаках ума, он приходит к выводу, что ум является преградой, узлом между двадцатью тремя вещами (в русском и таджикском переводах его трактата «Наставление правителям» говорится о «двадцати двух вещах») [1, с. 143; 2, с. 124]. По мнению мыслителя, если бы не эти узлы, то смешались бы хорошие и плохие вещи. Он пишет: 1) между Единобожием и безбожием; 2) между верой и неверием; 3) между осторожностью и безрассудством; 4) между щедростью и скупостью; 5) между красотой и уродством; 6) между смирением и гордостью; 7) между дружбой и враждой; 8) между хвалой и хулой; 9) между знанием и невежеством; 10) между скромностью и бесстыдством; 11) между истиной и ложью; 12) между уравновешенностью и легкомыслием; 13) между тьмой и светом; 14) между достоинством и унижением; 15) между повиновением и ослушанием; 16) между поминанием (зикром) Аллаха и небрежением (гафла) к Нему; 17) между добрым советом и завистью; 18) между Сунной и бида; 19) между милосердием и жестокостью; 20) между преданием себя Богу и беззаботностью; 21) между убежденностью и сомнением; 22) между мудростью и глупостью [1, с. 143]. Этим мыслитель наставляет, что ум обладает столь большой важностью, что без него неуместны ни советы, ни государственные дела, ни даже жизнь человека.

Мухаммад Газали делает вывод, что все достоинства человека – от его ума, и все знания и дела основываются на разуме [1, с. 144]. Он наставляет советников, что знание бесценно и его достоинство безгранично, и они должны с сердцем и душой исполнять все обязанности, которые возлагаются на них.

Мыслитель конкретизирует: «Кому Аллах дарует разум, тот получит много добра [1, с. 144], поэтому знания должны постоянно совершенствоваться, и тогда

советники смогут давать советы, основанные на их собственном мнении».

В конце своих рассуждений о правовом положении советников, обращаясь читателю, Газали говорит, что и ты, о разумный, должен благодарить даровавшего тебе ум, ведь Всевышний Аллах – Создатель, да прославится его могущество! [1, с. 144]

После изучения правового положения советников в учении Мухаммада Газали мы можем констатировать следующее: 1) должность советника имеет глубокие корни в истории, она появилась вместе с происхождением государства и должности главы государства; 2) под термином «советник» («хаким») мыслитель понимает государственное должностное лицо, которое исполняет свои обязанности с целью укрепления и развития своего государства; 3) советник должен быть умным, образованным, дальновидным, смелым, выдержанным, опытным, молчаливым; 4) учение Мухаммада Газали о государственных советниках сохраняет свое значение и в наши дни поскольку отдельные его положения могут быть учтены при дальнейшей разработке современного законодательства о государственных служащих.

**Литература:**

1. Абу Хамид аль-Газали. «Наставление правителям» и другие сочинения / Пер. с араб., перс. М.: Ансар, 2005.
2. Имам Абухамид Мухаммад Газали. «Насихат-ул-мулук» (на тадж. яз.). Душанбе: Ирфон, 1993.
3. Коран. Перевод смыслов и комментарии И. В. Пороховой. М.: Аль-Фуркан, 2004.
4. Хаким / Википедия / ru.wikipedia.org.
5. Хаким / Словари и энциклопедии / dic.academic.ru.
6. Халиков А. Г. История государства и права Таджикистана. Учебник для вузов. 2-е изд. с изм. и доп. (на тадж. яз.). Душанбе: Эр-граф, 2014. Ч. 1.

**Актуальные проблемы основ конституционного строя. Государственное строительство.**

# ПАРЛУМОНГАРОӢ ВА ТАЪИНОТИ ОН

# ПАРЛАМЕНТАРИЗМ И ЕГО ПРЕДНАЗНАЧЕНИЕ

**Имомов А. И.,**
доцент кафедры конституционного права юридического факультета Таджикского национального университета, кандидат юридических наук.
E-mail: imomov39@mail.ru

**Научная специальность**: 12.00.02 — конституционное право; конституционный судебный процесс; муниципальное право

**Рецензент**: Диноршоев Азиз Мусоевич, доктор юридических наук, профессор

*Аннотация*: Институт парламентаризма представляет собой один из демократических принципов управление государством, которая формируется в процессе реального осуществления народовластия. Парламентаризм формируется на базе формировния профессионального парламента и в процессе реализации принципа разделения государственной власти. В Республике Таджикистан формирование профессионального парламента не имеет долгую историю и связан с укреплением государственного суверенитета. Возникновение и развитие институт парламентаризма в Таджикистане неразривно связан с преодолением межтаджикского конфликта. Изменения и дополнения, внесенные в 1999 г. в Конституции РТ, стали основой создания профессионального парламента и формирование института парламентаризма.

*Ключевые слова*: парламент, парламентаризм, советский парламентаризм, политическое сознание, суверенитет народа.

# PARLAMENTARIZM AND ITS MEANING

**Imomov A. I.,**
Assistance Professor of the Department of Constitutional Law of the Law Faculty, Tajik National University, Candidate of Legals Sciences.
E-mail: imomov39@mail.ru

**Scientific specialty**: 12.00.02 — constitutional law; constitutional proceeding; municipal law

**Reviewer**: Dinorshoev Aziz Musoevich, Doctor of Legal Sciences, Professor

*Annotation:* An institution of parlamentarizm is one of the democratic principle of the management of the state that formatied in the process of real realization of sovereignty of the people. Parlamentarizm is formatied on the basis of formation of profeccional parlament and in the process of realization of the principle of separation of the state power. Formation of profeccional parlament does not have long story in the Republic of Tajikistan and connected with strengthening of the state sovereignty. Arising and development of the parlamentarizm in Tajikistan inseparably connected with overcoming of the Tajik conflict. Amendments and additions to the Constitution of the Republic of Tajikistan became basis of the creation of profeccional parlament and formation of the institution of parlamentarizm.

*Keywords*: parlament, parlamentarizm, soviet parlamentarizm, political consciousness, sovereignty of the people.

Парлумонгароӣ дер боз ба яке аз падидаҳои конститутсияҳои демократӣ табдил ёфта, дар конститутсияи аввалини типи давраи муосири ИМА ва чанде пеш аз он дар конститутсияи навиштанашудаи Англия инъикос ёфта буд. Пайдоиши мафҳуми парлумонгароӣ ва муайян гардидани доираи фарогирии он бо қабули Конститутсияи ИМА соли 1787 алоқаманд аст. Ва минбаъд дар таҷрибаи давлатдории бисёр мамлакатҳо ба худ роҳ ёфта, дар илми давлатшиносӣ ба падидаи мустақили илмӣ табдил ёфт. Дар робита ба ин омил таҳқиқотҳои чуқури илмии парлумонгароӣ дар мамлакатҳои гуногун пайдо шуданд. Дар Русияи подшоҳӣ кӯшиши ташкили парлумон ва пойдор гардонидани парлумонгароӣ дар охири асри Х1Х ва оғози асри ХХ пеш гирифта шуданд. Вале даъвати Думаи давлатӣ ва фаъолияти он бо ҳодисаҳои пешазинқилобии соли 1917 рост омада, беқудратии идораи парлумониро дар Русия собит кард. Минбаъд ташкили Шӯрои вакилон ва ҳукмрон гаштани ғояи пурраҳокимиятии онҳо, ба эълони зарарнок донистани усули парлумон ва парлумонгароӣ оварда расонд.

Бо вуҷуди ин олимони давлатшиноси рус М.М.Ковалевский, Б.Н.Чичерин, Е.М.Гессен, К.Тахтарева [24] ва дигарҳо ҳанӯз дар охири асри Х1Х ва ибтидои асри ХХ оид ба мавзӯи идораи парлумонӣ ва ташаккули парлумонгароӣ асарҳо офарида буданд. Олимони муосири соҳаи ҳуқуқи конститутсионӣ, дар асарҳои худ гарчи дар Конститутсияи Федератсияи Русия ибораи «парлумонгароӣ» ҷой надошта бошад ҳам мазмуни онро дар қиёс таҳлил намуда, татбиқи онро ба воқеияти Русия муҳим медонанд [23. С. 28-46]. Минбаъд онҳо мавзӯи мазкурро зери диққат қарор дода, хусусиятҳои усули парлумонгароӣ ва масоилҳои ҳуқуқии вобаста ба онро аз самтҳои гуногун таҳқиқ кардаанд [1, 14, 17, 22, 23]. Дар ҳамаи асарҳои ба ҳуқуқи парлумонӣ бахшида шуда, ташкилёбии парлумони воқеӣ ва дар заминаи он ташаккулёбии парлумонгароиро асоснок ва муҳим донистаанд.

Дар Конститутсияи ҶТ низ ибораи парлумонгароӣ вонамехӯрад, идораи давлатӣ ва воқеияти фаъолияти парлумон низ аз мавҷудияти он дарак намедиҳад. Аммо ба таҳаввулоти парлумонгароӣ мароқ зоҳир намудан ва пеш гирифтани иқдоми таҳқиқи илмии он аз тарафи олимони ҷумҳурӣ боиси қаноатмандӣ аст. Зеро ки аз самти назариявӣ, чуқур омӯхтан ва роҳҳои дар амал татбиқ намудани онро азхуд кардан барои дар оянда пайдо гаштан ва устувор шудани парлумонгароӣ замина мегардад.

Ба мавзӯи мазкур рӯ оварда профессор С.А. Авакян парлумонгароиро «ҳамчун фаъолияти доимӣ ва махсуси мақомоти намояндагӣ» шуморида, мафҳуми «парламентаризми шӯравӣ», «парламентаризми касбӣ» -ро истифода бурдааст [2].

Дар адабиёти ҳуқуқӣ, ҳамчун қоида парлумонгароиро дар се самт таҳлил менамоянд:

ҳамчун консепсияи мафкуравии назариявӣ, ки барои асоснок кардани зарурияти парлумон чун падида ва функсияи ҷамъиятии он хизмат мекунад;

ҳамчун падидаи воқеии сиёсӣ-ҳуқуқӣ, дар худ ягонагии ҳокимияти намояндагӣ ва қонунгузориро дар ҷомеае, ки таҷзияи ҳокимият ҷой дорад, дарбар мегирад;

ҳамчун ҳодисаи нодири васеъ кардани ҳокимияти парлумон ва барпо кардани ҳукумати парлумонӣ, яъне ин мафҳум воқеан ба намуди муайяни ҳокимияти иҷроия ба кор бурда мешавад (ҳолати мазкур барои ҷумҳурии парлумонӣ хос аст).

Равшан аст, ки ҳолатҳои номбурда бо якдигар зич пайванданд, аммо ба назари мо, мафҳуми парлумонгароиро ба ҳолатҳои махсус вобаста кардан, аҳамияти таърихии онро беқурб мегардонад. Аз ин рӯ, ба он ақида, ки гуё «парлумонгароӣ фақат дар давлатҳое, ки парлумони на фақат ваколати қонун-

гузорӣ, балки мақомтаъсисдиҳанда ва назоратӣ дошта, вуҷуд дорад», розӣ шудан ба назари мо чандон асос надорад [4. С. 19]. Зеро ки ҳастии парлумон, ҳанӯз мавҷудияти парлумонгароиро чун низоми идора ифода намекунад.

Профессор И.М.Степанов таърифҳои гуногуни парлумонгароиро таҳлил намуда, қайд мекунад, ки он мафҳуми ҳассос, нозук буда, дар он хусусиятҳои лаҳзаи таърихӣ, шароити ҷамъиятӣ ва давлатии ҳар як мамлакати мушаххас ё гурӯҳи мамлакатҳо, анъанаҳои миллӣ, фарҳанги ҳуқуқӣ ва иродаи сиёсии халқ таҷассум меебад. Ба назари ӯ, таҷриба кор карда баромадааст, илм бошад дар як нақшаи намунавӣ чунин тарҳи парламонгароиро мураттаб намудааст: 1) парлумонгароии муттарақӣ, кушод, пахшгардида (вобаста аз пуррагии воқеӣ ва нерӯи меъёрҳои дар он амалкунанда); 2) парлумонгароии такмилёфта, вазоратӣ, номенклатурӣ (вобаста аз тартиби конститутсионии робитаи байни парлумон бо дигар мақомоти олии ҳокимияти давлатӣ) ва ғайра. Дар тарҳи якум хусусияти реҷаи сиёсӣ (демократӣ, либералӣ), ки хоси ин ё он мамлакат аст; дар тарҳи дуюм хусусияти шакли давлат (ҷумҳурӣ, шоҳигарии конститутсионӣ), сохтори давлатӣ ва идора инъикос ёфтааст. Ба назари ӯ тарҳи «тозаи» аз ҳамаи ин омилҳо озодро таҷрибаи давлатдорӣ намедонад, зеро ки дар ҳар яки он ғайр аз нишонаҳои хоси он, ҳамчунин дигар нишонаҳо ҷой доранд. Вале дар ҳар як тарҳи парлумонгароӣ нишонаҳои классикии он ногузир ҷой дорад. Ба эътибор нагирифтани ин омилҳо ба беқурбшавии парлумонгароӣ бурда мерасонад [16. С. 5-6].

Ташкилёбӣ ва фаъолияти парлумон ҳанӯз мазмуни барпо шудани усули парлумонгароиро (парламентаризмро) ифода намекунад [15. С. 5-31]. Албатта бе ташкил ва фаъолияти парлумон усули парлумонгароӣ ташаккул намеебад, барои пайдоиш ва рушди усули парлумонгароӣ, ғайр аз парлумони доимоамалкунанда, ки дар интихоботи умумӣ шаҳрвандон интихоб менамоянд ва дар корҳои давлат ва ҳаёти сиёсии ҷомеа обрую эътибори хоса дорад, боз чандин омилҳои дигар низ заруранд.

Пеш аз ҳама ба эътибор гирифтан лозим аст, ки усули парлумонгароӣ низоми идораи давлатӣ аст, ки дар низоми таҷзияи ҳокимияти давлатӣ ба вазифаҳои қонунбарорӣ робита дорад. Дар низоми мазкур бартарии мақомоти қонунгузории ҳокимияти давлатӣ – парлумон нисбат ба дигар мақомоти ҳокимияти давлатӣ равшан зоҳир мешавад [7]. Зеро ки маҳз амалӣ намудани салоҳияти қонунгузории парлумон имкон медиҳад, ки вазъи ҳуқуқии тамоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ муайян карда шуда, таносуби ҳар як шохаи ҳокимияти давлатӣ нишон дода шавад. Аз ин рӯ, усули парлумонгароӣ бо усули таҷзияи ҳокимияти давлатӣ алоқаманд буда, онро бе татбиқи амалии тарзи боздорӣ ва мувозина тасаввур кардан муҳол аст. Вале ин ҳолат аллакай ҳамаи хусусияти парлумонгароиро зоҳир намекунад. Чунки парлумонгароӣ ҳамон вақт ташкил ёфта амал мекунад, ки парлумон ваколатҳои қонунгузорӣ, интихоби ҳукумат, назорат аз болои фаъолияти он ва дигар мақомоти ҳокимияти иҷроия, истеъфои он, ҳамчунин истеъфои президентро дошта бошад (ё ки шоҳ дар ҳолатҳои идораи шакли подшоҳӣ, вақто ки шоҳ на бо роҳи меросӣ, балки бо роҳи интихобӣ тахтро ишғол мекунад, бештар вақт аз тарафи худи ҳамон парлумон амалӣ карда мешавад) [19. С. 213, 20. С. 123-133]. Мувофиқи ин ақида нишонаи асосии парлумонгароӣ, ки онро аз ҳар як намуди сохтори давлатӣ фарқ мекунонад, - волоияти парлумон аст.

Фақат дар ҳамин ҳолат рақобати азалии шохаҳои ҳокимияти қонунгузорӣ ва иҷроия бартараф мешавад. Ва фақат дар ҳамин ҳолат ягонагии намояндагии халқ дар сатҳи умумидавлатӣ таъмин шуда метавонад [23. С. 31].

Шарти дигари ташаккули парлумонгароӣ, баробари волоияти парлумон, инчунин ба фикри таҳқиқотчиён «шуури баланди сиёсӣ ва ҳуқуқии аҳолӣ, сатҳи баланди демократиконӣ, мавҷудияти ҷомеаи шаҳрвандии муттарақӣ, рушди устувори иқтисодии мамлакат,

амал кардани низоми эътимодноки амнияти миллӣ» зарур мебошад [10. С. 56]. Барои ноил гаштан ба чунин сатҳи рушди инсон, давлат ва ҷомеа бояд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон давраи нисбатан дуру дарози рушдро тай намояд. Воқеан раванди мазкур тай кардани марҳалаи муайянро тақозо мекунад. Вале ташкилёбии парлумони касбӣ оғози раванди ташаккули падидаи парлумонгароиро ифода мекунад. Ва ин раванд табиист, ки хеле бардавом аст. Муҳим аст, ки давлат ҳадафи татбиқи амалии усули таҷзияи ҳокимияти давлатӣ, сиёсати муайнсозии ҷойи босазои парлумонро дар он пеша карда, бо ин роҳ устуворона қадам гузорад. Аз ҷумла амалӣ кардани ҳадафҳои баланд намудани фарҳанги сиёсӣ ва ҳуқуқии мардум, тантанаи усулҳои демократии идораи давлат, рушди ҷомеаи шаҳрвандиро вазифаи афзалиятнок шуморад.

Дар таърифҳои парлумонгароӣ эътибори таҳқиқотчиёнро масоили намояндагӣ ва соҳибихтиёрӣ бештар ҷалб кардааст. Як қатор олимон дар ин хусус андеша ронда, ақидаҳои гуногун баён кардаанд, ки аз бутун инкор кардани падидаи намояндагӣ (мавқеи Ж.Ж.Руссо, К.Тахтарев ва ғ.), то пурра эътироф кардани он (Монтескье, Милль, Чичерин, Ковалевский, Еллинек ва ғ.) ё эътироф бо қайду шарҳ (Тихомиров [12. С.153-173], Солоневич ва ғ.) иборат аст. Таҳлили ин ақидаҳо нишон медиҳад, ки таҳқиқотчиён ба масъалаи моҳияти намояндагӣ, таъиноти он, киро намояндагӣ намудан – иродаи тамоми халқ ё иродаи интихобкунандагони марзи ҳавзаи интихоботиро ифода намудан, ҳокимиятро намояндагӣ кардан ва ё иродаро эътибор медоданд.

Аксари олимон тасдиқ менамоянд, ки тарзи намояндагӣ як навъ маҳдудсозии иродаи интихобкунанда мебошад, зеро намоянда иродаи мазкурро ба тарзи худ амалӣ менамояд. Бинобар ин, чунин мешуморанд, ки намояндагӣ бояд хосияти халқӣ дошта, намоянда на иродаи мушаххаси интихобкунанда, балки иродаи кулро тавассути мақомоти олии намояндагии халқӣ таҷассум намояд. Худи халқ бошад имкони хеле маҳдуди бевосита амалӣ кардани иродаи худро дорад. Мақомоти намояндагии ҳокимияти давлатӣ дар маҷмӯъ ифодакунандаи иродаи тамоми халқ мебошад. Зеро ки маҳз бо роҳи ташкили низоми мақомоти намояндагии ҳокимияти давлатӣ, дар маҷмӯъ иродаи тамоми интихобкунандагонро дар сатҳи муайян ифода кардан имкон дорад. Ифодаи олии онро мақомоти олии намояндагии ҳокимияти давлатӣ амалӣ менамояд. Мувофиқи мавқеи мазкур моҳияти мандати вакили мақомоти олии намояндагии ҳокимияти давлатӣ ба ду намуд: мандати озод ва мандати ҳатмӣ (императивӣ) алоқаманд дониста мешавад. Мандати озоди вакил воситаи амалӣ намудани иродаи интихобкунандагон ва таъмини соҳибихтиёрии халқ буда, тавассути он парлумон дар низоми ҳокимиятдорӣ мавқеи хосаи худро ишғол мекунад [8. С.152-162]. Мандати императивӣ бошад, вобастагии фаъолияти вакилро ба иродаи интихобкунандагони ҳавзаи интихоботии мушаххас ифода мекунад.

Хулосаи мантиқии чунин таҳлили падидаи намояндагӣ ва роҳу воситаҳои амали намудани он, пайдоиш ва мавқеи хос пайдо кардани парлумон - ҳамчун мақомоти олии намояндагӣ ва қонунгузорӣ ҳокимияти давлатиро асоснок мекунад. Бо ҳамин мазмун дар байни падидаи намояндагии халқ, ва шакли олии таҷассумнамоии он – парлумон алоқаи мустаҳкам вуҷуд дорад.

Аз давраи ибтидои пайдоиши парлумон, функсияи муҳими парлумон гароӣ аз маҳдуд сохтани ҳокимияти (қудрати) ҳоким, бунёд кардани роҳҳали боздории он иборат буд. Барои ин шарти аз тарафи парлумон ҳатман маъқул донистани қарорҳои муайян ва фармонҳои ҳоким (андозҳои нав, эълон кардани вазъияти фавқулодда, ҳолати ҷанг ва ғ.), минбаъд, ҳатман аз тарафи ҳоким ба иҷро расонидани қонунҳои парлумон қабул карда, омилҳои зарурӣ эътироф шудааст. Дар робита бо масоили мазкур ва рушди низоми парлумонӣ ғояи парлумонгароӣ ташаккул ёфта, қисман таҷрибаи соҳибихтиёрии парлумон ба роҳ монда шудааст.

Фаъолият ва сохтори парлумони деринаи (дарозумри) Англия (палатаи намояндагон ва палатаи лордҳо) доимо дар зери диққат ва омӯзиши олимон қарор дорад. Яке аз асосгузорони назарияи парлумонгароӣ - Блэкстон дар асари «Тафсири қонунҳои Англия», ки солҳои 1765 – 1769 чоп гардидааст, навишта буд, ки парлумон «ҳокимияти соҳибихтиёр ва назоратнашаванда дар масъалаҳои қабул, тасдиқнамоӣ, маҳдудсозӣ, аз эътибор соқит донистан, бекор, барқарорсозӣ ва тафсири қонунҳо мебошад… Ӯ метавонад, ҳатто конститутсияи шоҳигариро тағйир ва аз нав қабул намояд. Мухтасар вай ҳама чизро метавонад, ғайр аз чизи номумкин дар муносибатҳои табиӣ» [11. С. 74]. Ҳатто барои ифодаи вазъи олии парлумон ӯ мафҳуми махсуси «пуриқтидории парлумон» - ро истифода кардааст. Ӯ тасдиқ мекард, ки мувофиқи конститутсияи англисӣ қуввае нест, ки «… оқилона будани амал ва санадҳои парлумонро назорат карда тавонад» [11. С. 75]. Ӯ ғояи волоияти парлумонро дар низоми ҳокимияти давлатӣ омили ҳатмӣ ва эътирофшуда медонист.

Таълимот дар бораи соҳибихтиёрии парлумонро дар ин ё он шакл аксарияти ҳуқуқшиносони англиси асри Х1Х эътироф мекарданд. Масалан, А. Дайсӣ навиштааст, ки «Ин таълимот дар бораи волоияти қонунгузории парлумон, асоси ҳамаи ҳуқуқи давлатӣ аст». Чанде ҳуҳуқҳои мустасноӣ парлумонро номбар қайд карда, мегуфт, ки на ашхосе, на муассисае ҳаст, ки қонунҳои англисӣ ҳуқуқи онҳоро ба риоя накардан ва ё иҷро накардани санадҳои қонунгузории парлумон эътироф карда бошад, ва ба се хусусияти хоси волоияти парлумон ишора мекард: ҳуқуқи муассисаи қонунгузорӣ озодона тағйир додани қонунҳои асосӣ; ҷой надоштани ҳеҷ гуна тафовути ҳуқуқӣ дар байни қонунҳои конститутсионӣ ва ғайра; ҷой надоштани ҳеҷ гуна қудрате, ки ҳуқуқи санадҳои парлумониро беэътибор ё ба конститутсия номувофиқ эълон кардан дошта бошад [23. С. 35-38].

Ҳамчун дигар назариётчиёни соҳибихтиёрӣ, А. Дайси ба таърифи моҳияти соҳибихтиёрӣ кӯшиш карда, онро ба соҳибихтиёрӣ бо мазмуни сиёсӣ ва соҳибихтиёрӣ бо мазмуни ҳуқуқӣ ҷудо мекунад. Соҳибихтиёрии сиёсӣ ба интихобкунандагон, ҳуқуқӣ бошад ба парлумон таалуқ дорад. Соҳибихтиёрии сиёсӣ таносуби воқеии нерӯҳои иҷтимоиро дар мамлакат ифода мекунад. Аммо бартарӣ ба соҳибихтиёрии ҳуқуқӣ дода шуда, қайд ёфтааст, ки «Судяҳо иродаи халқро намедонанд, ғайр аз он, ки дар санадҳои парлумонӣ ифода ёфтааст [6. С. 82].

Дар замони муосир таҳлили назарияи парлумонгароӣ то иқдоми таҳқиқи чуқури сохибихтиёрии парлумон ва таносуби он бо соҳибихтиёрии халқ нарасидааст. Олимон бештар дар бораи мавқеи пешқадамӣ доштани парлумон дар низоми таҷзияи ҳокимияти давлатӣ, яъне волоияти он андеша ронда, роҳҳои ноил гаштан ба баланд шудани мавқеи парлумон кушиш мекунанд.

Олими англис Блекстон назарияи соҳибихтиёрии халқро инкор мекард. Ба назари ӯ халқ ҳамон ҳуқуқҳоеро дорад, ки парлумон зарур донистааст. Бо китоби «Тафсир» -и худ дар доираи англисӣ ба паҳншавии ғояи ҳукмронии ҳуқуқ мусоидат намуд. Вале ин ғоя ҳамчунин ҳарифони худро пайдо кард. И.Д. Левин навишта буд, ки «Волоияти парлумон, ки пеш аз ҳама мустақилӣ аз халқро ифода мекунад, ба догмаи ҳуқуқи англисӣ табдил меебад, ки Делольмом дар ибораи болдор дар бораи пуриқтидории парлумони англисӣ гуфта буд: «парлумон ҳама чизро метавонад – ӯ фақат наметавонад, ки мардро ба зан ва баръакс табдил диҳад» [13. С. 13-14].

Пайдоиши усулҳо ва ғояҳои соҳибихтиёрии халқ боиси мазмуни нави парлумонгароӣ, айнан: ҳокимияти олӣ на ба парлумон, балки ба халқ таалуқ дорад, гардид, ки дар ин ҳолат ҳокимияти парлумонӣ фақат ҳокимияти ваколатдоршуда ва камаҳамият аст, чунки халқ соҳибихтиёр, парлумон бошад фақат сохибихтиёрии халқро, ҳамзамон ягон тағйирот ба объекти ҳуқуқи соҳибихтиёрӣ ворид накарда, таҷассум менамояд.

Ғояи соҳибихтиёрии халқ, бештар дар асарҳои Ж.Ж. Руссо асоснок карда шудааст. Дар асоси ғояи шартномаи ҷамъиятӣ ӯ ба вобаста кардани тамоми сохтор ва шакли давлат ба усули соҳибихтиёрии халқ, ки ба ҳуқуқи бебаҳси табиии асос ёфтааст, баромад мекунад. Ба ақидаи ӯ доранда, ё ки соҳиби ягонаи ҳокимияти соҳибихтиёрона халқ мебошад. Шартномаи ҷамъиятӣ, мақсади ягона – муқаррар кардани соҳибихтиёрии халқро дорад. Руссо ду хосияти муҳими соҳибихтиёрии халқ – тақсимнашаванда ва ҷудонопазирии онро муқаррар кардааст. Соҳибихтиёрӣ аз назари Руссо ҳамчун иродаи умумӣ тақсимнашаванда аст. Иродаи қисми халқ – ин на иродаи умумӣ, балки хусусӣ аст, ва бинобар ин соҳибихтиёрона намебошад. Дар ҳамин замина ӯ тасдиқ мекард, ки «Бо ҳамон сабаб, соҳибихтиёрӣ ҷудонопазир, тақсимнашаванда мебошад, чунки ирода ё умумӣ аст, ё ки ин тавр нест; вай иродаи тамоми халқ ё ки фақат як қисми халқ аст. Дар ҳолати якум ин иродаи эълоншуда амали соҳибихтиёрона буда, қонунро эъҷод мекунад; дар ҳолати дуюм – фақат иродаи хусусӣ ё санади магистратура аст, ки он аз ҳама зиёд – декрет ҳасту халос» [21. С. 167]. Вобаста ба тамоми моҳияти ақидаҳои сиёсии худ, Руссо муқобили назарияи таҷзияи ҳокимият мебарояд, ки усули умумии тақсимоти ҳокимият байни се шохаи мустақили ҳокимияти давлатӣ аст. Ба ақидаи ӯ «онҳо аз ҳоким ким-кадом мавҷудоти хаёлии аз қисмҳои аз ҷойҳои гуногун гирифташуда, месозанд» [21. С. 169].

Бар хилофи назарияи тақсимоти ҳокимият Руссо назарияи тақсимоти салоҳиятро мегузорад. Ба назари ӯ, ҳоким ҳокимияти дигар, ғайр аз қонунгузорӣ надорад. Бинобар он соҳибихтиёрӣ дар қонунбарорӣ таҷассум меебад. Дар зери мафҳуми «қонун» ӯ самараи иродаи умумиро мефаҳмид. «Фармоиши як одам, ки ҳам набошад, аз номи худ, асли қонун нест», - менависад Руссо. «Иродаи умумӣ, барои ҳамин тавр будан, бояд ҳам нисбати объекти худ, ва ҳам нисбати моҳияти худ умумӣ бошад, вай бояд аз умум барояд, то ки ба ҳама татбиқ гардад» [21. С. 216].

Муаллифи «Шартномаи ҷамъиятӣ» на фақат шоҳигарии мутлақ, балки волоияти парлумонро низ дар намунаи англисӣ, ҳамчун ғасби ҳуқуқи соҳибихтиёрии халқ медонад. «Халқи Англия худро озод мешуморад: вале ӯ сахт ғалат мекунад; вай озод аст фақат дар давраи интихоботи аъзоёни парлумон; ҳар гоҳ ки онҳо интихоб шуданд, ӯ ғулом мегардад, ӯ ҳеҷ чиз аст. Он амале, ки ӯ барои озодии худ дар лаҳзаҳои кӯтоҳи истифодабарии он содир мекунад, сазовори он аст, ки вай онро аз даст диҳад» [21. С. 169]. Бо далелҳои бисёр ӯ нишон додани мешуд, ки соҳибихтиёрии халқ ҳанӯз ҳокимияти давлатӣ ва мансабдоронро водор сохта наметавонад, ки фаъолияти худро ба манфиати тамоми халқ сафарбар созад. Ин иқдом фақат тавассути шартномаи ҷамъиятӣ амалӣ шуда метавонад.

Мувофиқи таълимоти Руссо дар бораи шартномаи ҷамъиятӣ ва соҳибихтиёрии халқ ҳокимияти олӣ ба халқ тааллуқ дорад. Волоияти халқ дар ҳуқуқи табиии тавассути шартномаи иттифоқӣ қарор гирифтааст. Бинобар ин, дар тафовут аз ҳокимияти иҷроия, ки ташкили онро қонунҳо танзим менамоянд, фаъолияти ҳокимияти олӣ бо ҳуқуқи позитивӣ наметавонад маҳдуд гардад. Ӯ нишон медод, ки барои маҷлиси шаҳрвандон «… дар Давлат ҳеҷ гуна қонуне нест, ки бекор карда нашавад, ҳатто шартномаи ҷамъиятӣ истисно намебошад». Дар боби махсуси «Шартномаи ҷамъиятӣ», «Дар бораи суиистифодаи ҳукумат ва рағбати он ба таназзул» - ӯ қайд кардааст, ки «… дар он лаҳзае, ки ҳукумат соҳибихтиёриро ғасб менамояд, шартномаи ҷамъиятӣ канда мешавад ва ҳамаи шаҳрвандони оддӣ, бо ҳуқуқи озоди табиии худ баргашта, маҷбуранд, вале ӯҳдадор нестанд, ки итоат кунанд». [21. С. 216]

Дар давраи муосир ғояи соҳибихтиёрии халқ назарияи эътирофшудаи сохтмони давлати конститутсионӣ, ташкили усули парлумонгароӣ ва қонуният мебошад. Дар конститутсияи аксари давлатҳо пурраҳокимияти халқ, чун сар-

чашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ расман эълон шудааст, вале татбиқи моҳияти он бо чандин роҳу восита ва усулҳо халадор мегардад. Усули парлумонгароӣ ба назари мо ҳеҷ вақт бар хилофи усули соҳибихтиёрии халқ намебошад, зеро ҳарду шаҳсутунҳое мебошанд, ки дар заминаи якдигар қарор гирифтаанд. Бе амали намудани соҳибихтиёрии халқ, ки яке аз шакли олии таҷассуми бевоситаи он интихоботи умумӣ аст, сухан аз хусуси парлумонгароӣ рафта наметавонад. Бо иродаи олии халқ ҳамчун соҳибихтиёр парлумон ташкил ёфта, дар заминаи рушди он ғояи парлумонгароӣ мазмун ва шакл мегирад.

Усули парлумонгароӣ ба низоми бисёрҳизбӣ низ марбут аст ва бо якдигар робита ва рақобати баробарахамият доранд, ва ин омил яке аз шартҳои фаъолияти муфиди падидаи усули парлумонгароист. Тавассути намояндагии ҳизбҳои сиёсӣ дар парлумон манфиати кулли гурӯҳҳои мухолифини сиёсии ҷомеа дар ин ё он мазмун ва шакл ифода меебад. Дар таркиби парлумон мавҷудияти сохторҳои баробарвазни ҳизбҳои сиёсӣ, ки воқеан ҳайати иҷтимоӣ-сиёсии ҷомеаро намояндагӣ мекунанд, ба кори парлумон тақвият мебахшад ва мазмуни онро ба иродаи кулли мардум мувофиқ мегардонад. Парлумон аз ҳисоби ҳизби сиёсии аз ҳама зиёд мандати вакилӣ дошта Ҳукуматро ташкил мекунад ва назоратро аз болои фаъолияти он ба роҳ мемонад. Дар ин ҷо махсусан дар парлумон ҳузури вакилони ҳизбҳои тақрибан баробарвазнро қайд кардан муҳим аст. Зеро ки ҳатто дар низоми эълон шудаи таркиби бисёрҳизбии парлумон ҳузури ба ном намояндаҳои ҳизбҳои сиёсии мухталифи нобаробар ҳанӯз фазои муҳокимаҳои парлумониро ба тарзи мусбӣ тағйир дода наметавонад. Зеро ки ҳизби аксарияти кул сарфи назар аз ҳизби ҳоким ва ё ҳизби мухолифин будан фаъолияти парлумонро ба манфиати худ равон месозад. Овозҳои аққалияти ночизи вакилони ҳизбҳои сиёсӣ дар парлумон ҳамеша дар мавҷи аксарияти пурғулғула гум мешаванд. Бинобар ин барои ташаккули парлумонгароӣ муҳим аст, ки роҳҳалҳои таъмини иштироки вакилони ҳизбҳои сиёсии тақрибан баробарвазн дар сатҳи қонунҳо тарҳрезӣ шуда, ин омил ба воқеияти фаъолияти парлумони касбӣ табдил ёбад.

Усули парлумонгароӣ бо чандин ваколатҳои хоси парлумон, хусусан, ваколати он оид ба ташкили ҳукумати марказӣ ва истеъфои он, амалӣ намудани функсияи назоратии парлумон ва ғайра алоқаманд аст. Дар низоми парлумонгароӣ ҳукуматро парлумон ташкил мекунад ва дар назди он ҳукумат ҳисоботдиҳанда мебошад. [25. С. 280]. Дар низоми таҷзияи ҳокимияти давлатӣ ҳокимияти парлумон низ бо як қатор низоми мутақобила ва роҳҳалҳои боздорӣ маҳдуд гардонида шудааст. Ваколатҳои қонунгузории парлумон зери назорати суди конститутсионӣ буда, назоратро аз болои риояи меъёрҳои конститутсионӣ таъмин менамояд.

Бо имзои Президент ба амал даромадани қонунҳо низ яке аз механизмҳои пешгирии сӯиистеъмол шудани усули волоияти парлумон аст. Аммо парлумон ҳуқуқ дорад, ки дар сурати ба имзо нарасидан ва бозгардонидани қонун аз тарафи Президент онро бо аксарияти кулли муайяншуда бартараф созад, яъне қонунро дубора тасдиқ намояд ва ба амал дарорад. Вале дар таҷрибаи парлумонии на фақат ҷумҳурии мо, балки дар парлумони дигар давлатҳо низ чунин омилҳо чандон зиёд нестанд.

Тавассути мукаммал гаштани танзими ҳуқуқии конститутсионии ташкил ва фаъолияти парлумон, возеҳ гаштани ҳадди ваколати он дар робита бо усули таҷзияи ҳокимияти давлатӣ ва рушди таҷрибаи қонунгузории он ба ташкилёбии ҳуқуқи парлумонӣ мусоидат менамояд. Илми ҳуқуқи парлумонӣ бояд на фақат асосҳои ҳуқуқии ташкилёбӣ ва рушди парлумонро таҳқиқ намояд, ҳамчунин бояд қонуниятҳои дар заминаи сохтори давлатии муосир ташаккулёбии падидаи парлумонгароиро ошкор намояд. Самтҳои мусбии мусоидаткунанда ва самтҳои манфии халалдоркунанда дар асоси омӯзиш ва таҳқиқи таҷрибаи

давраи муайяни фаъолияти парлумони ҷумҳурӣ ошкор карда шавад.

Парлумонгароӣ таркиби фарогирӣ ҳокимияти қонунгузор, зернизоми сертаъинот ва қисми таркибии сершохаи низоми сиёсӣ мебошад. Дар адабиёти ҳуқуқӣ моҳияти парлумонгароӣ дар давраҳои мухталиф тавассути қайди ин ё он хусусият ва ягон узви таркибии он шарҳ дода мешуд. Аз ҷумла, тавассути ҳокимияти конститутсионӣ ва қонунгузории парлумон, ки ба маҳдудсозии амри ҳоким таъин шуда буданд, бо омили ба парлумон таалуқ доштани ҳокимияти олӣ, дар ғояи соҳибихтиёрии парлумонӣ ифода карда мешуд. Бо моҳияти парлумонгароӣ ба парлумон ҳисоботдиҳанда будани низоми идора, масъулияти ҳукумат дар назди парлумон низ алоқаманд дониста мешуданд.

Бо назардошти ҳамаи ин омилҳо, таҳқиқотчиён таърифҳои гуногуни мафҳуми парлумонгароиро пешниҳод кардаанд. Баъзеи онҳоро дида мебароем. «Мафҳуми парлумонгароиро ҳамчун низоми махсуси идораи давлат, таркибан ва функсионалӣ ба усулҳои таҷзияи ҳокимият, волоияти қонун бо мавқеи намоёни парлумон, бо мақсади амалӣ намудани ба таври конститутсионӣ муқаррар кардани пурраҳокимиятии халқ робита дошта, таъриф кардан мумкин аст» [23. С. 45-46]. «Парлумонгароӣ - низоми идоракунӣ аст, ки бо таҷзияи возеҳи функсияҳои қонунгузорӣ ва иҷроия, бо волоияти расмии мақомоти намояндагии қонунгузорӣ – парлумон хусусиятнок аст» [25. С.473]. Дар таърифҳои мазкури падидаи парлумонгароӣ чандин самтҳои афзалиятноки ташаккули чунин тарзи идораи давлат қайд ёфтааст. Баробари ин баъзе хусусиятҳои парлумонгароӣ, ки дар амалӣ шудани он муҳиманд, ба назари мо дар онҳо ифода наёфтаанд. Аз ҷумла дар татбиқи парлумонгароӣ ба эътибор гирифтани ҳайати бисёрҳизбии парлумон, дар зери назорати сохтори судии махсус қарор доштани фаъолияти қонунгузории парлумон ва ғайра.

Проф. И.М.Степанов чандин таърифҳои мафҳуми парлумонгароиро таҳлил намуда навиштааст, ки «… парлумонгароӣ низоми махсуси ташкили ҳокимияти давлатӣ аст, ки дар заминаи таркибӣ ва функсионалӣ бо усулҳои таҷзияи ҳокимият, волоияти қонун бо мавқеи намоёни парлумон, бо мақсади устувор ва рушди муносибатҳои адолати иҷтимоӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ асос ёфтааст» [16. С.5].

Дар луғати энсиклопедии ҳуқуқи конститутсионӣ оид ба парлумонгароӣ маълумоти чуқур дода шуда, қайд ёфтааст, ки «Парлумонгароӣ – яке аз махсусияти ташкили ҳаёти давлатӣ аст, ки бо мавҷуд будани парлумони доимоамалкунандаи аҳолӣ интихобкардаи бонуфуз ва таъсирнок ба корҳои давлатӣ, ба ҳаёти сиёсии ҷомеа, ҳамчунин бо шаклҳои махсуси фаъолият ва муносибати аъзоёни парлумон бо интихобкунандагон хусусиятнок мебошад». Ва вобаста ба омилҳои қайдёфта, чунин нишонаҳои парлумонгароӣ нишон дода шудааст. 1) мавҷудияти муассисаи намояндагие, ки доимоамалкунанда аст, яъне қисми зиёди вақт дар ҷаласаҳои пленарӣ (умумӣ), кумита ва комиссияҳо маҷлис мегузаронад. 2) доштани ваколатҳои ба парлумон хос: қабули қонун, муҳокимаи муфассал ва тасдиқи буҷаи давлатӣ, андозҳо, иштирок дар таъсис ва амалӣ намудани сиёсати давлатии дохилӣ ва хориҷӣ, дар таъсиси як қатор мақомоти давлатӣ ва таъйин кардани шахсони мансабдори олӣ, иҷрои вазифаи назорати парлумонӣ. 3) бо шаклҳо ва қоидаҳои махсуси кори парлумонӣ: ҷаласаҳои умумӣ бо мубоҳисаҳои васеъ оид ба масъалаҳои муҳокимашаванда, бо муҳокимаҳои парлумонӣ, дархости вакилон, соатҳои кори парлумонӣ, кори кумита ва комиссияҳои парлумонӣ, фраксия ва гурӯҳҳои вакилӣ хусусиятнок аст. 4) ҳамчунин бо муносибати махсуси вакилон бо интихобкунандагон фарк мекунад. Вакилон ҳамчун қоида, мандати озод доранд, яъне бо ҳеҷ супориши интихобкунандагон вобаста нестанд, дар назди онҳо ҳисобот намедиҳанд ва пеш аз мӯҳлат даъват карда намешаванд (ба ҷуз ҳолатҳои даъвати вакилоне, ки ба боварии интихобкунандагон сазовор нагаштаанд ё кирдорҳои ношоям содир кардаанд). Ҳамзамон вакилон бо инти-

хобкунандагон робитаи доимӣ нигоҳ дошта, ба онҳо аз кори худ ахбор медиҳанд, ба ҳалли масоилҳои ҳаёти шахсии онҳо мусоидат мекунанд [9. С.417-418].

Мурофиаи маъмурӣ, ба чунин фаҳмиш, фаъолияти давлатӣ-ҳокимиятӣ, динамикӣ, бо меъёрҳои ҳуқуқи мурофиавии маъмурӣ ба танзим даровардашудаи мақомоти ҳокимияти иҷроия, дигар субъектҳои ҳокимиятӣ оид ба баррасии парвандаҳои маъмурӣ бо мақсади ҳимояи манфиатҳои шахсият, ҷомеа ва давлат мебошад ва барои баровардани санадҳои ҳуқуқии қонунӣ, инчунин муносибатҳои мурофиавии маъмурӣ ва расмиёти ба вуҷуд омадан, фаъолияткунӣ ва қатъ гаштани онҳо равона карда шудааст» [4. с. 79 – 86].

Салишева Н.Г. мурофиаи маъмуриро ҳамчун мурофиаи ҳуқуқтатбиққунӣ оиди ба тартиби маъмурӣ ҳал намудани баҳсҳо ва татбиқи чораҳои ҷазои маъмурӣ» ба тарафи фаҳмиши хеле васеи он маънидод менамояд [1. с. 16].

Г.А. Кузмичева он мавқеъро тарафдор аст, ки мувофиқи он «мурофиаи маъмурӣ – ин бо меъёрҳои ҳуқуқ ба танзим даровардани худи фаъолияти давлатӣ-идоракунӣ, маҷмӯи ҳамаи амалҳое, ки аз тарафи мақомоти ҳокимияти иҷроия оид ба татбиқи салоҳияти худ содир карда мешавад, мебошад» [2. с. 246].

Ба ақидаи Кашанин А.В. «мурофиаи маъмурӣ – ин тартиби амалӣ намудани фаъолияти давлатӣ-идоракунӣ, маҷмӯи амалҳои пай дар ҳам мебошад, ки бо мақсади татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи маъмурӣ содир карда мешаванд» [11. с. 646].

Бояд қайд кард, ки ба сохтори мурофиаи маъмурӣ низ назарҳои гуногун ҷой доранд. Масалан, Козлов Ю.М. мурофиаи маъмуриро ба ду намуди он – шакли маъмурӣ-расмиётӣ ва маъмурӣ-юрисдиксионӣ тақсим менамояд [12. с. 181]. Старилов Ю.Н. чунин намудҳои онро ба монанди идоракунӣ, маъмурӣ-юрисдиксионӣ ва мурофиавии судии маъмурӣ ном мебарад [17. с. 665 – 666]. Салишева Н.Г. ҳисоб мекунад, ки мурофиаи маъмурӣ аз расмиёти маъмурӣ, юрисдиксияи маъмурӣ ва адлияи маъмурӣ иборат аст [3. с. 312 – 313]. Зелентсов А.Б. ба он ду қисмати сохториро дохил менамояд: мурофиаи маъмурӣ-расмиётӣ ва мурофиаи маъмурӣ-юрисдиксионӣ дар ду шакли он – мурофиаи судии маъмурӣ ва истеҳсолоти маъмурии квазисудӣ (тосудӣ) [8. с. 507 – 511]. Бахрах Д.Н. мавҷудияти мурофиаи маъмуриро эътироф менамояд, вале ба назари ӯ дар бораи фаъолияти маъмурӣ-мурофиавии маъмурияти давлатӣ гуфтан дурусттар аст, ки аз якчанд

намудҳои мурофиа – маъмурӣ-меъёрэҷодкунӣ, маъмурӣ-ҳуқуқдиҳанда, маъмурӣ-юрисдиксионӣ иборат аст [5. с. 2].

Дар адабиёти ҳуқуқӣ дар бораи ҷудо намудани ҳуқуқи мурофиавии маъмурӣ ба соҳаи алоҳидаи ҳуқуқ мубоҳисаҳои васеъ доман паҳн кардааст. Ҳастанд олимоне, ки ҳуқуқи мурофиавии маъмуриро соҳаи мустақили низоми ҳуқуқӣ ҳисоб менамоянд [1; 19; 9. с. 3 – 15]. Дигарон тасдиқ мекунанд, ки ҳуқуқи мурофиавии маъмурӣ зерсоҳаи ҳуқуқи маъмурӣ мебошад [22. с. 3 – 5]. Сеюминҳо бошанд – на бо фикри якум ва на бо фикри дуюм розӣ намешаванд. Масалан, Бахрах Д.Н. ба хулоса меояд, ки «ҳуқуқи мурофиавии маъмурӣ – ҳамагӣ фақат гурӯҳи калони меъёрҳои ба низом даровარданашудае мебошанд, ки расмиёти фаъолияти ҳокимиятиро ба танзим медароранд ва дар низоми ҳуқуқи маъмурӣ воқеанд. Дар бораи он гуфтан ҳамчун дар бораи соҳа ва ҳатто зерсоҳа, ҳамчун низоми институтҳои таркибёфта дар доираи ҳуқуқи маъмурии соҳаи ҳуқуқ бармаҳал аст ва ба соҳаи мустақил ҷудо намудани ҳатто танҳо қонунгузории мурофиавии маъмурӣ ба амалия назар ба фоидааш зарари калон мерасонад, чунки институтҳои ҳуқуқии ягонаи таркибёфтаи мурофиати шаҳрвандон, ҷавобгарии маъмурӣ ва диг. ба ду қисм – моддӣ ва мурофиавӣ вайрон менамояд».

Масленников М.Я., Старостин С.А., Серков П.П. ва дигар олимон зарурати қабул намудани кодекси мурофиавии маъмуриро, ки барои танзим намудани расмиёти ҳуқуқтатбиқкунӣ аз рӯи парвандаҳо оид ба ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ даъват карда шудааст, лозим мешуморанд [13. с. 22; 21. с. 72 - 75; 18. с. 295 – 351].

Опалев Р. таърифи зерини ҳуқуқи мурофиавии маъмуриро медиҳад: «ин соҳаи ҳуқуқ мебошад, ки муносибатҳои ҳуқуқии мурофиавии маъмуриро танзим менамоянд, ки дар асос ва вобаста бо мурофиаи маъмурӣ ҳамчун шакли мавҷудияти мурофиаи судии маъмурӣ (воситаи амалӣ намудани ҳокимияти судӣ) ба вуҷуд меоянд, мавҷуданд ва қатъ мегарданд, ки дар фаъолияти пай дар пайи ҳамаи субъектҳои он бо мақсади ҳал намудани баҳсҳое, ки аз меъёрҳои ҳуқуқи моддии маъмурӣ бармеоянд, аз он ҷумла вобаста ба ҷалб намудан ба ҷавобгарии маъмурӣ, ифода гардидаанд».

Вай фикреро баён менамояд, ки мувофиқи он меъёрҳои ҳуқуқи мурофиавии маъмурӣ бояд дар Кодекси мурофиавии маъмурии Федератсияи Россия дарҷ карда шаванд, меъёрҳои расмиётӣ, ки ҳамаи намудҳои фаъолияти идоракунии давлатро танзим ва ба тартиб меандозад, бояд дар Қонуни федералӣ «Дар бораи расмиёти маъмурӣ дар Федератсияи Россия» дарҷ карда шавад [15. с. 30].

Бояд қайд кард, ки ҳуқуқи мурофиавии маъмурӣ асосан муносибатҳои вобаста ба баррасӣ намудани парвандаҳои маъмуриро дар бар мегирад. Парвандаҳои маъмурӣ бошад ҳам парвандаҳоеро, ки аз муносибатҳои ҳуқуқии маъмурӣ ва дигар оммавӣ бармеоянд ва ҳам парвандаҳои вобаста ба ҳуқуқвайронкунии маъмуриро дар бар мегирад, ки бо қонунгузории гуногун танзим мешаванд. Масалан, агар парвандаҳоеро, ки аз муносибатҳои ҳуқуқии маъмурӣ ва дигар оммавӣ бармеоянд, бо Кодекси мурофиавии граждpoints (зерфасли III, бобҳои 23-25) ва Кодекси мурофиавии иқтисодӣ (фасли III, бобҳои 22-23) ба танзим дароварда шаванд, он гоҳ парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ бо Кодекси мурофиавии ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба танзим дароварда мешаванд.

Тавре ки дар боло қайд карда шуд, дар моддаи 88 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон принсипҳои асосии ҳуқуқи мурофиавӣ дарҷ гардидаанд, ки асосиашон ба тарзи мубоҳиса ва дар асоси баробарии тарафҳо сурат гирифтани мурофиа мебошад.

Агар ба Кодекси мурофиавии гражданӣ ва Кодекси мурофиавии иқтисодӣ назар андозем принсипҳои конститутсионии ба тарзи мубоҳиса ва дар асоси баробарии тарафҳо сурат гирифтани мурофиа дар онҳо мавҷуданд, вале дар Кодекси мурофиавии ҳуқуқвайронкунии

маъмурӣ ин принсипҳои муҳими мурофиавӣ мавҷуд нестанд.

Дар боби 10 Кодекси мурофиавии ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ суд ва дигар мақомоти ваколатдори давлатӣ (шахсони мансабдор), ки парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмуриро баррасӣ менамоянд, номбар карда шудаанд.

Ба андешаи мо танҳо аз ҷониби судҳо баррасӣ намудани парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва амалҳои вобаста ба он анҷомдодашавандаро амалҳои мурофиавӣ номидан мумкин аст, зеро дар байни онҳо суд ягона мақомоте мебошад, ки ба натиҷаи баррасии парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ягон хел манфиат надорад. Дигар мақомот бошад худашон парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмуриро оғоз намуда худашон онро моҳиятан баррасӣ намуда, нисбати ҳуқуқвайронкунанда ҷазо татбиқ менамоянд. Дар ин гуна парвандаҳо мақомоти маъмурии давлатӣ, ки ҷазоро татбиқ менамояд ва шахси ҳуқуқвайронкунанда тарафҳои парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ мебошанд ва байни онҳо муносибатҳои моддии вобаста ба ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба миён меоянд, на муносибатҳои мурофиавӣ.

Аз ин ҷо, қонунгузор ҳангоми таҳия намудани Кодекси мурофиавии ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба ғалатфаҳмиҳо роҳ додааст. Қонунгузорро лозим буд, ки на Кодекси мурофиавии ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, балки Кодекси мурофиавии маъмуриро қабул намуда дар он тартиби баррасӣ ва ҳал намудани парвандаҳоеро, ки аз муносибатҳои ҳуқуқии маъмурӣ ва дигар оммавӣ бармеоянд ва дар зерфасли III, бобҳои 23-25 Кодекси мурофиавии граждfestivalӣ, дар фасли III, бобҳои 22-23 Кодекси мурофиавии иқтисодӣ дарҷ гардидаанд, инчунин парвандаҳои ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурии ба судҳо тобеияти идоравӣ доштаро пешбинӣ мекард.

Вобаста ба ҳолатҳои болоӣ чунин мафҳуми ҳуқуқи мурофиавии маъмуриро додан мумкин аст. Ҳуқуқи мурофиавии маъмурӣ – ин соҳаи мустақили ҳуқуқи мурофиавӣ буда, маҷмӯи меъёрҳоеро дар бар мегирад, ки муносибатҳои ҷамъиятии байни суд ва иштирокчиёни парвандаро, ки дар рафти амалӣ намудани адолати судӣ аз рӯи парвандаҳои маъмурӣ (парвандаҳое, ки аз муносибатҳои ҳуқуқии маъмурӣ ва дигар оммавӣ бармеоянд ва парвандаҳои вобаста ба ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ) ба вуҷуд меоянд, танзим менамоянд.

Предмети мурофиаи маъмурӣ ҳамчун шакли фаъолияти суд баҳсҳое мебошанд, ки аз муносибатҳои ҳуқуқии маъмурӣ ва дигар оммавӣ, инчунин вобаста ба парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ бармеоянд, ва бо қонун ба салоҳияти судҳо мансуб дониста шудаанд.

Чунин аломатҳои мурофиаи маъмуриро фарқ кардан мумкин аст:

1) яке аз субъектони мурофиаи маъмурӣ ҳатман суд мебошад;

2) ҳаракатҳое, ки аз тарафи суд ва иштирокчиёни мурофиа иҷро карда мешаванд, ҳаракатҳои мурофиавии маъмурӣ мебошанд;

3) предмет, объекти мурофиаи маъмурӣ парвандаҳое мебошанд, ки танҳо ба судҳо тобеияти идоравӣ доранд.

Дар охир бояд ҳаминро қайд кард, ки новобаста ба он, ки дар байни олимон оиди мафҳуми ҳуқуқи мурофиавии маъмурӣ гуногунфаҳмиҳо ҷой дорад, гуфтан мумкин аст, ки аллакай заминаи ҳамчун соҳаи мустақили ҳуқуқ эътироф намудани ҳуқуқи мурофиавии маъмурӣ ба вуҷуд омадааст ва мувофиқи мақсад мебуд, ки доир ба ин масъала бештар мақолаҳои илмӣ рӯи чоп мебаромаданд ва таҳқиқҳои дахлдор анҷом дода мешуданд.

**Адабиёт:**

1. Административно-процессуальное право. Курс лекций / Под ред. И.Ш. Киляхсанова. М.: ЮНИТИ-ДАНА; Закон и право, 2004.

2. Административное право и административный процесс: актуальные проблемы / Отв. ред. Л.Л. Попов, М.С. Студеникина. – М.: Юристъ, 2004.

3. Административное право Российской Федерации / Под ред. Н.Ю. Хаманевой. – М., 2004.

4. Амельгаков И.Ф., Самсонов В.Н. Вновь к вопросу о понятии административного процесса // Вестник Воронежского института МВД России. – 2013. – № 1.

5. Бахрах Д.Н. Административно-процессуальная деятельность государственной администрации // Административное право и процесс. – 2009. - № 3.

6. Гражданский процесс. Учебник. 2-е изд., перераб. и доп. / Под ред. М.К. Треушникова, М.: Издательский Дом «Городец», 2008.

7. Демин А.А. Понятие административного процесса и административно-процессуальный кодекс Российской Федерации // Вестник Московского университета. Серия 11. Право. 1998. - № 4.

8. Зеленцов А.Б. Административно- правовой спор: вопросы теории. – М., 2009.

9. Зеленцов А.Б., Кононов П.И., Стахов А.И. Административный процесс и административно-процессуальное право в России: концептуальные проблемы современного развития // Административное право и процесс. – 2013. - № 12.

10. Казанцев П. Место административного процессуального права в системе российского права // Административное право и процесс. – 2008. - № 11.

11. Кашанина Т.В., Кашанин А.В. Российское право. Учебник для вузов. – М.: Норма, 2005.

12. Козлов Ю.М. Административное право. – М., 1999.

13. Масленников М.Я. Российский административно-процессуальный кодекс – реальный и самодостаточный // Административное право и процесс. – 2012. - № 2.

14. Ойев Х. Њуќуќи мурофиавии маъмурии Љумњурии Тољикистон. Воситаи таълимї. Душанбе, 2013.

15. Опалев Р. Рецензия на статью ассистента кафедры гражданского процесса Института права БашГУ Казанцева П. «Место административного процессуального права в системе российского права» // Административное право и процесс. – 2009. - № 4.

16. Панова И.В. Юридический процесс / Науч. ред. проф. Н.М. Конин. Саратов: Изд-во «Светопись», 1998.

17. Россинский Б.В., Старилов Ю.Н. Административное право. – М.: Норма, 2010.

18. Серков П.П. Административная ответственность в российском праве: современные осмысление и новые подходы. Монография. – М.: Норма; Инфра-М, 2012.

19. Сорокин В.Д. Административный процесс и административно-процессуальное право. – СПб.: Издательство Юридического института, 2002.

20. Сорокин В.Д. Проблемы административного процесса. – М., 1968.

21. Старостин С.А. О необходимости и путях совершенствования законодательства об административных правонарушениях // Административное право и процесс. – 2014. - № 3.

22. Фатьянов А.А. К вопросу о реформировании системы административного права // Административное право и процесс. – 2012. - № 11.

# ТАКМИЛИ НИЗОМИ СУДИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУТОБИҚИ БАРНОМАИ ИСЛОҲОТИ СУДӢ-ҲУҚУҚӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ СУДЕБНОЙ СИСТЕМЫ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН В СООТВЕТСТВИИ С СУДЕБНО-ПРАВОВОЙ РЕФОРМОЙ В ТАДЖИКИСТАНЕ

**Авзалов А. Х.,**
ассистент кафедры судебного права и прокурорского надзора юридического факультета Таджикского национального университета
e-mail: aardasher@gmail.com

**Научная специальность:** 12.00.11 – судебная деятельность, прокурорская деятельность, правозащитная и правоохранительная деятельность

**Научный руководитель:** Мусаев А., доктор юридических наук, профессор

**Рецензент:** Махмудов И.Т., кандидат юридических наук, доцент

*Аннотация:* Статья посвящена анализу судебно-правовой реформы в Республике Таджикистан. Авторотмечает что, в современных условиях существует необходимость в разработке новых правовых институтов, в частностив создании института помощников судей, что будет способствовать улучшению работы судебной системы.
*Ключевые слова:* судебно-правовая реформа; суд; судья; судебная власть

**Avzalov A. H.**
Junior lecturer of the Department of judicial law and prosecutorial supervision of the Law Faculty, Tajik National University
e-mail: aardasher@gmail.com

**Scientific specialty:** 12.00.11 — judicial activities, prosecutorial activities, human rights protection and law enforcement activities

**Scientific supervisor:** Musayev A., Doctor of Legal Science, Professor

**Reviewer:** Makhmudov I.T., Candidate of Legal Science, Associate Professor

*Annotation*: The article is devoted to the analysis of the judicial and legal reform in the Republic of Tajikistan. The author points out that, under current conditions there exists a need to develop new legal institutions, particular the establishment of the institute of deputy judge, which will contribute to the improvement of the judicial system.
*Keywords*: judicial and legal reform; court; judge; judicial branch

Давоми солҳои охир оид ба масъалаҳои мубрами фаъолияти ҳуқуқмуҳофизавӣ дар фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишвар, дар рафти ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар самтҳои амалигардонии адолати судӣ, фаъолияти таъқиботи ҷиноятӣ ва оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, қабул, баррасӣ ва ҳал намудани арзу шикоятҳои шаҳрвандон, аз ҷониби роҳбарияти олии сиёсӣ диққати

махсус дода мешавад. Чунин мақеъ шаҳодат аз он медиҳад, ки масъалаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ воқеан ниёз ба ислоҳот буда, амалигардонии он истифодаи неру ва заковати тамоми қишрҳои зеҳнии ҷомеаро тақозо менамояд. Ҳамин аст, ки яке аз роҳҳои созмон додани давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд дар радифи дигар корҳои муҳими ҷамъиятӣ, давлатӣ ва сиёсӣ ин дар амал татбиқ кардани ислоҳоти воқеии судӣ-ҳуқуқӣ ба шумор меравад, ки он бояд бахри дар сатҳи баланд ҳимоя намудани ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии инсон ва шаҳрванд имконият фароҳам оварда, муносибатҳои муосири ҷамъиятиро мавриди баррасӣ ва ҳал намудан қарор дода тавонад.

Таҳлили таърихи Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар ҶТ барои солҳои 2015-2017 (минбаъд Барнома) аз он шаҳодат медиҳад, ки зарурати таҳия намудани он ҳанӯз дар Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз соли 2014 пешбинӣ гардида буд, ки ба воситаи он таъкид намуда буданд, ки «Ҳокимияти судӣ минбаъд низ такмил меебад ва ислоҳоти судиву ҳуқуқӣ идома дода шуда, барои эҷоди заминаи ҳуқуқии ин ҳадафҳо қонунҳои зарурӣ таҳия ва қабул карда мешаванд. Бо мақсади рушди низоми судии кишвар, баланд бардоштани сатҳи касбии судяҳо, нақш ва мавқеи суд дар таъмини воқеии ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон, манфиатҳои қонунии ташкилоту муассисаҳо, сарфи назар аз шакли ташкилию ҳуқуқии онҳо, ҳоло барномаи нави ислоҳоти судиву ҳуқуқӣ барои се соли оянда таҳия шуда истодааст». [8] Дар ин замина, ин иродаи сиёси ба шакли кори ворид гардида, он бо Нақшаи чорабиниҳо оид ба иҷрои вазифаҳое, ки дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 апрели соли 2014 зикр гардидаанд, тасдиқ шудааст.[5] Мутобиқ ба нақшаи зикршуда Суди Олӣ, Суди конститутсионӣ, Суди Олии иқтисодӣ, Шӯрои адлия, Прокуратураи генералӣ, Вазорати адлия ба сифати иҷрокунанда ва бахши Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сиёсати ҳуқуқӣ бо Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи иҷроияи Президент ба ҳайси масъулини барнома муқаррар гардида буданд. Натиҷаи фаъолияти пурсамари гурӯҳи корӣ аз мақомоти зикршуда ба он оварда расонд, ки лоиҳаи Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар ҶТ барои солҳои 2015-2017 таҳия ва барои тасдиқ ба Президенти кишварамон пешниҳод гардид, ки он бо фармони алоҳида [2] тасдиқ карда шуд.

Аз мазмуни меъёрҳои Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, ки ҳокимияти судӣ ҳамчун рукни мустақили давлат эътироф гашта, фаъолияти он бахри таҳкими қонуният ва таъмини адолати иҷтимоӣ, созмон додани ҷомеаи демократӣ ва ҳуқуқбунёд, ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон, равона шудааст. Субъектони амаликунандаи ҳокимияти судӣ бояд тамоми имкониятҳои ҳокимияти судиро бахри ҳимояи ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии инсон ва шаҳрванд равона созанд. Амали намудани асосҳои ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ бояд бахри аз ҷониби судҳо аниқ, саҳеҳ ва дуруст татбиқ кардани талаботи қонунгузории кишварамон равона гардида, дар баланд бардоштани мақоми ҳокимияти судӣ мусоидат намояд.

Дар ин замина андешидани чораҳои воқеӣ, бахри самаранок кардани ҷабҳаҳои ташкилӣ, иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ ва фарҳангии фаъолияти судӣ, ки дар намуди сохтмон ва таъмири биноҳои судӣ, таъмини дастгоҳи судӣ бо таҷҳизоти компютерӣ ва таҷҳизотҳои гуногуни корӣ, зиёд намудани шумораи судяҳо, ки ба мавриди арзёби мешавад, сифати корӣ ва фаъолияти мақомоти судиро дар кишварамон баланд бардошт. Аммо чуноне, ки воқеъият нишон медиҳад, чораҳои андешидашуда басанда набуда, зарурияти масъалагузорӣ ва қабул намудани консепсияи нави ислоҳоти судӣ ба миён омад.

Маротибаи сеюм қабул гардидани Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар назди як қатор мақомоти давлатӣ вазифаҳои му-

шаххас гузошт, ки ниёз ба омӯзишу таҳлил дорад. Ҳарчандислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар кишварамон як зумра мушкилотҳоро ҳал намуда бошад ҳам, аммо тадбиқи боз як қатор чорабиниҳои дигарро тақозо менамояд. Аз ин ру, аз назари мо дар ҷараёни амалигардии ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ, пеш аз ҳама, бояд тамоми падидаҳои ҳуқуқии истифодашаванда ва ё ба муомилоти корӣ пешниҳодшуда «аниқ, дақиқ ва саҳеҳ бошанд» [3, с. 125], ки барои расидан ба мақсадҳои гузошташуда, имконпазир бошанд.

Чуноне, ки нишондиҳандаҳои оморӣ шаҳодат медиҳанд, ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар ҶТ давра ба давра сифати баландтарро касб намуда истодааст. [6, с. 5] Ин ҳолат дар бавуҷуд овардани падидаҳои нави ҳуқуқӣ, механизмҳои таъсиррасонӣ ва ҳалли масоили аз он бармеомада, такмили меъёрҳо ва санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ [12, с. 147], таҳия ва қабул намудани қонунҳои нав, такмили сохтори мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, такмили вазифаҳои функсионалии мақомот ва шахсони мансабдори онҳо инъикос меебад. Дар радифи андешаҳои мазкур қабул ва мавриди иҷро қарор додани Барнома боз як қадами устувор баҳри тадбиқи механизмҳои муосир ва ба воқеият наздик ба шумор рафта, кишвари моро ба ҳадафҳои созмон додани давлати ҳуқуқбунёд ва демократӣ наздик менамояд. Ҳамзамон, қайд кардан ба маврид аст, ки дар кишварамон тамоюли болоравии нақши ҳокимияти судӣ мушоҳида шуда истодааст. (*Бо дарназардошти таҳия, тасдиқ ва дар амал татбиқ кардани барномаҳои стратегӣ, аз ҷумла се маротиба амали гардонидани Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ, қабул ва мавриди иҷро қарор додани қонунҳои мутаалиқ ба низом, сохтор ва функцияҳои ҳокимияти судӣ қабул гардида, аз ҷумла ба ҳокимияти судӣ вогузор кардани вазифаҳое, ки қаблан аз ҷониби дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ амали мешуданд, коркард ва амали намудани механизм ва институтҳои кории муосир, аз ҷумла фаъолияти Шурои адлия ва монанди инҳо, ба болоравии нақши сиёсӣ-ҳуқуқии ҳокимияти судӣ мусоидат намудаанд. Тамоми ин гуфтаҳо дар маҷмуъ ва он азму иродаи ҳуқуқэъчодкунӣ ва ҳуқуқтатбиқкунӣ дар кишварамон, аз он шаҳодат медиҳад, ки солҳои назди ҳокимияти судӣ аз нуқтаи назари институтсионалӣ бозҳам пурзур хоҳад шуд.- **А.А.**)* Бинобар ин, мақсади кунунии ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ барои ояндаи наздик, ин «таҳкими минбаъдаи ҳокимияти судӣ, соддагардонии ҷараёни мурофиаи судӣ, баланд бардоштани нақши суд дар ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсону шаҳрванд, ҳимояи манфиати давлат, ташкилотҳо, таъмини қонунияту адолат ва дар заминаи он такмили сохтор ва фаъолияти мақомоти судии кишвар мебошад». [2]

Тамоми масъалаҳое, ки дар Барнома пешбинӣ гардидаанд, моҳиятан муҳим ба шумор меравtotnd. Аммо чорабаниҳои пешбинигардида, ки дар Барнома инъикос ёфтаанд, танҳо хусусияти умумӣ доранд. Омӯзиши амалияи судӣ ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, моро водор менамояд, ки оид ба мазмуну мӯҳтавои баъзе аз самтҳои Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ якчанд таклифу пешниҳодҳои зарурӣ ва саривақтӣ намоем, то инки ба назарияи рушди ҳокимияти судӣ дар ҶТ мувофиқат намуда, дар такмили ин низом мусоидат намояд.

Андешаҳои мо дар самти **такмили сохтор ва фаъолияти судҳо дар ҶТ** нигаронида шудааст.

Воқеъан дар раванди амалисозии самти мазкур ҳоло ҳадафҳо бениҳоят зиёданд. Лекин бо назардошти вазъи кунунии низоми судии кишвар, татбиқи пешниҳодҳои зеринро мувофиқи мақсад мешуморем. Аз ҷумла, пешниҳод менамоем, ки ҳайати дастгоҳи судҳое, ки дар он сарбории судяҳо зиёд аст, васеъ карда шавад. Масалан, ин ҳолат дар тамоми судҳои ноҳиявии шаҳри Душанбе мушоҳида карда мешавад. Роҳҳои асосии ин навъи такмилдиҳӣ, аз нуктаи назари мо дар ду ҳолат дида мешавад.

Аввалан, пешниҳод карда мешавад, ки шумораи кормандони судӣ, ки вазифаи судягиро ишғол кардаанд, зиёд карда шавад. Бо роҳи зиёд намудани шумораи судяҳо дар судҳои шаҳрӣ (ноҳиявӣ) бо назардошти имконпазирии ҷорӣ

намудани падидаи «тахасусгардонии судяҳо» имконияти кам кардани сарбории зиёдатӣ мавчуд аст. Тахасусгардонии судяҳо, аслан бояд бо назардошти категорияҳои парвандаҳои дар суд баррасишаванда, ба монанди, ҷиноятӣ, гражданӣ, маъмурӣ, оилавӣ, меҳнатӣ, ювениалӣ (парвандаҳо оид ба ноболиғон - *Ҳоло дар ҶТ парвандаҳо оид ба ноболигон дар намуди алоҳида вуҷуд надорад, вале намояндагони илм, ташкилотҳои байналхалқӣ, ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ ва коршиносони ватанӣ дар такмил додан ва дар намуди алоҳида ҷудо намудани парвандаҳои ба ноболигон вобаста бударо пешниҳод ва дастгири менамоянд. Айни замон қисман тахасусгардонии баъзе аз судяҳо ба роҳ монда шудааст, ки дар заминаи он дар судҳои ноҳиявии шаҳри Душанбе толори махсуси маҷлиси судӣ барои баррасии парвандаҳо бо иштироки ноболигон пешбини карда шудааст. Албатта ин иқдомҳои аввалин аст ва он ниёз ба такилу рушд дорад- **А.А.***) ва ғайраҳо ба роҳ монда шавад. Дар ин замина, ҳайати судӣ пурқувват гардида, аксариятии вазифаҳои функсионалии судҳо саривақт ва дуруст ба роҳ монда мешаванд. Масъалаи пешбиникардаи Кодекси мурофиавии ҷиноятии ҶТ оид ба аз ҷониби судяҳои гуногун амалигардонии функсияҳои назоратбарии фаврии судӣ (дар давраҳои то судӣ) ва амалигардонии адолати судӣ дуруст ба роҳ монда мешавад. Ҳамзамон зиёд намудани шумораи судяҳо дар судҳо як навъ рақобати зеҳниро дар миёни онҳо, дар самти амалигардонии адолати судӣ ва ҳалли одилонаи тамоми масъалаҳои ба суд тобеъбуда, ба вучуд меорад, ки дар маҷмуъ ин ҳолат ба пурзӯр гардидани низоми судии кишвар мусоидат менамояд.

Аммо оид ба ҷабҳаи дигари ин пешниҳод қайд намудан ба маврид аст, ки бо чунин тарз ҳалли чораҳои дар Барнома пешбинигардида на онқадар самаранок шуда метавонанд. Албатта дар оянда, бо зиёд шудани сарбории судяҳо, танҳо «ба таври механикӣ» [9, с. 155] зиёд кардани штати судяҳоро пеш гирифта наметавонем. Чунки, ин ҳолат низ як қатор мушкилоти ба худ хосро ба бор меорад ва дар оянда ҳалли минбаъдаи онҳо мурракаб гардида ҳатто ба мухолифатҳои ҷиддӣ оварда мерасонад.

Дар сурати қобили қабул нагардидани пешниҳоди қаблӣ, пас таклиф менамоем, ки дар низоми судии кишварамон вазифаи **ёрдамчии судя** воқеъан ва фаъолона ворид карда шавад. Ба ақидаи мо, чунин тарзи ҳалли масъала умуман дар сохтори судӣ имконият медиҳад, ки бе зиёд намудани шумораи судяҳо ва штати кории судягӣ дар дастгоҳи судӣ, ҳадафҳои муқарраршудаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқиро ноил гарданд. Айни замон бошад, дар дастгоҳи судҳои шаҳрӣ ва ноҳиявӣ танҳо як штати ёрдамчӣ ҷой дорад, ки он танҳо ёрдамчи Раиси суд мебошад.

Ҷорӣ намудани вазифаи **ёрдамчии судя** дар муомилоти кории фаъолияти судии кишвар имконият медиҳад, ки судяҳо аз иҷрои вазифаҳои маҳз техникӣ ва ташкилӣ, ки бевосита ба амалигардонии адолати судӣ вобастагӣ надоранд, озод карда шаванд. Нисбат ба ёрдамчии судя муқаррар шудани талаботҳои қонунгузорӣ ба монанди вазъи ҳуқуқӣ ва мақоми он дар низоми судии кишвар, асосҳо ва тартиби рад кардани он дар рафти баррасӣ ва ҳал кардани парвандаҳо, самти корӣ ва дараҷаи фаъолияти кории ӯ мувофиқи мақсад аст. Ҳамзамон тахмин кардан мумкин аст, ки ёрдамчии судя ба кадом вазифаҳои функсионалӣ машғул шуданаш имконпазир мебошад, ба монанди, у бояд, пеш аз ҳама, дар амалгардонии адолати судӣ ёрӣ расонад, ки мутобиқан ба гуруҳи субъектони ба адолати судӣ мусоидаткунанда шомил кардан мумкин аст.

Бо мақсади асоснок намудани ин ақида моро зарур аст, ки таҷрибаи фаъолияти судии кишварҳои хориҷиеро, ки чунин воҳиди шабеҳ доранд, омӯзем. Ёрдамчии судя ҳамчун падидаи ҳуқуқӣ дар чунин давлатҳо ба монанди Италиё, Олмон, Федератсияи Россия, Фаронса, ИМА ва монанди инҳо амал карда истодааст, ки бо дарназардошти талаботҳои воқеъии иҷтимоӣ ва меъёрию ҳуқуқӣ дар амалияи судии кишварамон ҷорӣ намудан ба маврид аст. Зарурати омӯзиши

таҷрибаи судии давлатҳои хориҷиро чунин муҳақиқон ба монанди И.Т. Маҳмудов [7, с. 16] ва Г.Ж. Сулейманова [10, с. 156] махсусан қайд менамоянд.

Бинобар ҳамин барои ҷорӣ намудани институти ёрдамчии судя, аз нуқтаи назари мо иҷрои корҳои зерин ҳатмӣ ва саривақтӣ ба ҳисоб мераванд.

Аввалан, барои амалӣ намудани ҳадафҳои мазкур моро зарур аст, ки, барои ба низоми судии кишвар ворид намудани институти ёрдамчии судя ба Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи судҳо дар ҶТ» тағйиру иловаҳои дахлдор ворид намоем. Ногуфта намонад, ки оид ба падидаи «ёрдачии судя» дар қисми 8 моддаи 94 Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи судҳо дар ҶТ» меъёр пешбини шудааст, аммо муайян нест, ки ин субъекти низоми судӣ бо кадом мақсад пешбинӣ шудааст. [4]Чунки дар ин санади қонунгузорӣ танҳо як маротиба дар ҳамин меъёри зикршуда падидаи мазкур «номбар» шудаасту халос. Минбаъда танзими ҳуқуқии ин падида ба назар намерасад ва муқаррароти дахлдор вобаста ба он инъикос нагаштааст. Дар ин замина моро зарур аст, ки институти ёрдамчии судяро минбаъд тақвияти меъёрӣ-ҳуқуқӣ диҳем.

Сониян, ба кодексҳои мурофиавии ҷиноятӣ, гражданӣ, ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва иқтисодӣ дар қисмати иҷрои вазифаҳои мурофиавӣ тағйиру иловаҳои зарурӣ ворид кардан лозим мешавад. Дар кодексҳои мурофиавӣ бояд ҳатман пешбинӣ карда шавад, ки кадом ҷабҳаи фаъолияти судӣ ба зимаи ёрдамчии судя вогузор карда мешавад. Вазъи ҳуқуқӣ-мурофиавӣ ва ташкили-ҳуқуқии ёрдамчии судя бояд таҳия карда шавад.

Дар ин замина андешаҳои А.Л. Прокудинаро [9, с. 157] пайгирӣ намуда, пешниҳод менамоем, ки чунин гурӯҳи салоҳиятҳои мурофиавии ёрдамчии судя мавриди омӯзиш қарор дода шавад. Аз ҷумла,

1) ваколатҳои хусусияти мурофиавидошта, ки дар асоси қонунгузории мурофиавӣ амалӣ карда мешаванд, ба монанди, иштирок дар ҳалли масъалаҳои ба омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ алоқамандбуда ва иштирок дар ҳалли масъалаҳои ба муҳокимаи судӣ алоқамандидошта.

2) салоҳиятҳое, ки хусусияти мурофиавӣ надоранд, аммо барои ҳалли парванда ёридиҳанда мебошанд. Ба монанди, омӯзиши ҳама гуна муроҷиатҳо, ариза, шикоят ва даъвоҳои ба назди судя воридшаванда, (*Албатта дар ин маврид омӯзиши моҳиятани арзу шикоятҳо не балки аз руи тарзу тартиби қонунҳо пешбиникарда, ки иҷрои онҳо барои судя наонқадар дахлдор мебошанд вале риоя кардани онҳо аз тарафи шахсони муроҷиаткарда ва арзкунанда зарур мебошад. Масалан аз руи талаботи моддаи 134 Кодекси мурофиавии гражданӣ- **А.А.***) аз ҷумла пешниҳод намудани таклифҳо барои баррасии онҳо; иҷро намудани корҳои омодасозӣ ва таҳлилӣ бо санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, маводҳои оморӣ ва таҷрибаи судӣ ва монанди инҳо.

3) салоҳияти расонидани ёрии хусусияти техникидошта, ки ба фаъолияти мурофиавӣ алоқамандӣ надорад. Ба монанди тайёр намудани ҳисоботҳои оморӣ барои судя, тайёр намудани маълумот ва маводҳои зарурӣ барои иҷрои корҳои ҷамъбастии фаъолият, маърузакунӣ ва баромадкунӣ дар сохторҳои гуногуни ҷамъиятӣ ва монанди инҳо.

4) ваколатҳои назоратии ёрдамчии судя нисбат ба дигар кормандони дастгоҳи судӣ, ки дар якҷоягӣ кору фаъолият менамоянд. Ин ҳолат дар ташкил додани маводҳои парванда, сари вақт ба шахсони дахлдор ирсол намудани санадҳои судӣ, тартиб додан ва пур кардани шаклҳои аввалияи бақайдгирӣ, додани супоришҳо ба котиби маҷлиси судӣ ва монанди инҳоро номбар кардан мумкин аст.

Сеюмин, бояд Низомнома ва дастурамали мансабии ёрдамчии судя таҳия ва қабул карда шавад, ки дар он тамоми паҳлӯҳои фаъолияти кории ёрдамчии судя пешбинӣ карда шавад.

Тамоми ҳолати иброзгардида ба ҷараёни интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои судягӣ алоқамандии ногусастанӣ дорад. Дар ҳақиқат дар Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи судҳо

дар ҶТ» институти коромӯз-судя ворид шудааст ва ин иқдоми хуб дар бораи ба низоми мантиқӣ даровардани интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои судягӣ ба шумор меравад. Ҳатто, И.Т. Маҳмудов таъсиси институти коромӯз-судяро ба шумори «муҳимтарин дастовардҳои соҳа дар замони соҳибихтиёри давлатӣ» [7, с. 11] нисбат додааст, ки дар заминаи таҳлилу омӯзиши амиқи мушкилоти соҳа ба вуҷуд омадааст. Ба ақидаи муҳаққиқ ин ҳолат, пеш аз ҳама, дар «ба вуҷуд овардани дигаргуниҳои куллӣ дар тафаккур, шуури ҳуқуқӣ ва менталитети касбии худи судяҳо инъикос меебад» [7, с. 16]. Вале, муаммо дар он ниҳон аст, ки ҳангоми интихоби шахсон ба сифати коромӯз-судя, талаботҳо нисбати номзадҳо норавшан мебошад. Чунки ҳангоми қабул ба сифати коромӯз-судя, шахси номзад бояд ба чунин талаботҳо ҷавобгӯй бошад, доштани таҳсилоти олии ҳуқуқшиносӣ, дар сатҳи дахлдор донистани забони давлатӣ, доштани ҳадди ақал 3 сол собиқаи кории касбӣ ва гузаштан аз комиссияи имтиҳонотии Шӯрои адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Чуноне, ки мебинем яке аз талаботҳои пешбинишуда ин ҳади ақал таҷрибаи кории сесола мебошад. Таҷрибаи интихоб ва ҷобаҷогузории номзадҳо ба вазифаи коромӯз-судя аз он шаҳодат медиҳад, ки ба сифати номзад танҳо шахсонеро интихоб карда истодаанд, ки асосан таҷрибаи кории касбиро дар мақомоти судӣ пайдо кардаанд. (*Истисно аз инро, аввалин маротиба танҳо соли ҷори барои кормандони мақомоти прокуратура ва адлия нисбат дода шудааст, ки ин иқдоми беҳтар ва ояндабинии самаранок ба шумор меравад- А.А.*). Дар ин замина ба фаъолияти судҳо назар намоем, пас мебинем, ки дар дастгоҳи судии кишвари мо асосан ва аксаран (ба ғайр аз мансаби судягӣ) роҳбарони дастгоҳҳо, сардорони раёсатҳо, шӯъбаҳо, мудирони бахшҳо, ёрдамчиёни раисон, мушовирон, котибони суд, котибони маҷлиси судӣ, сармутахассисон, мутахассисони пешбар, мутахассисон ва приставҳои судӣ кору фаъолият менамоянд. Аз ин ҷо як чанд саволе ба миён меояд, ки чи гуна ин навъи номзадҳо метавонанд ба вазифаи коромӯз-судя интихоб карда шаванд, ки дар ҷараёни фаъолияти кориашон моҳиятан ба фаъолияти судягӣ ягон амали зарурири анҷом надодаанд? Оё онҳо салоҳияти ба зима гирифтани чунин вазифаи пурмасъулро доранд? Дар ин ҷода пешниҳод менамоем, ки имконият дода шавад то инки ба сифати коромӯз-судя ба ғайр аз кормандони номбаршуда ҳамзамон, шахсони таҷрибаи кори дар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дошта, шахсони дар ниҳодҳои ғайридавлатӣ кору фаъолияткунанда ва шахсоне, ки ба фаъолияти илмӣ, эъҷоди ва омӯзгорӣ машғӯл буда низ ҷалб карда шаванд.

Албатта, дар таҷриба иҷрои ғайрирасмии салоҳияти судяҳо аз ҷониби котиби маҷлиси судӣ мушоҳида мегардад, лекин ин асос барои эътироф намудани таҷрибаи кории касбии дар қонун пешбинигардида ба ҳисоб намеравад. Чунки ин фаъолиятро ягон навъ санҷиш ва мушоҳида карда намешавад ва он ба таҷрибаи ҳуқуқӣ умуман мувофиқ нест. Дар алоқамандӣ ба ин вазъият, Х.М. Ғафуров оид ба таъсиррасонӣ ва риояи принципи қонуният дар фаъолияти судҳо ибрози назар намуда, қайд менамояд, ки «Судҳо вазъи ҳуқуқии худро дар амал татбиқ намуда, меъёрҳои ҳуқуқии чи мурофиавӣ ва чи моддиро бояд дуруст маънидод намуда, онҳоро бемайлон риоя намоянд. Баромадан аз талаботҳои мазкур на инки ба обрую эътибори ҳокимияти судӣ рахна мезанад, ҳатто дар мустаҳкам намудани қонуният латна ворид месозад». [13, с. 80] Муҳаққиқ доир ба муҳим будани иҷрои вазифаҳои судягӣ бевосита аз ҷониби худи судя қайд менамояд, ки баръакс амалӣ гаштани ин ҳолат, яъне аз ҷониби дигар субъектон иҷро гардидани чунин вазифаи пурмасъул, ба амали принсипи қонуният мухолифати ҷиддӣ менамояд.

Аз ин ру, дар ин ҷода ба андешаи мо танҳо воқеан созмон додани вазифаи ёрдамчии судя мувофиқи мақсад мебошад. Амалигардонии иқдоми мазкур имконият медиҳад, ки ба сифати як навъ тавозун, миёни вазифаи судягӣ ва талаботҳои нисбати ин вазифа пешбини-

мешуда, баромад намояд. Ҳамзамон ҷорӣ намудани вазифаи ёрдамчии судя як навъ пурасозии холигӣ дар талаботи пешбининамудаи қонун, ки **таҷрибаи кории касбӣ** мебошад, баромад намуда, тамоми шубҳаҳои иҷрои касбии вазифаҳои дар оянда ба зиммаашон гузошташавандаро инкор менамояд. Ҳамин тариқ, вазифаи ёрдамчии судя бояд мутобиқан бо санади махсуси танзимкунандаи фаъолияти хизматӣ дар намуди дастурамали хизматӣ, оид ба талаботҳои номзад ва доираи салоҳияти он бошад дар Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи судҳо дар ҶТ» ва Кодексҳои мурофиавии ҷиноятӣ, мурофиавии граждани, мурофиаи маъмурӣ ва мурофиаи судии иқтисодӣ тағйиру иловаҳои зарурӣ ворид карда шавад.

**Адабиёт:**

1. Барономаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳури Тоҷикистон барои солҳои 2011-2013: натиҷаҳои пешакӣ ва иқдомҳои минбаъда. Душанбе. 2013.
2. Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2017. Фармони Президенти ҶТ аз 5.01.2015 №327.
3. Ковтун Н.Н. Судебно-правовая реформа требует, прежде всего, определенности в терминах // Вестник Нижегородской академии МВД России, 2010, №1 (12).
4. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 26 июли соли 2014 № 1084 / Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ, соли 2014, № 7 (қисми 1), моддаи 380
5. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 майи соли 2014 таҳти №284
6. Маърузаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2012. Душанбе. ҶДММ «Контраст», 2013.
7. Маҳмудов И.Т. Ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон – тақозои замон // Такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқи инсон. (Маводҳои конфронси илмӣ-назариявӣ бахшида ба 30-умин солгарди қабули Конвенсияи СММ оид ба зидди шиканҷа ва дигар муносибатҳои ғайриинсонӣ) / Зери таҳ. н.и.ҳ. Сафаров Б.А., ва Диноршоев А.М. Душанбе. Ирфон. 2015.
8. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23.04.2014 12:53 ш. Душанбе. / http://www.president.tj/node/8136 (таърихи муроҷиат 1.05.2015 сол).
9. Прокудина Л.А. Институт помощника судьи в России (современный статус) // Международное право и международные организации. Обзор научно-исследовательского проекта «Международное частное право России, Франции и Европейского Союза: новые горизонты для совместного правосудия», реализованного совместно факультетом права Национального исследовательского университета «Высшая школа экономики» и Школой права Университета Париж, Пантеон-Сорбонна. М.: Изд. «НБ-Медиа», 2014, №1.
10. Сулейманова Г.Ж. Судебная реформа в Республике Казахстан: обзор основных этапов. Алматы. 2010.
11. Фармони Президенти ҶТ аз 5 январи соли 2015 таҳти №327, «Оид ба тасдиқи Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар ҶТ барои солҳои 2015-2017».
12. Хоҷаева Н.Б. Аҳамияти барномаҳои ислоҳоти судӣ-хуқуқӣ дар ташаккулёбии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ислоҳоти судӣ дар Тоҷикистон: мушкилот ва роҳҳои ҳалли он (Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ аз 26.12.2013). Зери назари Маҳмудов И.Т. Душанбе, «Сино», 2014.
13. Ғафуров Х.М. Судебная система: понятие и принципы организации и деятельности // Давлат ва ҳуқуқ. Маҷаллаи илмию амалӣ. 2005. №4.

# ВОПРОСЫ КОНСТИТУЦИОНОГО ЗАКРЕПЛЕНИЯ ПРАВА НА ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКУЮ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ В КОНСТИТУЦИИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН 1994 ГОДА

**ДиноршоевА. М.,**
заведующий кафедрой конституционного права юридического факультетаТаджикского национального университета, доктор юридических наук.
e-mail: dinorshoev@gmail.com

**Салохидинова С. М.,**
ассистент кафедры конституционного права юридического факультета Таджикского национального университета.
e-mail: simo_s@mail.ru

**Научная специальность**: 12.00.02 – конституционное право; конституционный судебный процесс; муниципальное право

*Аннотация:* Вданной статье авторы изучают вопросы конституционного закрепления права на предпринимательскую деятельность в Конституции Республики Таджикистан. На основе изучения теоритических материалов и правоприменительной практики авторами предлагается включение в текст Конституции Республики Таджикистан дополнение в статью 32 и закрепить право на предпринимательскую деятельность в качестве самостоятельного субъективного права.

*Ключевые слова:* Конституция, право на предпринимательскую деятельность, изменения и дополнения, права человека.

# ISSUES OF CONSTITUTIONAL ENSHRINEMENT OF THE RIGHT TO ENTREPRENEURIAL ACTIVITY IN THE CONSTITUTION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN 1994

**Dinorshoev A. M.,**
Head of the Department of Constitutional Law of the Law Faculty, Tajik National University, Doctor of Legal Sciences, Professor
e-mail: dinorshoev@gmail.com

**Salokhidinova S. M.,**
Junior lecturer of the Department of Constitutional law of the Law Faculty, Tajik National University
e-mail: simo_s@mail.ru

**Scientific specialty**: 12.00.02 – constitutional law; constitutional proceedings; municipal law

*Annotation*: The issues of constitutional enshrinement of the right to entrepreneurial activity in the Constitution of the Republic of Tajikistan are examined in this article. Based on the study of materials of the theory and law enforcement practices, the authors propose to include the right to entrepreneurial activity to the Article 32 of the Constitution of the Republic of Tajikistan.

*Keywords*: the Constitution, the right to entrepreneurial activity, amendments and addenda, human rights.

В Республике Таджикистан при формировании системы прав и свобод человека и гражданина была сформирована новая концепция прав человека, базирующаяся на основных принципах и нормах международно-правовых актов по правам человека. Процесс формирования данной концепции имеет много схожего с теми концепциями, которые разрабатывались и внедрялись в постсоветских государствах. Так, Республика Таджикистан, будучи частью мирового сообщества, отразила в своей Конституции приоритет прав человека. В Конституции Республики Таджикистан правам человека отводится особое место, что подчеркнуто в ст. 5: «Человек, его права и свободы являются высшей ценностью».

Права и свободы человека и гражданина конкретизированы в главе 2 Конституции Республики Таджикистан. Важнейшей функцией Конституции РТ является закрепление прав и свобод человека и гражданина, а также тех начал, на основе которых они должны реализовываться в жизни.

При этом ст. 14 Конституции закрепляет, что права и свободы человека и гражданина регулируются и охраняются Конституцией, законами республики, признанными Таджикистаном международно-правовыми актами. Статья 10 Конституции устанавливает, что международно-правовые акты, признанные Таджикистаном, являются составной частью правовой системы республики. В случае несоответствия законов республики признанным международно-правовым актам применяются нормы международно-правовых актов.

Данные положения Конституции Республики Таджикистан отражают две основные тенденции, которые присущи конституциям нового поколения: во-первых – усиливающееся влияние глобализации и интернационализация современного мира на различные положения конституций государства, а во-вторых – повышение роли общепризнанных принципов и норм международного права.

Статья 5 Конституции Республики Таджикистан гласит: «Человек, его права и свободы являются высшей ценностью. Жизнь, честь, достоинство и другие естественные права человека неприкосновенны. Права и свободы человека и гражданина признаются, соблюдаются и защищаются государством». Этой нормой Конституции определяется роль и место прав человека в системе государственности, определяя основные направления в деятельности государственных органов.

Согласно ч. 2 ст. 14 «права и свободы человека и гражданина осуществляются непосредственно». Тем самым Конституция признает основные права как существующие независимо от конкретного законодательства естественные права человека и гражданина. Эти положения далее раскрываются в главе 2 Конституции страны, которая полностью посвящена правам, свободам и основным обязанностям человека и гражданина. В ст.ст. 14–47 Конституции РТ 1994 г. права и свободы «позитивированы». Это означает, что им придана форма прямо действующей нормы права.

Значимость конституционно закрепленных прав и свобод выражается в том, что именно их реализация необходима для претворения в жизнь сущностных свойств государства как демократического и правового. Конституционные права и свободы человека и гражданина можно определить, как закрепленную и гарантированную Конституцией РТ возможность человека и гражданина пользоваться различными социальными благами для удовлетворения своих потребностей.

При рассмотрении закрепления прав и свобод человека и гражданина в Конституции Республики Таджикистан также считаем необходимым остановиться на вопросе совершенствования его положений. С момента принятия Конституции Республики Таджикистан минуло более двадцать лет, и за это время возникло множество

новых прав человека, которые требуют конституционного закрепления.

Так, в Конституции РТ отсутствует конкретная норма, в которой непосредственно говорилось бы о «праве на предпринимательскую деятельность». Данное право получило законодательную формулировку как «свобода предпринимательской деятельности», которая закреплена в статье 12 Конституции Республики Таджикистан, структурно расположенная в главе 1 и посвященная основам конституционного строя.

Касательно конституционного закрепления данного права, на сегодняшний день в отечественной юридической науке сложились две диаметральные дискуссионные позиции и подходы к характеристике права на предпринимательскую деятельность.

Первая группа ученых, анализируя конституционное закрепление предпринимательской деятельности, указывают на отсутствие самостоятельной нормы, регулирующей субъективное право индивида на осуществление предпринимательской деятельности. Так, А. И. Имомов, используя дефиницию «право на предпринимательскую деятельность», указывает на отсутствие в Конституции Республики Таджикистан конкретной нормы, закрепляющей данное право [3, с. 118]. М. З. Рахимов также употребляет дефиницию «право на предпринимательскую деятельность» и пишет о недостатке в Конституции Республики Таджикистан, так как наличие в нем права на предпринимательскую деятельность подвергается сомнению [7, с. 88].

Вторая группа ученых утверждает о конституционном закреплении права на предпринимательскую деятельность, косвенно вытекающем из конституционно гарантированной свободы предпринимательской деятельности. Так, авторы учебного пособия «Права человека» характеризируют свободу предпринимательской деятельности как «право на свободную предпринимательскую деятельность и других видов экономической деятельности, незапрещенных законом» [6, с. 186].

Проанализировав изложенные точки зрения отечественных ученых, мы пришли к выводу, что они рассматривают вопросы конституционного закрепления односторонне и не в полном объеме. На наш взгляд, невозможно рассматривать конституционное содержание права на предпринимательскую деятельность в отрыве от свободы предпринимательской деятельности, в тоже самое время нельзя и отождествлять эти два понятия. В этой связи для определения конституционного содержания права на предпринимательскую деятельность считаем необходимым раскрыть понятие категорий «свобода предпринимательской деятельности» и «права на предпринимательскую деятельность».

Как было отмечено, право на предпринимательскую деятельность вытекает из содержания гарантированной Конституцией «свободы предпринимательской деятельности», которая наряду со свободой экономической деятельности и признанием права частной собственности является основой для становления и развития рыночных отношений. Данная конституционная норма закладывает основу для занятия предпринимательской деятельностью, дает каждому возможность реализовать себя в экономической сфере, также способствует становлению и развитию экономических отношений в обществе.

Отсутствие в Конституции Республики Таджикистан прямого закрепления права на предпринимательскую деятельность как субъективного права не умаляет факта существования предпринимательской деятельности. Однако содержание свободы предпринимательской деятельности является достаточно широким. Оно включает в себя любую деятельность, направленную на экономическую сферу, свободное принятие решений об использовании капитала или средств производства, также организацию предпринимательской деятельности в рамках форм, предусмотренных правом. Также в содержание данной свободы входит свободный выбор деловых связей. Предприниматель свободно решает, где и от кого он желает получить

товары или услуги и где и кому предложить собственную продукцию [1, с. 175].

Таким образом, конституционная формулировка предпринимательской деятельности, исходя из выше изложенного, дает более широкую трактовку предпринимательской деятельности, закрепив ее в качестве свободы человека в экономической сфере. Свобода предпринимательской деятельности означает, что каждый человек свободен в распоряжении своими способностями и навыками и может заниматься незапрещенными законом видами деятельности. Гарантируя свободу предпринимательской деятельности, государство делает акцент на самостоятельности его субъектов, обеспечивая данную свободу, прежде всего, невмешательством в эту сферу. В данном случае государство выступает в роли контролера за соблюдением данной свободы. Следовательно, свобода предпринимательской деятельности подразумевает самостоятельность ее субъектов, которая выражается в их способности делать собственный выбор и действовать в рамках своих интересов и целей.

Когда же речь идет о праве на предпринимательскую деятельность, государство должно создавать условия для реализации данного права, а также минимизировать неблагоприятные последствия своего вмешательства в сферу интересов субъектов предпринимательской деятельности.

Отождествление свободы предпринимательской деятельности и права на предпринимательскую деятельность не учитывает того, что субъективное право, прежде всего, есть мера возможного поведения, возлагающая на государство обязанность создавать определенные условия для реализации предоставленных прав, тогда как свобода лишь обязывает государства не вмешиваться в эту сферу. Если исходить из того, что предпринимательская деятельность зависима от государственной поддержки, нуждается в создании определенных условий для ее осуществления, в этом смысле вряд ли справедливо отождествлять «свободу предпринимательской деятельности» как принцип, основу конституционного строя и «право на предпринимательскую деятельность» как субъективное право.

В. И. Крусс в этой связи вполне обоснованно отмечает, что категорию экономической свободы в науке права можно использовать как родовую конкретизацию свободы человека в конституционном демократическом государстве. Но, на его взгляд, не оправдано характеризовать свободу экономической деятельности как конституционное право предпринимателя. По мнению указанного автора, если в отношении политических и личных (гражданских) полномочий взаимозаменяемость терминов «свобода» и «право» оказывается вполне приемлемой, то в сфере экономической – –это далеко не так. Тем более это касается экономических полномочий конституционного уровня [4, с. 94, 106, 107].

Далее он, основываясь на конституционной доктрине зарубежных стран и на суждениях Г. А. Гаджиева, отмечает, что «принцип экономической деятельности можно определить как ценности, характеризующие социально-экономическую систему, основные условия экономической и политической демократии. Право на предпринимательскую деятельность следует понимать как одно из равноценных правомочий конституционного статуса личности, предметную форму конкретизации понятия экономической свободы» [4, с. 106].

В этом контексте следует сказать, что деятельность производителей всегда ограничена определенными рамками, как правовыми, так и экономическими. Экономические рамки вытекают из самой сути предпринимательской деятельности, они зависят от вида осуществляемой деятельности и в большей степени устанавливаются законами рынка. В свою очередь, правовые рамки устанавливаются государством и необходимы в целях сочетания частных и публичных интересов в правовом регулировании предпринимательских отношений, достижения компромисса между производителями и обществом. Поэтому гарантированная Конституцией свобода предпринимательской деятельности может остаться не полной, поскольку она

лишь закладывает предпосылки, условия для занятия предпринимательской деятельностью и, как уже было отмечено, совместно со свободой экономической деятельности определяет содержание, основные начала правового регулирования экономических отношений и принципы функционирования рыночной экономики.

Такая точка зрения, как было указано выше, нередко встречается и в отечественной правовой науке. Так, М. З. Рахимов отмечает, что Конституция Республики Таджикистан, провозглашая и гарантируя свободу предпринимательской и экономический деятельности, в то же время не закрепляет его в качестве самостоятельного социально-экономического права. По мнению указанного автора, данный факт является пробелом, поскольку конституционные гарантии предпринимательской деятельности без предоставления конкретных прав и свобод в основном законе становятся неполными [7, с. 88].

Для понимания необходимости конституционного закрепления права на предпринимательскую деятельность как субъективного права необходимо рассмотреть закрепление данного права в конституциях зарубежных стран, поскольку изучение передового опыта других стран способствует совершенствованию национального законодательства.

Гузаронидани ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар малакат, мукаммал гардонидани низоми судӣ ва устувор гардонидани мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ имкон дод бисёр чораҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, ташкилӣ ба таври фаъол амалӣ карда шаванд. Яке аз самтҳои муҳимми ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба тариқи пурра ва беғаразона амалӣ намудани истеҳсолоти экспертизаи судӣ ба шумор меравад. Бо мақсади дар амал татбиқ намудани ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд инчунин таъмин намудани принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ дар раванди тафтиши ҷиноят донишҳои махсус истифода бурда мешаванд.

Суд, прокурор, муфаттиш, таҳқиқбаранда вазифадоранд ҳуқуқу озодиҳои шахсро, ки дар мурофиаи судии ҷиноятӣ иштирок мекунанд, ҳимоя намуда, ҷиҳати татбиқи онҳо шароит фароҳам оваранд, барои қонеъ намудани талаботи қонунии иштирокчиёни мурофиаи судӣ сари вақт чораҳо андешанд. Бо ин максад дар раванди тафтиши ҷиноятҳо муқобили шахсият, тартиботи ҷамъиятӣ аз тарафи муфаттиш, прокурор ва судя экспертизаи судӣ-тиббӣ таъин карда мешавад.

Экспертизаи судӣ-тиббии одамони зинда дар мавридҳои зерин гузаронида мешаванд: барои муқарраркунии дараҷаи зарари ба саломатӣ расонидашуда, аз даст додани қобилияти меҳнатӣ, ҳангоми тафтиши ҷиноятҳои ҷинсӣ барои муайянкунии ҳолатҳои ҷинсӣ, муқарракунии механизмҳои расонидани зарар ба саломатӣ, муайянкунии расонидани зарар ба саломатӣ, муқарраркунии олоти расонидани зарар ба саломатӣ, аггравация, ки ба таври сунъӣ нишон додани беморӣ, худзараррасонӣ (худмаъюбкунӣ), муайянкунии синну сол, шабоҳати шахсият ва ғ.

Оқибатҳои ҷинояти барои ҳаёт ва саломати хатарнок метавонанд зарарҳои физиологӣ, беморӣ ва ҳолатҳои ғайритабиӣ бошанд. Чунин зарарҳои ҷисмони барои ҳаёт хатарноканд:

а) зарарҳое, ки аз рӯйи хислаташон метавонанд барои ҳаёти ҷабрдида бо оқибатҳои сар задани марг (ҷароҳатҳои ба косахонаи сар воридшуда, фишоровари ба мағзи сар, ҷароҳатҳои гулӯ, ҳалқ, нойи нафасҳо, сурхрӯда ва ғ.) хатар эҷод мекунанд;

б) зарарҳое, ки ба ҳаёт хатарҳоро бармеангезанд ва пайдоиши онҳо хусусияти тасодуфӣ надоранд.

Ҳолатҳои мазкур ба ҳаёти ҷабрдида хатарнок ҳисоб мешаванд, ки чорабиниҳои зиёд ва интенсивии терапевтиро талаб карда оқибати фавтро ба бор оварда метавонанд. Зарари ба ҳаёт ва саломатии хатарнок, ки оқибатҳои вазнин доранд ба монанди аз даст додани биноӣ, нутқ, узвҳои бадан ва ғ: [5.с.154]

-аз даст додани биноӣ-кӯршвии пурраи абадии ҳар ду чашм ё пастшавии биноӣ то ҳисоби ангуштони даст ба масофаи 2 м ва камтар (тезбинии биниш 0,04 ва камтар);

-аз даст додани шунавоӣ – ин карии устувори пурра ё пастшавии ҳисси шунавоӣ, вақте ки ҷабрдида суханрониро дар масофаи 3-5 м аз суфраи гӯш намешунавад;

-аз даст додани нутқ -ин аз дастдиҳии қобилияти баён кардани фикри худ бо овозҳои узвтақсимкунандаи барои атрофиён фаҳмо, ё аз даст додани овоз, ё аздастдиҳии анатомии забон ба ҳисоб меравад;

- аз дастдиҳии узви бадан ё аздастдиҳии фаъолияти узв аз даст додани даст ё панҷаи даст, пой ва панҷаи пой, ҷароҳат бардоштани узвҳои таносул ё аз даст додани як тухмдон фаҳмида мешавад. Аз даст додани панҷаҳои даст ё пой аз дастдиҳии устувори қобилияти меҳнатии зиёда аз сеякро ба бор меорад, аз ин рӯ ҳамин аломат инчунин ба зарари вазнини физиологӣ тааллуқ доранд.

Расонидани зарари вазнини физиологӣ метавонад ба парешонҳолии рӯҳӣ, нашъамандӣ (майли доимӣ ба қабули маводи нашъадор ба миқдори боз ҳам зиёдтар), токсикомания (ба таври системавӣ суиистифода кардан аз буғҳои бензин, атсетон, ва ғ.) оварда расонад.

Зарари вазнини физиологӣ қатъкунии ҳомиладорӣ новобаста аз муҳлати он. Дар ин ҷо муқаррар кардан муҳим аст, ки қатъкуни ҳомиладорӣ бо расидани зарари ҷисмонӣ асоснок мегардад, ки он набояд бо хусусиятҳои организм ё бемории шахсияти ҷабрдида алоқаманд бошад.

Экспертизаи судӣ-тиббӣ аз ҷониби коршиноси судӣ-тиббӣ бо роҳи гузаронидани ташхиси тиббии ҷабрдида ба роҳ монда мешавад. Истеҳсолоти экспертизаи судӣ-тиббӣ бе ташхиси ҷабрдида дар ҳолатҳои истисноӣ, дар вақти набудани имконият барои гузаронидани он ва ҳангоми мавҷудияти ҳуҷҷатҳои тиббие, ки маълумотҳои лозимаро барои истеҳсолоти экспертиза дар бар мегирад, иҷозат дода мешавад.

Экспертизаи судӣ-тиббии аздастдиҳии қобилияти меҳнатӣ дар ҳолатҳои муваққатан аз дастдиҳӣ таъйин мегардад, ки аз тарафи духтури табобаткунанда ё комиссияи экспертии тиббӣ-меҳнатӣ (КЭТМ) ё мутахассисони Маркази экспертизаи судӣ-тиббии Вазорати тандурустӣ муайян карда мешавад.

Экспертизаи судӣ-тиббии шахсони зинда масъалаҳоеро ҳал менамояд, ки бо вазнинии зарари расонидашуда ба саломатӣ алоқаманд мебошанд. Дар адабиётҳо номгӯйи эҳтимолии саволҳо оварда шудаанд:

- ҷабрдида дорои кадом зарарҳо мебошад;

- хусусият, андоза, вақт ва бартарафкунии онҳо чӣ гуна мебошад;

- сохти ашё (олот, силоҳ) -и зараррасонанда чӣ гуна аст; оё расонидани зарар бо ашёи мушаххас (бо олот, бо силоҳ) мумкин аст;

-механизми ташаккули зарарҳо (навъи таъсиррасонии ҷароҳатбор) чӣ гуна мебошад;

-самти амали қувваи ҷароҳатафзо, ки аз он зарар ба ҷабрдида расидааст, чӣ хел аст;

- мавқеи ҷойгиршавии ҷабрдида ва ҳуҷумкунанда дар лаҳзаи расонидани зарар чӣ гуна буд;

-оё ин зарар метавонист аз тарафи худи ҷабрдида расонида шавад;

- вазнинии зарар ба саломатӣ чӣ гуна аст. [3.с.512]

Экспертизаи судӣ-тиббӣ инчунин ҳангоми мукарраркунии ҳолатҳои ҷинсӣ ва дар вақти тафтиши ҷиноятҳои ҷинсӣ гузаронида мешавад.

Экспертизаи ҳолатҳои ҷинсӣ бо муайянкунии ҷинсияти воқеӣ, камолоти ҷинсӣ, ҳомиладории пешина ё ҷорӣ, таваллуди пешина, қобилиятҳои ҷинсӣ алоқаманд мебошад.

Экспертиза ҳамеша ба таври комиссионӣ (бо иштироки табибони бемористон) дар шароитҳои статсионарӣ гузаронида мешавад. Ҷинси генетикӣ бо роҳи муқарраркунии бастаи хромосомае, ки ба ҷинси мушаххас хос мебошад, муайян карда мешавад. Дар занон он аз ду хромосомаҳои ҷинсии XX, дар мардон-аз ду хоромосомаҳои ҷинсии XY иборат мебошад.

Балоғат бо рушди ҷисмонии организм асоснок шуда, аз он шаҳодат медиҳад, ки вазифаи асосии ҷинсии одам (ҳамхобагӣ, ҳомиладоршавӣ ва ғ.) ҳамчун амали муътадили физиологӣ амалӣ мегарданд.

Ҳангоми муайянкунии балоғат таваҷҷуҳ ба инҳо равона мегардад: дар мардон-ба рушди умумии ҷисмонии организм, ба ҳолати аломатҳои дуюмини ҷинсӣ, инкишофи олоти таносул, имконияти нууз (рост(таранг) шудани ягон узв); дар занон-ба ҳолати узвҳои беруна ва дохилаи ҷинсӣ, инкишофи аломатҳои дуюмини ҷинсӣ, мавҷудияти ҳайз, андозаи устухонҳои кос ва ғ. Ҳангоми муқарраркунии балоғат хулосаи экспертӣ бояд мушаххас ва қатъӣ бошад.

Ҳангоми тафтиши ҷиноятҳои ҷинсӣ (амалҳои бадахлоқона нисбати хурдсолон, алоқаи ҷинсӣ бо ноболиғон, таҷовуз) муайянкунии дахлнопазирӣ (бакорат ва аломатҳои муносибатҳои пештараи ҷинсӣ) аҳамияти калон дорад.

Дар ҳолатҳои таҷовуз дар назди коршиносон метавон чунин саволҳоро гузошт:

- оё пардаи бакорати ҷабрдида даронда шудааст, вақти мурур ва тарзи вайронкунии он (бо олоти ҷинсии мардона, ангуштон, бо дигар ашё);

- оё сохтори пардаи бакорати ҷабрдида амалӣ кардани алоқаи ҷинсиро бидуни вайронкунии он имкон медиҳад;

-оё дар роҳҳои ҷинсӣ, дар қисмати рӯдаи рост, дар бадан, либос боқимонаҳои нутфа, хун (мансубияти гурӯҳии онҳо) мавҷуд мебошад;

- оё дар бадан, либоси айбдоршаванда нишонаҳои хун, мӯй, муҳтавои маҳбалӣ (мансубияти гурӯҳии онҳо) мавҷуд аст;

- оё дар қисмати узвҳои таносули айбдоршаванда нишонаҳои хун, пардаи маҳбал мавҷуд мебошанд, ки ба таври воқеӣ далели воридсозии узви таносулро ба узви таносули ҷабрдида тасдиқ мекунад;

- оё дар бадани айбдоршаванда ягон хел нуқсон, хусусият, пайдоиши онҳо мавҷуд мебошад;

-оё ягон нафар аз ташхисшавандаҳо (ҷабрдида,) ба бемориҳои зухравӣ (муҳлати оғози бемори кадом аст) гирифтор нест;

- оё ҷабрдида ҳомиладор нест; агар ҳа, пас муҳлати ҳомиладорӣ кадом аст;

- оё нишонаҳое, ки ба кӯшиши ба таври сунъӣ қатъкунии ҳомиладорӣ далолат мекунанд, мавҷуд мебошад;

- алоқаи ҷинсӣ бо ҷабрдида ба кадом оқибатҳо барои саломатӣ оварда расонд;

- оё ҷабрдида исқоти ҳамл карда буд, агар ҳа, пас бо кадом роҳ;

-оё нишонаҳое мавҷуданд, ки ба алоқаи ҷинсӣ дар шакли бадахлоқона ишора кунанд;

-дар ҷабрдида чӣ хел зарар мавҷуд мебошад. [3.с.512]

Аз саволҳои бешумори хусусияти биологӣ доштаи экспертизаи судӣ-тиббӣ саволҳои бевосита бо фаъолияти ҳаётӣ ва олоти огранизми одам (ташхиси хун, он қисмати ҷудошудаи узви инсон ва ғ.) алоқаманд ҳал карда мешаванд.

Ҳангоми таҷовуз дар назди экспертизаи судӣ-тиббӣ метавон чуниин саволҳоро гузошт:

- оё дар маҳбали ҷабрдида нутфа мавҷуд ҳаст, агар ҳа, пас мансубияти ҷинсии он чӣ гуна аст;

- нутфа ба як ё якчанд нафар тааллуқ дорад;

- оё дар бадан ё зери нохуни ҷабрдида қисматҳои бадани дигар шахс (мӯйҳо, порчаҳои пӯст, хун дар зери нохунҳо ва ғ.) мавҷуд мебошад, агар ҳа, пас оё он ба айбдоршаванда тааллуқ дорад;

- оё дар бадан ё зери нохуни ҷабрдида қисматҳои бадани дигар шахс (мӯйҳо, хун ва ғ.) мавҷуд мебошад; агар ҳа, пас он ба ҷабрдида тааллуқ дорад.

Имрӯз усулҳое коркард шудаанд, ки имконияти муайнякунии таркиботи гурӯҳии нутфаро ҳатто аз рӯйи ҳуҷайраи нутфа пешбинӣ менамоянд. Ташхиси нутфаи маҳлул имкон медиҳад, ки қобилияти шахсро барои ҳомиладоршавӣ (ҳангоми кандани никоҳ, парвандаҳо дар бораи алиментҳо ва ғ.) муқаррар карда шавад.

Экспертизаи судӣ-тиббии фаъолияти табобатӣ ба таври комиссионӣ аз тарафи табибони баландихтисос (ҷарроҳон, духтурони амрози даруна, рӯҳшиносон, табибони судӣ ва ғ.) гузаронида мешавад. Тамоми ҳуҷҷатҳои тиббӣ (таърихи беморӣ, варақаҳои амбулаторӣ ва ғ.) ба коршиносон дар

нусхаи аслиашон пешниҳод карда мешаванд. Дар муассисаҳои табобатӣ нусхаи ин ҳуҷҷатҳо нигоҳ дошта мешаванд.

Барои ҳалли экспертизаҳо метавон чунин саволҳоро гузошт:

- оё ба бемор сари вақт ёрии тиббӣ расонида шуд;

-агар не, пас кадом оқибатҳои манфиро он ба бор овард;

-оё алоқаи сабабӣ байни табобати ноқис ва оқибати манфӣ (марг, маъюбӣ ва ғ.) мавҷуд мебошад;

-имконияти наҷоти ҳаёти бемор (роҳ надодан ба маъюбӣ) ҳангоми табобати дуруст ва саривақтӣ чӣ қадар буд.

Экспертизаи амбулатории судӣ-рӯҳӣ (психиатрӣ) бо кӯтоҳӣ ва фаврият фарқ мекунад. Камбудии он маҳдудияти имконияти ташхис ва назорат мебошад. Дар ҷараёни экспертизаи амбулаторӣ, ҳангоми муоинаи шахси рӯҳан солим, ки дар ҳолати мастшавии одии машруботӣ, дар ҳолати рӯҳафтодагии кӯтоҳмуддати фаъолияти рӯҳӣ дар лаҳзаи содиркунии ҷиноят содир намудааст, метавонад қарори ниҳоӣ қабул карда шавад.

Дар чунин ташхис эхтимоли ба миён омадани хатогӣ мавҷуд аст, аз ин рӯ дар тамоми ҳолатҳои шубҳаовар фиристодани шахс ба экспертизаи такрории амбулаторӣ зарур аст, ки имконияти баровардани хулосаи нисбатан саҳеҳ ва асоснокро таъмин менамояд.

Ҳангоми экспертизаи статсионарӣ озмоишшаванда зери назорати табибон, кормандони хурд ва миёнаи тиббӣ қарор мегирад. Аз ин рӯ, хулосаҳо дар бораи ҳолати рӯҳӣ, хусусиятҳои шахсӣ (мизоҷ, хислат ва ғ.) нисбатан воқеъбинона мешаванд. Экспертизаи статсионарӣ инчунин дар вақти мушкилиҳои ташхиси дифференсиалӣ ва муайянкунии дараҷаи (вазнинии) тағйироти рӯҳӣ, пастшавии зеҳният, ҳангоми зарурати ташхисҳои лабораторӣ ва ғайра гузаронида мешавад. Ташхиси статсионарӣ набояд аз 30 рӯз зиёдтар идома ёбад. Масъала дар бораи идома додани мӯҳлати он аз тарафи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҳал мегардад. [1.с.20]

Экспертизаи статсионарии шоҳид ё ҷабрдида метавонад танҳо бо розигии онҳо, ба истисноӣ ҳодисаҳое, ки бистарикунонии тиббии бемор ҳатмӣ мебошад ё агар шахси дахлдор дар ҳабс аз рӯйи дигар парвандаи ҷиноятӣ қарор дошта бошад, гузаронида мешавад.

Экспертизаи судӣ-рӯҳӣ яке аз намудҳои экспертзаҳое ба шуммор меравад ки дар раванди тафтиши ҷиноятҳо муқобили ҳаёт ва саломатӣ бештар таъин карда мешаванд.

Дар назди экспертӣ судӣ-рӯҳӣ (психиатрӣ) чунин саволҳоро гузоштан мумкин аст:

- оё шахси ташхисшаванда ба беморҳои рӯҳӣ гирифтор мебошад;

- агар ҳа, пас маҳз бо кадом беморӣ;

- оё вай метавонист амалҳои худро (идоракунии он) ҳангоми содир кардани кирдорҳои ҷиноӣ дарк кунад;

- оё шахси ташхисшаванда айни замон рӯҳан бемор аст ва оё вай ба истифодаи чораҳои хусусияти тиббӣ дошта эҳтиёҷ дорад;

- оё (даъвогар, ҷавобгар, шоҳид, айбдоршаванда, ҷабрдида) бо ҳолати рӯҳии худ вазъиятеро дуруст қабул карда метавонад, ки барои парванда аҳамият дошта, дар бораи онҳо ба таври дуруст нишондодҳои саҳеҳ диҳад;

- оё вай (даъвогар, ҷавобгар, шоҳид, айбдоршаванда, ҷабрдида) майли ғайритабииро нисбати хаёлпарастӣ ошкор менамояд;

-оё ҷабрдида метавонист хусусият ва аҳамияти амалҳои зиддиҳуқуқии нисбати ӯ содиршавандаро дарк намояд;

- оё ҷабрдида метавонист бо ҳолати рӯҳии худ дар вазъияти ҷиноятӣ муқобилият нишон диҳад;

- аз рӯйи ҳолати рӯҳии худ дар айни замон шахси ташхисшаванда (даъвогар, ҷавобгар, шоҳид, айбдоршаванда, ҷабрдида) метавонад дар гузаронидани амалҳои судӣ-тафтишӣ иштирок намояд.[6.с.14]

Мавзӯи экспертизаи судӣ-психологӣ (ЭСП) ҳамагуна хусусиятҳои психологии одами рӯҳан солим буда метавонанд. Ба сифати объекти экспертизаи судӣ-психологӣ одами зинда баромад мекунад. Вале таҷрибаи судӣ-тафтишӣ ҳолатҳои гузаронидани экспертизаи судро дар баъзе мавридҳо бе

иштироки одам пешбини мекунад, масалан, вақте ки вай то суд вафот мекунад ва ё аз рӯи механизми содиршавии ҷиноят. Экспертизаи пас аз марг танҳо аз рӯйи маводи парванда (протоколҳои пурсишҳо, мактуб, рӯзнома, ёддоштҳо, сабтҳои магнитофонӣ ва видеоӣ ва ғ.) амалӣ мегардад.

Экспертизаи судӣ-рӯҳи (психологӣ) вобаста аз вазъи ҳуқуқии шахси ташхисшаванда ва саволҳои баррасишаванда тасниф мешавад. Мавқеи мурофиавии озмоишшаванда имкон медиҳад, ки экспертизаи судӣ-рӯҳии шоҳид, ҷабрдида, гумонбаршуда ва айбдоршаванда ҷудо карда шаванд. Саволҳои аз тарафи экспертизаи судӣ-рӯҳӣ (психологӣ) ҳалшаванда, имкон медиҳанд, ки онҳо аз рӯйи самтнокӣ ба система даровварда шаванд: таҳқиқоти экспертии ҷараёнии рӯҳӣ (хусусияти хоси идрок, хотира, тафаккур, тасаввурот ва ғ.), ҳолатҳои рӯҳӣ (маърифатӣ, иродавӣ ва ғ.), хусусиятҳои рӯҳӣ (мизоҷ, хислат, қобилиятнокӣ ва ғ.).

Навъҳои мухимтарини экспертизаи судӣ-рӯҳӣ (психологӣ)- экспертизаи судӣ-рӯҳии ноболиғон ва экспертизаии судӣ-рӯҳии шахсони ба балоғат расида (болиғон) барои муқарраркунии ҳусусиятҳои хоси зуҳуроти рӯҳии он (ҷараёнҳои рӯҳӣ, ҳолатҳо ва хусусиятҳо) мебошанд.

Экспертизаи судӣ-рӯҳӣ (психологӣ) масалаҳои зеринро мавриди таҳқиқ қарор медиҳад:

- қобилияти айбдоршавандагони ноболиғи ба қафомондагии ақлонӣ гирифторбуда, ки бо беморихои рӯҳӣ алоқаманд намебошад, дар мавриди пурра кирдори худро дарк кардан;
- қобилияти ҷабрдида ва дуруст дарк кардани ҷиноятхои ҷинсӣ хислат ва аҳамияти кирдорҳои ҷинояткор;
- қобилияти шахс дар мавриди дуруст қабул намудани аҳамияти нишондод додан вобаста ба ҳолатҳои парванда;
- мавҷудият ё набудани ҳолатҳои рӯҳии шахс, ки ӯро ба худкушӣ водор месозад, дар давраи пеш аз марг;
- мавҷудият ё набудани девонагии физиологӣ ва дигар ҳолатҳои хаяҷони руҳии шахс дар лаҳзаи содиркунии ҷиноят;
- фишори рӯҳӣ (психологӣ) аз тарафи кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ (айбдоршаванда, ҷабрдида ва ғ.) дар давраи тафтиши ҷиноят. [2.с.6]

Экспертизаи судӣ-руҳӣ (психологӣ) ба таври амбулаторӣ аз ҷониби комиссияи коршиносон ё як коршинос гузаронида мешавад.

Марҳилаи муҳими таъйини экспертизаи судӣ-руҳӣ (психологӣ) муайянкардани номгӯи саволҳо мебошад. Ба он саволҳои намунавии экспертизаи судӣ-рӯҳи (психологӣ) дохил мешаванд:

- муайянкунии мувофиқати синну соли инкишофи рӯҳии аз нигоҳи хронологӣ ба дастомада;
- муқарраркунии қобилияти ҷабрдида дар мавриди фаҳмидани аҳамияти амалаҳои таҷовузкор;
-ошкоркунии хусусиятхои асосии инфиродии фаъолияти маърифатии (тафаккур, тасаввурот, идрок, хотира, таваҷҷуҳ) шахс;
- муайнякунии хусусиятҳои хоси рӯҳии (зеҳнӣ, хислатӣ, асосноккунӣ ва ғ.) шахси ташхисшаванда;
- муқарраркунии ҳолати рӯҳии шахс дар лаҳзаи дарки ҳодисаҳо (ашё) ва ғ.

Чанде аз ин саволҳоро баррасӣ мекунем:

Масъала дар бораи мувофиқати синну соли инкишофи рӯҳӣ аз нигоҳи хронологӣ болиғ одатан ҳангоми тафтишӣ ҳуқуқвайронкунии ноболиғони 14-15-сола барои фаҳмидани дараҷаи ҷавобгарии онҳо пайдо мешавад. Одатан, наврасоне, ки бо пешрафти рафтори ношоям фарқ мекунанд, дар вазъияти таназзули оилавӣ-педагогӣ тарбия ёфта, дар байни ҳамсолони худ вазъи зердастонро ишғол менамоянд. Сабаб барои таъйини экспертизаи судӣ-руҳӣ (психологӣ) ё рафтори ғайриодии онҳо ҳангоми содиркунии ҳуқуқвайронкунӣ (олот дар дасти наврасони нисбатан рушдёфта, бартарияти асоснокии шӯхиҳои бачагона ва ғ.), ё нафаҳмидани вазъияти тафтишот мебошад. Дар баъзе ҳолатҳо ҳангоми рафтори зоҳирии шакли адек-

ватӣ, таҷрибаи рафтори ҷиноӣ дар манзари инфантилизми психоиҷтимоӣ пеш меояд. Чунончи, кӯдаконе, ки дар вазъи оилаӣ носолим тарбия меёбанд ва бештар бо кирдори зиддиҳуқуқӣ рӯ ба рӯ мешаванд, моҳияти зиддиқонунии рафторҳои худро дуруст баҳогузорӣ намекунанд, ва сатҳи умумии тасаввуроти онҳо дар бораи хислати байни одамон метавонад дар сатҳи хело паст қарор гирад. [4.с.234]

Ҳамин тавр экспертизаҳои судӣ-тибби дар раванди тафтишӣ ҷиноят ва ошкор кардани сирри ҷиноят мавқеи муҳимро ишғол намуда баҳри мубриза алайҳи ҷиноятҳо муқобили шахсият мавқеи назаррасеро дар амалияи тафтишӣ доро мебошад.

**Адабиёт:**


1. Жариков Н.М., Морозов Г.В., Хритинин Д.Ф. Судебная психиатрия. -М.,1997.
2. Коченов М.М. Введение в судебно-психологическую экспертизу. -М.1998
3. Россинская Е.Р. Судебная экспертиза в гражданском, арбитражном, административном и уголовном процессе. -М.,2005.
4. Сорокотягина Д.А., Сорокотягина И.Н. Судебная экспертиза. -М.,2008.
5. Томилина В.В.Судебная медицина. -М.,1997.
6. Яровенко В.В. Психологическая экспертиза//Проблемы Советского государства и права. - Иркутск,1975. -Вып.11-12.

# МЕХАНИЗМИ СОДИРШАВИИ ҶИНОЯТҲОИ БА ҶИНОЯТИ САВДОИ ОДАМОН АЛОҚАМАНД

# МЕХАНИЗМ СОВЕРШЕНИЯ ПРЕСТУПЛЕНИЙ СВЯЗАННЫХ С ТОРГОВЛЕЙ ЛЮДЬМИ

**Назаров А. К.,**
заведующий кафедрой криминалистики и судебно-экспертной деятельности юридического факультета Таджикского национального университета, кандидат юридических наук, доцент
e-mail: avazjonn@mail.ru

**Научная специальность:** 12.00.12. – криминалистика; судебная экспертиза; оперативно-розыскная деятельность

**Рецензент**: Шарипов Т. Ш., доктор юридических наук, профессор

*Аннотация***:** Механизм совершения торговли людьми предполагает перемещение жертв после заключения в отношении них незаконных сделок, или в целях заключения таких сделок в другие регионы или страны, где они и подвергаются эксплуатации. В связи с этим, традиционно включаемое в криминалистическую характеристику понятие места совершения преступления, отражающее пространственную характеристику преступления на статическом уровне имеет важное значение.

*Ключевые слова***:** торговля людьми, преступление, жертва, незаконные сделки, вовлечение(вербовка),эксплуатация.

# THE MECHANISM OF COMMITTING OF CRIMES CONNECTING WITH HUMAN TRAFFIKING

**Nazarov A. K.,**
Head of the Department of Criminalistics and forensic activities of the Law Faculty, Tajik National University, Candidate of Legal Sciences, Assistant Professor
e-mail: avazjonn@mail.ru

**Scientific speciality:** 12.00.12. – criminalistics; forensic examination; investigation and search activity

**Reviewer**: Sharipov T. Sh., Doctor of Legal Sciences, Professor

*Annotation***:** The mechanism of committing human trafficking involves the movement of victims after the conclusion illegal transactions, or to conclude such transactions in other regions or countries where they are exploited. Therefore, traditionally included in criminalistics characterization of the concept of the crime scene, reflecting the spatial characteristics of the crime on the static level is essential.

*Keywords:* human trafficking, a crime, a victim, unlawful transactions, involving (recruitment), extradition

Мувофиқи моддаи 5-уми Конститутсияи ҶТ “инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои он арзиши олӣ мебошанд” ва дар асоси ин яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи қонунгузорӣ ҳимоя намудани ҳуқуқу озодиҳои шахс аз хамагуна таҷовузи ҷинояткорона ба ҳисоб меравад. Қонунгузории ҷиноятии ҶТ дар боби алоҳида бахри ҳифз намудани озодиҳои шахс аз таҷовуз боби махсусеро пешбинӣ намудааст. Илми криминалистика бахри пешгирӣ, ошкор ва тафтиш намудани ин зухуроти номатлуб яъне ҷиноятхои ба савдои одамон алоқаман, ки ба озодии шахс таҷовуз меорад тафтиши ин ҷиноятҳоро муқаррар намудааст. Яке аз маҳакҳои асосии тафтиши ҷиноятҳои ба гардиши одамон алоқаманд механизми содиршавии он ба ҳисоб меравад.

Монанди дигар намудҳои тиҷорати ҷиноятӣ, ҷинояти савдои одамон низ ба қонуниятҳои муайяни муносибатҳои бозоргонӣ, дар навбати аввал ба қонунҳое чун талабот ва пешниҳодот, инкишофёбӣ, даромаднокӣ, зарурати бақайдгирӣ ва рекламакунонии молҳо ва хизматрасониҳо тобеъ мебошанд.

Омилҳои зикршуда аҳамияти муҳими криминалистӣ доранд, зеро онҳо табиатан ин ва ё он тарзи содиршавии ҷиноят, инчунин хусусиятҳои унсурҳои алоҳидаи онро муайян мекунанд. Илова бар ин, омилҳои зикршуда хусусияти рафънопазирӣ доранд, бинобар ҳамин ҳам ташкилкунандагон ва дигар иштирокчиёни ҷиноятҳои савдои одамон онҳоро тағйир дода наметавонанд ва баръакс маҷбур мешаванд, ки кирдорҳои хешро дар мутобиқати қатъӣ ба онҳо мусаҳеҳ ва роҳандозӣ созанд. Дар акси ҳол самти ҷинояти савдои одамон даромаднокиашро гум карда, худ аз худ барҳам мехӯрад.

Хусусияти хоси ташкилдиҳии самтҳои ҷинояти савдои одамон дар он зоҳир мегардад, ки дар марҳилаи муайяни ташаккулёби, дар сохтори онҳо дометавонад минтакаҳои нисбатан мустақили фаъолият ҷудо карда шаванд, ки фаъолияти онҳо аз тарафи воҳидҳои гуногуни ҷиноятӣ таъмин карда мешаванд.

<u>Макон ва шароитҳои содиршавии ҷинояти савдои одамон.</u>

Механизми содиршавии ҷинояти савдои одамон талаб менамояд, ки баъди нисбати қурбониёни ҷинояти савдои одамон баста шудани аҳдҳои ғайриқонунӣ ва ё бо мақсади анҷом додани чунин аҳдҳо дар дигар минтақаҳо ва ё мамлакатҳо, онҳо аз як макон ба макони дигар интиқол дода шаванд. [7.с.55] Чӣ хеле ки таҳлилҳои таҷриба нишон медиҳанд, чунин ҳолатҳои ҳамлу нақли қурбониён дар парвандаҳои ҷиноятӣ ҷой доранд. Ҳамзамон, қурбониёни ҷинояти савдои одамон тавассути як ва ё якчанд минтақаҳои транзитӣ интиқол дода мешаванд, ки дар он ҷо онҳо метавонанд мавриди хариду фурӯш, истисмор ё ин ки пинҳоннамоии муваққатӣ дар ҳуҷраҳои муваққатӣ (барои мусофирон таиншуда) қарор дода шаванд.

Вобаста ба ин мафҳум чун анъана ба тавсифи криминалистӣ макони содиршавии ҷиноят, ки тавсифи фазоии ҷиноятро дар сатҳи статикӣ (беҳаракат) инъикос менамояд, мо ба мафҳуми васеътар яъне ҷойивазкунии қурбониёни ҷинояти савдои одамон иваз менамоем, ки унсурҳои макон ва алоқаҳои ҳодисаи ҷиноятиро дар динамика (инкишофёбӣ) пайгирӣ менамояд. Моҳиятан, хатсайри роҳи ҷинояти савдои одамон таркиби маконии онро ташкил медиҳад. Вобаста ба намуди ҷинояти аз тарафи мо баррасишаванда, мафҳуми хайтсайр нисбат ба мафҳуми анъанавии ҷои содиршавии ҷиноят иттилооти нисбатан пурратар ва комилтарро дар бар мегирад. [4.с.121]

Хатсайри ҷинояти савдои одамон дорои чунин унсурҳо мебошад:

1) Мамлакатҳое, ки дар онҳо қурбониён дар ҷараёни омодагӣ, содирнамоӣ ва пинҳонкунии ҷиноят қарор доранд:

а) мамлакатҳое, ки дар онҳо қурбониёни эҳтимолӣ ва минбаъд воқеии ҷалбшуда ва ё рабудашуда қарор доранд. Чунин воҳидҳои марзиву маъмурӣ мутобиқи истилоҳоти умумиэъти-

рофшудаи байналмилалӣ-ҳуқуқӣ мутаносибан, минтақа ва ё мамлакатҳои баромад (давлати зуҳур) номида мешаванд;

б) мамлакатҳое, ки ба онҳо қурбониён барои буду боши муваққатӣ бо мақсади осон гардидани интиқоли ғайриқонуниашон ба ҳудуди дигар давлатҳо, истисмори муваққатӣ, муомилот, пинҳоннамоии муваққатӣ ва ғ. оварда шудаанд. Мутобиқи истилоҳоти умумиэътирофшудаи байналмилалӣ чунин воҳидҳои марзиву маъмурӣ мутаносибан, минтақаҳо ва ё мамлакатҳои транзитӣ номида мешаванд;

в) мамлакатҳои охирини интиқоли қурбониён, ки дар ҳудуди онҳо истисмори қурбониён ба роҳ монда мешавад. Тибқи истилоҳоти умумиэътирофшудаи байналмилалӣ чунин воҳидҳои марзӣ минтақаҳо ва ё мамлакатҳои таиншуда (яъне, барои истисмори қурбониён муайяншуда) (давлати таъиноти) номгузорӣ шудаанд.

2) Самти интиқоли ҷабрдида дар макон. Унсури мазкур унсури динамикии хатсайри ҷинояти савдои одамон ба шумор меравад.

Хатсайри савдои одамонро метавон ба локалӣ ва трансмиллӣ; оддӣ ва мураккаб; воридотӣ, содиротӣ ва воридотӣ-содиротӣ таснифбандӣ намуд.

Тавсифи савдои одамон

Хусусияти фарқкунандаи ҷинояти савдои одамон дар он аст, ки он ҷинояти давомнок мебошад. Чӣ хеле ки таҷриба нишон медиҳад, қисми зиёди вақтро марҳилаҳои пеш аз содиршавӣ ва баъди содиршавии ҷиноят, бахусус – пайдо намудани харидорон барои бастани аҳдҳои ғайриқонунӣ нисбати инсон, ҷустуҷӯ ва ҷалб намудани қурбониён, тартиб додани ҳуҷҷатҳои шахсӣ ва хориҷӣ ишғол менамояд. Худи ҳолати истисмори қурбониён ҳам хусусияти давомдор дорад. Чунончӣ қаблан қайд намуда будем, барои қурбониёни ҷинояти савдои одамон хусусияти ҷиноятӣ доштани ҳаракатҳои нисбати онҳо содиршаванда, яъне ба самти истисмор равона кардани онҳо, ҳамчун қоида баъди фаро расидани оқибатҳои ба ҷамъият хавфнокии ҷиноят маълум мегардад. Ҳамзамон, аз лаҳзаи ҷалби ҷабрдида то замони саршавии истисмори ӯ доираи вақти зиёде мегузарад, чӣ хеле, ки таҷриба нишон медиҳад аз як то чор моҳ. Дар ин муддат ҷабрдидагон алакай дар ҳудуди дигар маҳал ва ё ҳатто давлат қарор доранд. Зимнан, бо таъсири омилҳои гуногун, бахусус – маҷбуркунии ҷисмонӣ ва рӯҳӣ, маҳдудсозии озодии ҳаракат, дар ҳамроҳии муҳофизон интиқол ёфтан, бо ҷалб намудан ба ҷавобгарии ҷиноятӣ тарсонидан, дар муҳити иҷтимоии бегона бе ҳуҷҷат қарор доштан ва дигар ҳолатҳо ҷабрдидагон намехоҳанд ва ё имконияти бо аризаи дахлдор ба мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ муроҷиат карданро надоранд. [5.с.32]

Ба шоҳидони ҳодисаи ҷиноятӣ метавон ашхосеро мансуб донист, ки дар ин ё он шакл ҷараёни тайёрӣ, содирнамоӣ ва ё пинҳонкунии ҷиноятро дар маҷмӯъ ва ё унсурҳои алоҳидаи онро мушоҳида намудаанд, инчунин дар он иштирок карданд, ба истиснои ашхоси содирнамудаи ҷиноят, инчунин ашхосе, ки барои истисмори онҳо ҳаракатҳои ҷиноятӣ равона шуда буданд (қурбониёни бевоситаи савдои одамон). Шоҳидони ҳодисаи савдои одамонро шартан метавон ба се гурӯҳ ҷудо намуд:

1) ашхосе, ки худ надониста дар тайёрӣ, содирнамоӣ ва пинҳонкунии ҷиноят ва ё фаъолияти ҷиноятӣ мусоидат намудаанд:

а) ҷалбкунандагони иловагӣ – шахсоне, ки бидуни воқифӣ (яъне оиди мақсадҳои ҷиноятӣ хабар надоранд), бар ивази мукофотпулӣ шахсан ба ҷалби қурбониён машғул мешаванд;

б) кормандони кироячи агентиҳои сайёҳӣ, муд, никоҳӣ, агентиҳои шуғли аҳолӣ ва дигар ширкатҳо, ки бо мақсади вонамуд сохтани ҳаракатҳои ҷалбкунӣ барои истисмори одамон таҳти фаъолияти қонунии соҳибкорӣ сохта шудаанд;

в) иҷорадиҳандагони биноҳои истиқоматӣ ва ғайриистиқоматӣ, ки доир ба мақсадҳои истифодабарии бинои пешниҳодкардаашон аз тарафи иҷорагирон воқиф нестанд ва дар онҳо ҷалбнамоӣ, пинҳонкунӣ ва ё истисмори қурбониёни ҷинояти савдои одамон сурат

мегирад;

г) ашхосе, ки бидуни огоҳӣ аз мақсадҳои аслии ташкилот, ин ва ё он самти фаъолияти онро пеш мебаранд, аз ҷумла муҳосибон, пешхизматон, барменҳо, ронандагон, муҳофизон ва ғайра;

д) кормандони ширкат, ки ба тартибдиҳӣ ва расмикунонии ҳуҷҷатҳои зарурӣ барои интиқоли ҷабрдида ба ҷои истисмори ӯ, машғул мебошанд.

2) Ашхосе, ки ҳодисаи ҷиноят ва ё унсурҳои алоҳидаи онро мушоҳида намуданд, аммо ба ҷараёни содиршавии он таъсир нарасониданд. Ба гурӯҳи мазкур чунин ашхос метавонад дохил гардад:

а) ашхоси дар ҳамсоягӣ бо биное, ки дар он ҷалбнамоӣ, пинҳонкунӣ ва ё истисмори қурбониёни ҷинояти савдои одамон сурат мегирад, зиндагӣ ва ё кору фаъолият кунанда;

б) шоҳидони рабудани одам, ки нисбати он минбаъд ҷинояти аз тарафи мо баррасишаванда содир шуда аст;

в) ашхосе, ки нисбати онҳо кӯшиши ҷалбнамоӣ сурат гирифтааст, вале онҳо бо сабабҳои гуногун даст кашидаанд;

г) шоҳидони ҳамлу нақли иштирокчиёни мустақим дар макон – ҳамсафарон, стюардесҳо, роҳбаладон, ронандагони автобусҳо ва ғайра.

3) Ашхосе, ки донисташу надониста ба рафти тайёрӣ, содиршавӣ ва ё пинҳон намудани ҷиноят монеа шудаанд. Ба гурӯҳи мазкур пеш аз ҳама бояд ашхосеро мансуб донист, ки бо ҷабрдида алоқаи хешу таборӣ ва ё дустӣ дорад. Ҳамчун қоида, ҷабрдидагони озодиашон маҳдудшуда, маҳз ба чунин ашхос тавассути алоқаи мобилӣ ва ё бо тарзи дигар бо дархости кӯмаку ёрӣ хабар медиҳанд.

<u>Тарзҳои маъмули содирнамоӣ ва пинҳонкунии ҷиноят</u>

Тарзи содиршавии ҷиноят гуфта, низоми ҳаракатҳои ба ҳам алоқамандро вобаста ба тайёрӣ, содирнамоӣ ва пинҳонкунии ҷиноят меноманд, ки ба қасди ягона муттаҳид буда, бо назардошти шароитҳои муҳити беруна ва хосиятҳои психологии шахсият муайян карда мешавад. [1.с.215] Бо мақсади банизомдарорӣ, метавон тамоми ҳаракатҳои дар маҷмӯъ ташкилкунандаи тарзи содиршавии ҷиноятро ба марҳилаҳои пай дар пай якдигарро ивазкунанда ҷудо намуд, ки аз ҳаракатҳои ба ҳам алоқаманд иборат буда, дар атрофи вазифаҳои умумӣ муттаҳид шудаанд. Саранҷом ҳар яке аз вазифаҳо барои ба мақсади умумии ҷиноятӣ расидан, равона гардидааст. Чӣ тавре ки таҳлили таҷрибаи тафтишӣ нишон медиҳад, тарзи содиршавии ҷинояти савдои одамон марҳилаҳои зеринро дарбар мегирад:

<u>Марҳилаи 1-ум.</u>

Пайдо намудани қурбониёни эҳтимолӣ барои мақсадҳои савдои одамон.

Вазифаи мазкур тавассути ба роҳ мондани ҳаракатҳои зерин ҳал карда мешавад:

- ҷустуҷӯи қурбониён тавассути рафиқон ва шиносон;
- шиносоӣ бо қурбониёни эҳтимолӣ дар кӯчаҳо, клубҳо, тарабхонаҳо ва дигар маишатхонаҳо;
- интишор намудани эълонҳои бардуруғи рекламавӣ дар воситаҳои ахбори омма – маҷалаҳо, газетаҳо, шабакаҳои телевизионӣ, шабакаи байналмилалии Интернет;
- ҷустуҷӯи қурбониёни эҳтимолӣ миёни ашхоси бекор дар бозори меҳнат;
- ҷустуҷӯи қурбониён дар доираи гурӯҳҳои муайяни иҷтимоӣ, гурӯҳҳое, ки соҳаи фаъолияти муайянро ишғол менамоянд, системаҳои инфарматсионии муассисаҳои махсусгардонидашуда, масалан, миёни ашхосе, ки ба фоҳишагӣ машғул мебошанд, миёни ашхосе, ки узв ва бофтаҳои солим доранд бо истифодаи картотекаи муассисаҳои тиббӣ, ки дар онҳо маълумот оид ба вазъи саломатӣ ва гурӯҳи хун мавҷуд аст, дар таваллудхонаҳо миёни кӯдакони навтаваллудшуда, ки волидайнашон аз онҳо даст кашидаанд, миёни ашхоси бемории рӯҳидошта ва ё маъюби модарзод барои дар шакли талбандагӣ истисмор намудани онҳо.

<u>Марҳилаи 2-ум.</u> Маҷбур намудани қурбонии эҳтимолӣ барои анҷом додани амали муайян ва моил намудани ӯ ба

соҳаи савдои одамон, ё ин ки бо истифодаи зуроварӣ таҳти ихтиёри худ даровардани ӯ.

Ҳалли вазифаи мазкур талаб менамояд, ки рафтору ҳаракатҳои қурбонии эҳтимолӣ таҳти назорат қарор дода шавад ва ӯ тавассути зӯроварӣ бошад ё фиребу найранг мутеъ гардонида шавад. Дар рафти иҷрои вазифаи мазкур, аз тарафи савдогарони одамон метавонад ҳаракатҳои зерин содир карда шавад:

- рабудани қурбонии эҳтимолӣ ва маҳви иродаи муқобилиятнокиаш тавассути нигоҳдории ӯ дар бинои таҳти назорат қарордошта, инчунин бо роҳи ба организми ӯ дохил намудани моддаҳои таъсири гуногундошта, ки ҷараёнҳои психикиро муваққатан аз фаъолият боз медоранд;
- ҷалбнамоӣ.

Унсури психологие, ки ҷабрдидагонро барои муроҷиат намудан ба ҷалбкунандагон ва ба шартҳои пешниҳодкардаи онҳо розӣ шудан водор месозад – ин маблағи калони пулии пешниҳоднамуда мебошад. Дар баъзе ҳолатҳо, чун қоида, ҳангоми истисмори шаҳвонӣ, дар рафти сӯҳбатҳои шахсӣ ба ҷабрдидагон хусусияти ҳақиқии фаъолияти онҳо хабар дода мешавад, масалан машғул шудан ба фоҳишагӣ, меҳнат кардан дар бозори ғайриқонунӣ ва монанди ин, аммо ба ин нигоҳ накарда, бо назардошти маблағи пулии ваъдашуда, аксариати ҷабрдидагон барои мавриди истисмори шаҳвонӣ қарор гирифтанашон розигӣ медиҳанд.

Ҳамчунин ба ҷалбкунандагон истифода аз ҳолати вобастагии қурбониён низ хос мебошад. Ба вуҷуд омадани чунин ҳолат метавонад аз тарафи савдогарони одамон маҳз ба ҳамин мақсад ташкил шуда бошад (масалан, ба қурбонии эҳтимолӣ ҳамчун қарз пешниҳод намудани маблағҳои калони пулӣ, дар ҳоле ки ҷинояткорон қаблан оиди баргардонида натавонистани он аз тарафи онҳо медонистанд, дар ҳолати вобастагӣ аз моддаҳои нашъадор қарор додани қурбонии эҳтимолӣ) ё ин ки он аз қонун ва ё дигар санади меъёрии ҳуқуқӣ (масалан, вобастагии кӯдакон аз волидайн, ноболиғон аз васиёну парасторон, тобеон аз роҳбарон), инчунин аз муносибатҳои шахсии байниҳамдигарӣ (масалан, суистифода аз муносибатҳои рафиқона, ишқу муҳаббат ва ё вобастагии дигари қурбонӣ) бармеояд.[2.с.55]

Марҳилаи 3-ум.

Ҷустуҷӯи харидорон ва бо онҳо бастани аҳдҳои ғайриқонунии хусусияти молумулкидошта нисбати ашхоси таҳти ихтиёр ҷалбгардида.

Ҷустуҷӯи харидорон метавонад ба воситаи чунин ашхос ба роҳ монда шавад:

- тавассути рафиқон ва шиносон;
- ба воситаи шабакаи умумиҷаҳонии Интернет;
- тавассути кормандони хадамоти шуғли аҳолӣ, ки оид ба корфармоёни ба корманд эҳтиёҷдошта иттилоот дар ихтиёр доранд;
- тавассути ашхосе, ки ба истисмори одамон машғуланд, масалан, нигоҳдорандагони фоҳишахона, соҳибони корхонаҳои истеҳсолии гуногуни ғайриқонунӣ;
- тавассути кормандони муассисаҳои тиббӣ, ки ба трансплантатсияи узв ва бофтаҳои инсон, инчунин тадқиқоти илмӣ дар соҳаи тиб машғуланд;
- тавассути роҳбарони воҳидҳои мутташаккили ҷиноятӣ, ки ин ва ё он намуди тиҷорати ҷиноятии ба истисмори одамон алоқамандро таҳти ихтиёр доранд, масалан талбандагӣ.

<u>Марҳилаи 4-ум.</u>

Ба макони таиншуда интиқол додани қурбониён ва ба харидорон пешниҳод намудани онҳо.

Ҳалли вазифаи мазкур бо роҳи анҷом додани ҳаракатҳои зерин амалӣ карда мешавад:

- ҳамлу нақли ғайритранзитии ҷабрдидагон аз макони баромад (сукунат) ба макони таиншуда;
- ҳамлу нақли ҷабрдидагон тавассути як ва ё якчанд мамлакат ва ё минтақаи транзитӣ. Чунин тарзи ҳамлу нақл бо мақсадҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

а) пинҳон намудани хатсайри интиқоли қурбониён. Дар ин асно ҷабрдидагони пинҳонкарда муддати муайяне

дар ҳуҷраҳои муваққатӣ нигох дошта мешаванд, сипас ба макони таъиншуда сафарбар карда мешаванд;

б) ҷамъшавии шумораи зарурии қурбониён барои ҳамлу нақли дастаҷамъии онҳо ба макони таъиншуда;

в) истисмори муваққатӣ дар қаламрави давлатҳои транзитӣ;

г) муомилот (хариду фурӯш) дар қаламрави давлатҳои транзитӣ;

д) интиқоли қурбониён ба мамлакати таиншуда дар ҳолатҳое, ки интиқоли мустақими онҳо аз мамлакати баромад мушкил мебошад.

Вобаста ба шакли иштироки савдогарони одамон дар ҷараёни ҳамлу нақли қурбониён навъҳои зерини ҳамлу нақли он фарқ карда мешавад:

▪ ҳамлу нақли ихтиёронаи ҷабрдидагон ба макони таиншуда тавассути хатсайри нишондодаи савдогарони одамон, бидуни ҳамраҳӣ, ки дар ин сурат ашхоси ҷиноятсодиркунанда ҳамлу нақлро маблағгузорӣ менамоянд, бо ҳуҷҷатҳои зарурии қалбакӣ ва ё қонунӣ таъмин менамояд, вохӯрии онҳоро дар макони таиншуда ташкил мекунад;

▪ ҳамлу нақли ихтиёронаи ҷабрдида дар ҳамроҳии қосид (курер);

▪ ҳамлу нақли маҷбурии ҷабрдида тавассути истифодаи зӯроварӣ ва маҳви муқобилияти ӯ бо роҳи бастан, дар бағоҷдони воситаи нақлиёт андохтан, ба организми ӯ ворид сохтани моддаҳои гуногуни бездорандаи ҷараёнҳои психикӣ ва ғайра.

Марҳилаҳое, ки мо баррасӣ намудаистодаем метавонад пеш аз ҳаракатҳо вобаста ба таъмин намудани қурбониён бо ҳуҷҷатҳои зарурӣ барои интиқоли онҳо ба макони таиншуда, ҷой дошта бошанд. Ба чунин ҳуҷҷатҳо инҳо мансуб ҷониста мешаванд:

▪ шиносномаи умумишаҳрвандӣ;

▪ шиносномаи хориҷӣ;

▪ даъватнома, раводид, чеки роҳ, ҳуҷҷатҳои тиббӣ, суғуртавӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои зарурӣ барои ба даст овардани раводид ва ё убур намудани сарҳади давлатии мамлакати таиншуда.

<u>Марҳилаи 5-ум.</u>

Татбиқ намудани чораҳои таъсиррасонӣ нисбати ҷабрдидагон бо мақсади фурӯ нишондани иродаи муқобилиятнишондиҳии онҳо, таҳаммул кардани ҳолати қарордоштаашон ва таъмини назорат аз болои рафтору кирдори онҳо, амалӣ карда мешавад.

Ҳаракатҳое, ки дар якҷоягӣ марҳилаи мазкурро ташкил медиҳанд метавонад маҷмуан дар марҳилаи муайян содир карда шаванд, чун қоида баъди интиқоли ҷабрдида ба макони истисмори ӯ, аммо чанде аз онҳо дар марҳилаҳои дигари содиршавии ҷиноят ҳам ҷой дошта метавонад. Бо мақсади ҳалли вазифаҳои мазкур аз тарафи савдогарони одамон нисбати ҷабрдидагон чораҳои зерин истифода шуданаш мумкин аст:

<u>Аз ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи шахсият маҳрум намудани ҷабрдида.</u>

Дар сурати мавҷуд набудани ҳуҷҷатҳои зикршуда, ҷабрдидагон воқеан ҳам аз имконияти баргаштан ба ватани аслии хеш, муроҷиат намудан ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дар баъзе мавридҳо гашту гузори бехатар дар шаҳр маҳрум мегарданд. [3.с.26]

<u>Таъсиррасонии рӯҳӣ.</u>

Чунин шакли таъсиррасонӣ метавонад дар истифодаи таҳдиди маҳрум сохтан аз ҳаёт ва ё расонидани зарар ба саломатӣ, раво дидани таҷовуз, несту нобуд кардани молу мулк нисбати ҷабрдида ва ё наздикони ӯ; мунтазам паст задан ва ё таҳқир намудани шаъну эътибори инсонӣ; таҳдиди паҳн намудани маълумотҳои беобрукунанда; дар расонидани зарар истифода бурдани алоқаҳои шахсӣ (рафиқона) миёни кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, инъикос ёбад. Махсусан бояд чунин намуди таъсиррасонии рӯҳӣ ба монанди моил намудани ҷабрдида ба содир намудани ҷиноят ва ё дигар намуди ҳуқуқвайронкунӣ ва минбаъд иръоб намудани (шантаж) ҷабрдида бо таслим намудани ӯ ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқи мамлакати таиншуда, қайд карда шавад. [6.с.594]

<u>Таъсиррасонии ҷисмонӣ ва маҷбур намудан ба рафтори муайян.</u>

Ин шакли маҷбуркунӣ метавонад дар лату куби мунтаззам ва ё якдафъаинаи ҷабрдида, расонидани зарарҳои да-

раҷаи гуногундошта ба саломатӣ, азобу шиканҷа, маҳдуднамоии озодии ҳаракат, ки дар бинои тангу торик ҷой кардани ҷабрдидаро талаб мекунад, манъ кардани гашту гузори ӯ ба ҷуз аз ҳудуди бинои мазкур бе ҳамраҳии муҳофиз ва дигар ҳолатҳо, ифода ёбад. Бо мақсади ба фоҳишагӣ моил намудани шахс, нисбати он метавонад таҷовуз ба номус ва ё ҳаракатҳои дигари хусусияти шаҳвонидошта анҷом дода шавад.

<u>Қасдан дар вазъияти асорати қарзӣ ва ё дигар ҳолати вобастагӣ қарор додани ҷабрдида.</u>

Масалан, баъди ба макони истисморшавӣ интиқол додани ҷабрдида ва хабар додан оид ба шароитҳои воқеии фаъолият зарур меояд, ки маблағҳои муайяни пулиро, ки барои таъмини ҳуҷҷатҳо ва интиқоли ӯ харҷ карда шудааст, баргардонад ва ё онҳоро дар шакли асл дар ҷараёни истисморвиаш кор карда диҳад.

Ҳамчун қоида, дар чунин ҳолатҳо маблағи аз ҷабрдида талабшаванда якчанд маротиба аз хароҷотҳои воқеии барои ҳуҷҷатнигорӣ ва ҳамлу нақл сарфшуда зиёд мебошанд.

Ба хароҷотҳои ҷорие, ки фаъолияти муътадили самти савдои одамонро таъмин менамояд дохил мешаванд:

- интишори эълонҳои рекламавӣ бо мақсади ҷалби қурбониёни нав ба соҳаи савдои одамон, инчунин ҷалби истеъмолкунандагони хизматрасониҳои онҳо;
- пешниҳод намудани маблағҳои қарзӣ ба қурбониёни эҳтимолӣ бо мақсади дар асорати қарзӣ ва ҳолати дигари вобастагӣ қарор додани онҳо (яъне, гурӯҳҳои ҷиноятӣ қаблан медонанд, ки чунин шахс имконияти баргардонидани маблағи қарзро надорад);
- бо ҳуҷҷатҳои қалбакӣ ва ё қонунӣ, раводид ва дигар ҳуҷҷатҳо таъмин намудани қурбониёни савдои одамон, инчунин хароҷотҳо вобаста ба ҳамлу нақли онҳо ба макони истисморашон;
- пардохти музди меҳнати ашхоси истисморшаванда, нигоҳубини онҳо, дар баъзе мавридҳо табобати онҳо, харидории лавозимоти истисморӣ, масалан маҳсулоти мадҳушкунанда;
- пардохти музди меҳнати ашхосе, ки ба фаъолияти канали ҷинояти савдои одамон мусоидат менамоянд, масалан кормандони кирояи ташкилоте, ки таҳти вонамудсозии фаъолияти қонунӣ ба ҷинояти савдои одамон машғул мебошад, ҷалбкунандагони иловагӣ, ки фаъолияти ҷалбнамоиро бо истифодаи телефонҳои шахсӣ, ронандагон, муҳофизон, ҳайъати хизматрасони маконе, ки истисмори қурбониёни ҷинояти савдои одамон сурат мегирад;
- иҷорапулӣ, таъмиру азнавсозӣ ва муҳофизати биноҳое, ки дар онҳо ҷалбнамоӣ, пинҳоннамоии муваққатӣ, истиқомат ва ё истисмори қурбониёни ҷинояти савдои одамон ба роҳ монда мешаванд.

Дар баробари он ки ҷабрдидагон бо роҳи ихтиёрӣ ва ё маҷбурӣ дар содир намудани ҷиноят ба одамонҷалобон бевосита мусоидат менамоянд, ҳамзамон дар бештари мавридҳо аз тарафи онҳо вонамуд сохтан ва рӯпуш намудани изҳои ҷиноят ва муқовимат нишон додан ба рафти тафтишот ба назар мерасад, ки он дар даст кашидан аз додани ариза бо пеш овардани ҳар гуна баҳона, даст кашидан аз додани нишондоде, ки метавонад шахсияти ҷинояткорон ва ё маҳалли буду бошти онҳоро ошкор созад, ифода меёбад.

Таҳлили таҷрибаи чунин муқовиматҳо имконият медиҳад, ки сабабҳои маъмуле, ки ҷабрдидаро ба чунин кирдор водор месозад ҷудо карда шавад:

- барои мавриди истисмор қарор гирифтан розӣ будани ҷабрдида ва хоҳиши тағйир додани чунин ҳолатро надоштани ӯ;
- урфу одатҳои ҳаётии зиддиҷамъиятии ҷабрдида, ки бо ғояҳои ҳамкорӣ бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мувофиқ нестанд;
- тарсу хавфи истифода шудани ҷазои ҷисмонӣ нисбати ҷабрдида ва ё наздикони ӯ;
- ҳазар кардан аз паҳн шудани маълумотҳои пастзанандаи шаъну шараф ва обрӯи ӯ ва наздиконаш, масалан машғул шудани ӯ ба фоҳишагӣ;
- омилҳои алоҳидаи психологӣ, аз

ҷумла надоштани хоҳиши вонамуд сохтани хотираҳои манфӣ оиди ҳодисаи гузашта.

**Адабиёт:**


1. Белкин Р.С. Криминалистическая энциклопедия. М.,2002.
2. Буряк М.Ю. Торговля людьми и борьба с ней (криминологические и уголовно-правовые аспекты). Дис... канд. юрид. наук. Владивосток, 2005;
3. Варданян А.А. Особенности расследования преступлений, связанных с торговлей людьми. Ростов-на –Дону,2012.
4. Гавло В.К. К вопросу о криминалистической характеристике преступлений. Зопросы повышения эффективности борьбы с преступностью. - Томск: Изд-во Томского гос. ун-та, 1980.
5. Герасимов И.Ф. Общие положения методики расследования преступлений // Криминалистика. - М., 1994.
6. Журавлев С.Ю., Пигаев А.М. Торговля людьми: механизм преступной деятельности, методика расследования. - М., Юрлитинформ, - 2006.
7. Образцова М. М. Криминалистика. Учебник. -М.,1999.
8. Фахруддинов Р. Р. Дисс. Методика расследования торговли людьми. Челябинск 2011.
9. Яблоков Н.П., Самошина З.Г. Общие положения криминалистической методики расследования //Криминалистика. - 3-е изд. перераб. и доп. - М.: Юристь, 2005.

# КОНСТИТУЦИЯ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН И ГРАЖДАНСКИЙ КОДЕКС РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН: ЭССЕ О «СКРЫТЫХ» КОЛЛИЗИЯХ

**Сулаймонов Ф. С.**,
доцент кафедры международного права юридического факультета Таджикского национального университета, кандидат юридических наук.
e-mail: inter.law@gmail.com

**Научная специальность**: 12.00.03 — гражданское право; предпринимательское право; семейное право; международное частное право

**Рецензент**: Рачабов М. Н., кандидат юридических наук, доцент

*Аннотация*: В процессе закрепления норм Конституции Республики Таджикистан в законодательных актах не всегда удается передать суть, содержание, составляющий «дух» конституционно-правовых норм, в «передаваемые» нормативные правовые акты. Такое положение отрицательно влияет на развитие общественных отношений, могут создавать коллизии при применении норм отдельных нормативных правовых актов, что в конечном результате будет идти вразрез интересам участников общественных отношений, их субъективным прав. В этой связи в статье автором рассмотрен ряд вопросов коллизионного свойства, которые возникают в свете развития как конституционного, так и гражданского законодательства Республики Таджикистан.

*Ключевые слова*: собственность, коллизия, Конституция, Гражданский кодекс

# CONSTITUTION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AND THE CIVIL CODE: AN ESSAY ON THE «HIDDEN» COLLISIONS

**Sulaimonov F. S.,**
Assistant Professor of the Department of International Law of the Law Faculty, Tajik National University, Candidate of Legal Sciences
e-mail: inter.law@gmail.com

**Scientific specialty**: 12.00.03 — civil law; entrepreneurial law; family law; international private law

**Reviewer**: Rajabov M. N., Candidate of Legal Sciences, Assistant Professor

*Annotation*: In the process of fixing the rules of the Constitution, in the legislation, it is not always possible to convey the essence and content constituted the «spirit» of the constitutional and legal provisions in the «transmitted» normative legal acts. This situation negatively affects to the development of social relations, can create conflicts in the application of certain regulations, that in the result would run counter to the interests of the participants of public relations, their subjective rights. In this regard, the author discusses a number of conflict issues that become actual meaning in the light of the development, as constitutional and as well as civil legislation of Tajikistan.

*Key words:* property, conflict, the Constitution, the Civil Code

Конституция Республики Таджикистан как основной источник права Республики Таджикистан, играет самую главную роль в регулирования общественных отношений различного характера. Правовое регулирование общественных отношений нормами Конституции Республики Таджикистан носит трoякий характер:

- *во-первых*, нормы Конституции Республики Таджикистан непосредственно применяются при регулировании общественных отношений, составляющий предмет конституционного права как отрасли права;
- *во-вторых*, нормы Конституции Республики Таджикистан применяются непосредственным образом при регулировании иных общественных отношений, в частности имущественных, семейных, уголовных, процессуальных и т. д.;
- *в-третьих*, нормы Конституции Республики Таджикистан, которые, хотя и по своей правовой природе и требованию Конституции Республики Таджикистан, подлежат непосредственному применению (ч.2 ст.10), однако они «отражаются» в отраслевых законодательствах, к примеру, в Гражданском кодексе Республики Таджикистан (далее ГК РТ), и таким образом, находят свое применение.

Вышеуказанное «отражение» норм Конституции Республики Таджикистан в иных законодательных актах может осуществляться *как прямым путем,* т. е. та или норма Конституции Республики Таджикистан дословно повторяется в отдельных нормативных - правовых актах, к примеру, норма закрепленное в ч.3 ст.10 Конституции Республики Таджикистан, которое повторяется дословно в многих нормативных – правовых актах, так и *опосредованно или в смысловом значении*, при которой смысл определенной конституционной нормы передается иными словами в нормах иных нормативных правовых актов Республики Таджикистан. Следовательно, при опосредованном «отражении», должен быть соблюден «дух» норм Конституции Республики Таджикистан.

Однако, к сожалению, в процессе отражения норм Конституции Республики Таджикистан в иных законодательных актах, не всегда удается передать суть и содержание, составляющий «дух» конституционно-правовых норм, в «передаваемые» нормативные правовые акты. Такое положение отрицательно влияет на развития общественных отношений, могут создавать массу неприятных моментов и коллизий при применении норм отдельных нормативных правовых актов, что в конечном результате будет идти вразрез интересам участников общественных отношений, их субъективным прав.

В этой связи, рассмотрения данного вопроса приобретает актуальное значение в свете развития, как конституционного законодательства, так и гражданского законодательства Таджикистана. Исходя из этого, в рамках данной статьи хотелось бы рассмотреть именно вопрос об «отражении» определенных норм Конституции Республики Таджикистан в ГК.

Как отметили выше, при отражении норм Конституции Республики Таджикистан в ГК, порой случается так, что тот или иное положение Конституции Республики Таджикистан передается в ГК в ином ракурсе. Отсюда возникают определенные коллизия между положениями Конституции Республики Таджикистан и ГК. В подобных случаях, руководствуясь принципом «приоритета норм Конституции Республики Таджикистан над нормами всех нормативных правовых актов», можно сказать, что при несоответствии между нормами Конституции Республики Таджикистан и ГК, все равно будет действовать нормы Конституции Республики Таджикистан. И моль, так что нечего волноваться. Однако, как еще будет сказано ниже, основания для волнения в данном случае существуют, ибо допущения несоответствий между нормами Конституции Республики Таджикистан и иных нормативных правовых актов, в частности и ГК, не может считаться нормальным явлением. Так как, как было отмечено выше, такие моменты причиняют массу проблем в развитие общественных отношений.

Далее, в большинстве случаев, коллизии между нормами Конституции Рес-

